ШАРИФОВ МАҲМАДЁР

ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ – НОҚИДИ ШЕЪР

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА САНОАТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ
ВА ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ

ШАРИФОВ МАҲМАДЁР

ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ – НОҚИДИ ШЕЪР

Душанбе - 2010

О-50
УДК-491.550

Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
ба чоп тавсия шудааст.
Суратмаҷлиси № 7 аз 12 июни соли 2009

Муқарризон: *Хоҷамуродов О.Ҳ.*, профессор. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
Алии Муҳаммадӣ. н.и.ф. Институти шарқшиносӣ ва тадқиқи мероси хаттии Академияи илмҳо.

Муҳаррир: *Қурбон Восиев*, профессор. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Шарифов М.

О – 50 Шамси Қайси Розӣ – ноқиди шеър. Душанбе. «ЭР-граф», 2010. - 156 саҳ.

Рисолаи мазкур ба тадқиқи афкори адабӣ-танқидии мардуми тоҷик бахшида шудааст. Дар рисола ҳаёти илмӣ-адабии Шамси Қайс дар мукоиса бо рӯйдодҳои таърихии замони истилои мугул мавриди тадқиқ қарор гирифта, мақоми ӯ ҳамчун адабиётшиносӣ тирози аввал муайян карда мешавад. Дар рисола нақди шеър ва моҳияти он то асри XIII баррасӣ мешавад. Муаллиф дар ин замина таърихи нақди адабиро таҳлил намуда, таъсири афкори пешқадами илмиро ба марзҳои ҳамҷивору ҳамзабон таъкид мекунад. Мавзӯи марказӣ тадқиқи афкори адабӣ-танқидии адабиётшиноси бузурги асри XIII - Шамси Қайси Розӣ мебошад. Дар охири китоб замимае илова шудааст, ки дар он афкори адабӣ-эстетикии муаллиф ҷамъбаст гардидааст ва он «Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ» ном дорад. Дар ин қисмати китоб Шамси Қайс шоирони ҷавонро мухотаб қарор дода, дар шахси онҳо ҳамаи дӯстдорони шеъру адабро илми шеър таълим медиҳад ва роҳҳои бартараф намудани камомади шеърро ба онҳо меомӯзад.

Китоб барои дӯстдорони шеъру шоирӣ ва илму адаб дастури хеле муфид аст.

Суратмаҷлиси № 7 12 июни соли 2009

1403000000-080
----------2008
M501(12)-2005
ISBN 5-667-01384-4

ББК 10.8+4
© М.Шарифов, 2010

МУНДАРИЧА

Мукаддима 4

БОБИ I.

Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ ва мероси илмӣ - адабии ӯ..... 13

БОБИ II.

Нақди шеър ва моҳияти он то асри XIII дар адабиёти форсу тоҷик 25

БОБИ III.

Назари интиқодии Шамси Қайси Розӣ 53

1. Нақди авзони шеър 65
2. Нақди авзони фаҳлавиёт 72
3. Нақди қофия ва дигар аҷзои зарурии шеър 80
4. Удул ва анвои он 92
5. Нақди санооти бадеӣ 105

Хулоса 116

Адабиёти истифодашуда..... 119

ЗАМИМА

Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ..... 126

Интиҳол..... 140

Салх..... 144

Илмом..... 145

Нақл..... 146

Луғот..... 151

Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон
614

МУҚАДДИМА

Мероси ғании адабиёти халқи тоҷик дорои ганҷҳои бебаҳое мебошад, ки сохибназарона омӯхтан ва ба аҳли илму адаб пешкаш кардани он аз аҳамият холӣ нест. Лекин дар ин замина муайян намудан ва дуруст баҳо додан ба қиммати илмӣ ва адабӣ – эстетикии осори гузаштагонамон аз вазифаҳои муҳими адабиётшиносӣ ба ҳисоб меравад. Инро ҳам бояд илова намуд, ки афкори адабӣ - эстетикии тоҷик таърихи қадима дорад ва дар ин хусус тадқиқоти зиёде ҳам гузаронида шудааст. Мегӯянд, ки он ҷое, ки шеъри аввалин гуфта шуда буд, ноқиди аввалин ҳам ҳузур дошт. Шамси Қайси Розӣ, ки ин рисола баррасии осори интиқодии ӯст, дар асари безаволаш «Алмӯъҷам фӣ маоири ашъорил Ачам» афкори интиқодии пешгузаштагон ва муосиронашро пайгирӣ намуда, ҳар он чиро аз ҳайси интиқоди шеър зарур донистааст, дар баъзе аз фаслу боби асараш зикр намуда, дар охири китоб фаслеро замима намудааст, ки тамоми афкори интиқодиаш дар он ҷамъбаст мегардад.

Рисолае, ки пешкаши шумо карданием, ба афкори интиқодии Шамси Қайси Розӣ бахшида шудааст ва «Шамси Қайси Розӣ-ноқиди шеър» ном дорад. Ин мавзӯъро интихоб кардани мо сабабҳо дорад. Аввал ин ки китоби мазкур дар се шохаи илми адабиётшиносӣ баҳс мекунад ва муаллиф ҳангоми зикри ҳар боб афкори интиқодиашро мувофиқи талаботи ҳамон боб зимни мисолҳои ноқис баён мекунад. Дуввум ин, ки «Алмӯъҷам» нахустин асарест, ки афкори назарии муаллифи он дар як системаи нисбатан муайян гирд оварда шудааст. Ногуфта намонад, ки то таълифи асари мазкур дар адабиётшиносии тоҷик чунин асар вуҷуд надошт. Муаллиф хулосаи афкори интиқодии худро дар охири «Алмӯъҷам» - «Хотимаи китоб», ҷой дода аст. Қисмати мазкур бо унвони «Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ» низ машҳур аст. Шамси Қайс дар ин қисмат бисёр чиҳатҳои эҷоди бадеиро мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷумла оид ба чигунагии «лафзу маъно», «шеъру шоир», «нақду ноқид» ва навоқисоти мутафарриқаи шеър ва усули бартараф кардани он баҳсҳо кардааст.

Интихоби чунин мавзӯъ сабабҳо дорад. Аввалан бояд ба хотир овард, ки омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Шамси Қайси Розӣ баъд аз ба чоп ҳозир кардан ва интишори ин асар аз тарафи Абдулваҳҳоби Қазвинӣ оғоз ёфт. Қазвинӣ китоби «Алмӯъҷам» - ро дар асоси се нусхаи қаламӣ ба чоп ҳозир намуда, ба он муқаддимае низ илова кард / 110 /. Баъдтар, ин асар аз тарафи донишманди дигари эронӣ Мударрис Ризавӣ дар асоси шаш нусхаи қаламӣ такроран интишор ёфт. Мударрис Ризавӣ ба ин нашр муқаддимаи тоза навишта дар хусуси масъалаҳое, ки мусаҳҳеҳи аввал–Қазвинӣ гузошта буд, ҷустуҷӯҳо кард ва муқаддимаашро бо далелҳои тоза пурра намуд/ 111 /.

Пас аз интишори «Алмӯъҷам» донишмандони зиёде ба ин асар тавоҷҷӯҳ зоҳир намуданд. Қисмати зиёде аз арӯзшиносону қофиядонон ва муҳаққиқони илми бадеъ ба он мурочиат карда, дар асоси дастури он асар меофариданд, ё аз он иқтибосҳо оварда фикрашонро исбот мекарданд.

Донишмандони дигаре, ки оид ба таърихи адабиёти Эрон ва улуми адабии он асар офаридаанд, ба мисли Аббос Иқбол дар «Таърихи муфассали Эрон» (71), Маликушшуаро Баҳор дар «Сабкшиносӣ» (95), Саид Нафисӣ дар китоби «Таърихи назм ва наср дар Эрон ва дар забони форсӣ» (107), Забеҳулло Сафо дар асараш «Таърихи адабиёт дар Эрон» (86), Ҷамолиддин Ҳумоӣ дар «Таърихи адабиёти Эрон» (104) ҳангоми зикри ҳолу ахвол ва афкори назарии Шамси Қайс ба ин нашрҳо мурочиат кардаанд. Аммо таҳқиқи афкори адабӣ-эстетикии Шамси Қайс пас аз нашр шудани китоби донишманди Эронӣ Абдулҳусайнӣ Зарринкӯб, «Нақди адабӣ» (73) оғоз ёфт. Ин омӯзишро шартан ба ду марҳила чудо кардан мумкин аст. Ба марҳилаи аввал асарҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо афкори адабӣ-эстетикии Шамси Қайс аз ягон ҷиҳат тадқиқ шудаанд. Ба марҳилаи дуввум бошад, асарҳое мансубанд, ки дар онҳо маҳз афкори танқидии Шамси Қайс мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар китоби «Нақди адабӣ», ки зикри онро болотар оварда будем, афкори адабӣ-эстетикии мардуми Шарқ аз замонҳои қадим то ба ҳол ва инчунин робитаву таъсири адабиётҳои гуногун ба якдигар шарҳ дода мешаванд. Китоби мазкур бори дуввум соли 1976

дар шакли мукаммал дар ду ҷилд интишор ёфт(74). Зарринкӯб пас аз таълифи « Нақди адабӣ» боз як силсила асарҳои дигар таълиф намуд, ки дар онҳо афкори адабӣ-эстетикии Шамси Қайс дахл карда мешаванд. Инҳо «Шеъри бедурӯғ шеъри бениқоб» (75), «Ёддоштҳо ва андешаҳо» (77), «На шарқӣ, на ғарбӣ-инсонӣ» (76) мебошанд.

Аз адабиётшиносони эронӣ Маҳмуди Каёнуш китоберо бо унвони «Қудамо ва нақди адабӣ» (89) таълиф кард, ки он ҳам ба масъалаҳои нақди адабӣ бахшида шудааст. Дар асари мазкур масъалаи нақду ноқид, муносибатҳо оид ба эҷоди бадеӣ (сирқот) ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Каёнуш дар рафти таълифи асараш борҳо ба «Алмӯъҷам» мурочиат карда, афкори назариашро тасдиқ кардааст. Баъдан, як гурӯҳ олимон ба мисли Х.Шарифов(60), А.Сатторов(46), Н.Ю.Чалисова(56), Р.Мусулмонқулов (37), афкори адабӣ эстетикии даврaҳои муайяни адабиёти классикӣ ва инчунин афкори назарии баъзе аз адабиётшиносони гузаштаро таҳти омӯзиш қарор дода, рисолаҳои номзадиву докторӣ дифоъ намудаанд ва дар ин хусус маколаҳои зиёде ҳам таълиф кардаанд.

Таълифи рисолаи номзадии Х.Шарифов «Формирование таджикской литературно-теоретической мысли в X-XI веках», дар ин бахш кӯшиши аввалин аст. Дар ин рисола оид ба масоили манбаҳои адабиётшиносӣ ва дар хусуси воситаҳои асосии ифодаи назарияи шеър баҳс рафта, муаллиф аҳамияти нақди шеърро дар таҳаввули шеъру адаб махсус қайд кардааст(61,74).

Пас аз оғози ин ташаббуси нек, дар ин хусус боз як рисолаи дигар таълиф ёфт, ки он ба қалами Абдунабӣ Сатторов тааллуқ дошта, унвони рисола «Из истории персидско-таджикской литературно-эстетической мысли» (47) аст. Дар ин рисола афкори адабӣ ва эстетикии форсу тоҷик аз даврaҳои қадим то асри XV мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, муаллиф дар фасли ба Шамси Қайс бахшидааш назари хоси ӯро оид ба нақд ва ноқид таъкид карда, аз қиёси таҳлили шеъри шоирон аввалин шуда, ӯро «ноқиди адабӣ» гуфта ном мебарад(47,16).

Тадқиқоти муҳақиқи рус Н.Ю.Чалисова дар мавзӯи «Трактат Ҳадоик ас-сихр фӣ дакаик аш-ши'р» Рашидаддина Ватвота» (57), ки мавзӯи номбурда, унвони рисолаи номзадии вай аст, нишон дод, ки Чалисова дар бисёр маврид афкори адабӣ-эстетикии Рашидаддин Ватвотро дахл карда, баъзан, афкори назарии Шамси Қайсро бо он муқоиса мекунад.

Хулосаҳои дигари муаллифро аз ин хусус дар мукаддимаи китоби «Ҳадоиқ уссеҳр фи дақоиқ ушшеър» (45), ки соли 1985 тарҷима шуда, бо тадқиқ ва ташрехи ӯ ба табъ расидааст, дучор омадан мумкин аст.

Рисолаи доктории Раҳим Мусулмонқулов «Атоуллохи Маҳмуд-и Ҳусейнӣ и вопросы таджикско–персидской классической поэтики» низ чуноне ки аз номи рисола ҳам бар меояд, ба афкори адабӣ-эстетикӣ бахшида шуда, муаллиф дар асоси осори мавҷудаи чопӣ ва дастхат тараққиёти таърихи поэтикаи классикиро /дар давраи асрҳои X-XV/ ҷамъбаст намуда, ҳиссаи ҳар намояндаи алоҳидаро дар ташаккул ва такомули назарияи адабиёти классикӣ муайян мекунад. Муаллиф Шамси Қайсро донандаи хуби нозукиҳои шеър қайд намуда, таҳлилҳои ӯро бо усули диалектикӣ наздик меҳисобад(38,23).

Муаллифи мазкур соли 1977 нашри тасвирии «Бадоеъ ул афкор фи саноеъ ул ашъор» - и Ҳусайн Воизи Кошифиро ба чоп ҳозир карда, дар муқаддимаи он қабл аз Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба нақд ва наққодон рӯ овардани Шамси Қайсро ном мебарад ва дар «Алмӯъҷам» оид ба нақд фасле бахшиданашро таъкид мекунад.

Ба ғайр аз рисолаҳои номбаршуда, адабиёшиносони мазкур як қатор асар ва мақолаҳоеро ба табъ расонданд, ки дар онҳо афкори адабӣ-эстетикии Шамси Қайс мавриди омӯзиш ва муҳокимаҳои ҷиддӣ қарор гирифтааст. Дар ин чо хусусан, мақолаҳои Худоӣ Шарифов «Рисолаи қадитарин роҷеъ ба илми шеър» /1975/(62), «Принсипҳои инъикос ва тарзи эҷод» /1977/ (63), «Шоир ва шеър» /1982/ (65), мукаддимаи китоби мунтахаби «Тарҷимонулбалоға» ва «Ҳадоиқуссеҳр»-ро (37) махсусан кайд кардан лозим аст.

Муаллиф дар ин мақолаҳо баъзе афкори назарии Шамси Қайсро дар нисбати гуфтаҳои дигар адабиётшиносони

салафи вай тахти омӯзиш қарор дода, дар хусуси баъзе аз нукоти адабии вай /62,127; 63, 125/ изҳори мулоҳиза мекунад. Ин ҷо як силсила мақолаҳои адабиётшинос Абдунабӣ Сатторовро низ хотиррасон кардан лозим аст, ки таълифи онҳо боиси равшан шудани як идда ҷиҳатҳои то ба ҳол камомӯхтаи паҳлӯҳои эҷодӣ – илмии Шамси Қайс шудаанд. Дар ин ҷо пеш аз ҳама мақолаи вай «Зинаҳои камолот» - ро /1974/, (49) номбар кардан зарур аст. Аз ин лиҳоз мақолаи дигари муаллифи номбаршуда «Таснифи ҷомеъ ва муфид» /1975/, (51) ба арзиши муайни илмӣ молик аст.

А. Сатторов дар ин мақолааш ба яке аз ҷиҳатҳои хеле муҳими эҷоди бадеӣ – таърифи шеър аз назари Шамси Қайси Розӣ даст зада, таъиноти Шамси Қайсро – таъиноти ба филологҳои форсу тоҷик хос мансуб медонад.

Солҳои охир асарҳое ба вуҷуд омаданд, ки дар онҳо афкори адабӣ – эстетикии адабиётшиносони баъд аз Шамси Қайс ба арсаи адабиётшиносӣ омада, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Инҳо асарҳои Раҳим Мусулмонқулов «Асрори сухан» /1980/, (39) ва «Аттоуллах-и Махмуд-и Хусайни» /1983/, (40) мебошанд. Мусулмонқулов дар раванди тадқиқ ва омӯзиши навъҳои шеърӣ ва инчунин тадқиқи методи эҷодии адибони гузашта ва ҳам афкори адабии Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, борҳо ба афкори назарии пешгузашти вай Шамси Қайс муроҷиат карда, дар муқоиса ва такя бар онҳо фикри худро собит гардонидааст.

Соли 1982 китоби А. Сатторов «Нуқтаи пайванд» (53) ба табъ расид. Ин китоб аз маҷмӯаи мақолаҳо иборат буда, ба ду қисмат ҷудо мешавад. Дар қисмати дуюм мақолае бо унвони «Зинаҳои камолот» /саҳифае чанд аз таърихи нақд/ дарҷ гардидааст. Муаллиф дар ин мақола мухтасаран вазъи танқиди адабиро аз замонҳои қадим то асри XV мавриди баррасӣ қарор додаст. Вай дар мақолаи мазкур ба ҳалли мусбати муаммои лафзу маънӣ мушарраф гардидани Шамси Қайсро таъкид карда, ҳамчун ноқид дар хусуси шеъру шоир мулоҳиза рондани ӯро қайд кардааст/53, 131/.

Баъдан, оид ба се шохаи илми адабиётшиносии гузашта арӯз, қофия ва илми бадеъ, ки имрӯз ҳам дар адабиётамон пурра истифода мешаванд, асарҳои тоза таълиф гардиданд.

Китобҳои «Қофия дар назми тоҷик» (54) ва «Арӯзи тоҷикӣ» (55) ба қалами донишманди маъруф Б. И. Сирус тааллуқ дошта, муаллиф дар рафти таълиф асосан, ба асари Шамси Қайс «Алмӯъҷам» такя карда, дар хусуси баъзе аз афкорӣ назарии Шамси Қайс муҳокимаронӣ кардааст. Ин гуна қайдҳои ӯ хусусан, дар китоби «Қофия дар назми тоҷик» / 54, 7 – 27; 54, 48/ бештар ба назар мерасад. Муаллиф дар ин асараш баъзе камбудиҳои илми қофияро, ки аз тарафи Шамси Қайс қайд карда нашуда буданд, номбар мекунад / 54, 7, 48/ ва дар чанд мавриди дигар / 54, 27 – 43 / фикри худро оид ба ин ва ё он намуди ҳуруфи қофият, ки Шамси Қайс онро андаке дигаргун шарҳ додааст, оварда ва бо далелҳои шайӣ дурустии фикри худро исбот ҳам кардааст.

Китоби «Санъати суҳан» (29), ки онро Т.Зеҳнӣ таҳия намудааст, ба илми бадеъ бахшида шудааст. Асари мазкур дар аввал / 1960 / фақат илми бадеъро шомил буда, дар нашрҳои дуюм / 1967 / ва сеюм / 1979 / ба он «Мухтасари арӯз» низ илова карда шуд. Муаллиф асарашро дар заминаи қисмати илми бадеъи «Алмӯъҷам» навишта, баъзан кутуби дигари адабиётшиносонро низ истифода кардааст ва қисмати «Адавот» - и «Алмӯъҷам»-ро бо каме ислоҳ ва ихтисор ба хонандагон пешкаш карда, вале дар хусуси афкори назарии вай чизе нагуфтааст.

Дигар муаллифе, ки аз қисмати арӯзи «Алмӯъҷам» истифода кардааст, олими Озарбойҷон Акрам Ҷаъфар мебошад. Муаллифи мазкур барои нишон додани хосиятҳои хоси арӯзи озорбойҷонӣ ин баҳрҳоро бо баҳрҳои арӯзи форсӣ мукоиса мекунад(25, 3 – 4).

Соли 1976 китоби «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV» нашр шуд(3). Дар боби шашуми ин китоб, ки онро доктори илми филология Расул Ҳодизода навиштааст, дар фасле оид ба ҳаёт ва фаъолияти Шамси Қайс баҳс меравад/3, 279-283/.Муаллиф зимни омӯзиши «Алмӯъҷам» ба хулосае омадааст, ки дар ин асар фикрҳои танқидию адабӣ бисёранд /3,282/.

Соли 1989 китоби З.М. Буниятов, Государство Хорезмшахов-Ануштегинидов аз чоп баромад. Ҳарчанд

муаллиф аз хусуси Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ бисёр сухан мегӯяд, вале дар ҳеҷ ҷои асараш аз «Алмӯъҷам» ва муаллифи он ёд намекунад (21,19-20).

Ин нишон медиҳад, ки дар солҳои охир дар заминаи тадқиқи осори худи Шамси Қайс ва инчунин дар мавриди омӯзиш ва тадқиқи осори адабиётшиносони баъд аз Шамси Қайс зиста, як қатор асару мақолаҳое таълиф шудаанд, ки дар онҳо диди эстетикии Шамси Қайс борҳо мавриди мулоҳиза, баҳс ва баррасиҳо қарор гирифтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки муаллифони мазкур ҳарчанд афкори адабӣ–эстетики Шамси Қайсро на якбору ду бор дахолат карда бошанд, ҳам ҳеҷ кадоме аз онҳо оид ба афкори адабӣ – танқидии Шамси Қайс, махсусан, баҳс наронда, ё дар ин хусус мақолае таълиф накардаанд.

Марҳилаи дуввуми омӯзиш аз таълифи мақолаҳои маҳз ба афкори интиқодии Шамси Қайс бахшидашуда оғоз меёбад. Аввалин касе, ки оид ба афкори танқидии Шамси Қайс мақолаи ҷудогона бахшидааст, олими шарқшинос Виндфур мебошад. Вай дар мақолааш «Тафсири интиқодии адабиёти форсӣ дар назари забоншинос» (120, 131 - 141) ба қисмати «Адавот»-и «Алмӯъҷам» такя карда, дар хусуси лафзу маъно ва алоқамандии онҳо махсус истодааст. Виндфур масъалаи мазкурро дар вобастагӣ бо шоиру ноқид ва хонанда дахолат карда, афкори илмиашро дар ин бора баён кардааст. Вай алоқамандии адабиётшиносиро бо забоншиносӣ таъкид карда, муваффақияти танқидро дар муносибати хуб доштани забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ медонад. Муаллиф дар ин маврид қайдҳои мусташриқ, Густав Фон Грюнебаумро оид ба мавзӯъҳои танқиди адабиётшиносии гузашта дарҷ карда, ба кадом нуқсонҳо ҳурдагирӣ кардани адабиётшиносони гузаштаро таъкид мекунад (120, 336,-337).

Виндфур чаҳор адавоти Шамси Қайс нишондодаро мавриди баррасӣ қарор дода, дар хусуси қаробати терминҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ махсусан истодааст. Ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки донишманди араб Абдуҷаббор Алмуталлибӣ ба номувофиқӣ ва қабулнашавандагии истилоҳҳои адабиётшиносии Ғарб ва Шарқ, тадқиқоти махсусе бахшида, носозгории онҳоро бо

мисолҳои ачибе аз табиат ва ҳаёти мардуми Шарқ ва Ғарб исбот кардааст(71, 23 - 62).

Масъалаҳои лафзу маъно, шоир ва ноқид, адаботи шеър ва муқаддамоти шоирӣ дар се мақолаи аз тарафи К.Шукруллоев ба табъ расонидашуда низ таҳти баррасӣ қарор гирифтаанд. К. Шукруллоев мақолаҳои «Рӯдакӣ аз назари Шамси Қайс» (1981) (66), «Ноқид ва шоир аз назари Шамси Қайс» (1982 (67), «Мизони сухан ва нақди шеър» (1983) (68) принсипҳои нақди шеърро дар «Алмӯъҷам» татқиқ карда, оид ба баъзе ҷанбаҳои афкори интиқодии Шамси Қайс изҳори акида кардааст.

Аз ҷумла доманаи чунин баҳс дар мақолаи «Ноқид ва шоир аз назари Шамси Қайс » боз ҳам тавсиъа меёбад. Муаллиф дар ин мақолааш афкори назарии Шамси Қайсро оид ба ноқид ва шоир, ки дар қисмати «Адавот»-и «Алмӯъҷам» сабт гардидааст, таҳти баррасӣ қарор додааст. Муаллиф дар мақолаи мазкур баъзе аз нуқоти назарии Шамси Қайсро оид ба чигунагии ноқид ва шоир шарҳ дода, дар дигар мақолаи худ «Мизони сухан ва нақди шеър» таърифи шеърро аз назари Шамси Қайс дахл карда, онро мувофиқи фаҳмиши худ шарҳ медиҳад. Давоми фикри ӯ дар оғози мақола муттако бар қисмати «муққадамоти шоирӣ»-и қисмати «Хотимаи китоб»-и «Алмӯъҷам» аст. Муаллиф дар ин қисмат гуфтаҳои Шамси Қайсро оид ба риояти вазну қофия таъкид карда, таърифи шеъри Шамси Қайсро ба равияи адабиётшиносон мансуб медонад, на ба мантиқиён. Шукруллоев аз қисмати «Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ» боз якчанд фикри Шамси Қайсро оварда, онҳоро шарҳ додааст. Қисмати дигари мақоларо, асосан, фикрҳои дар ду мақолаи болоӣ зикр ёфта ташкил медиҳанд, ки Шукруллоев онҳоро дар поёни мақолааш ба такрор овардааст: Бо вуҷуди ин мақолаи мазкур ва он ду мақолаи боло, ки дар омӯзиши афкори адабӣ-танқидии Шамси Қайс кӯшишҳои аввалин ба ҳисоб мераванд, бесамар нестанд ва барои тадқиқи минбаъдаи ин ҷиҳати афкори адабӣ – эстетикии Шамси Қайс ҳамчун замина хизмат мекунанд.

Адабиётшиноси тоҷик Ю. Бобоев оид ба назарияи адабиётшиносӣ асаре ба табъ расонид, ки он ду бор нашр

шуд. Ин асар «Муқаддимаи адабиётшиносӣ» ном дошта, бори аввал соли 1974 ва бори дуюм соли 1988 такроран нашр шуд. Муаллиф дар ҳарду нашр ҳам ба Шамси Қайс фасле бахшида, нукоти интиқодии ӯро имрӯз ҳам муфиду судбахш донистааст.

Чунон ки маълум шуд, дар бораи ноқидии Шамси Қайс то ҳол ягон тадқиқоти мукаммали назаррас дида нашуд. Мо дар ин рисола кӯшиш кардем, ки роли вайро дар нақди шеъри гузашта то андозае муайян созем. Бинобар тақозои мавзӯи рисола, боби сеюми он ба фаъолияти наққодии Шамси Қайс бахшида шуда, дар ин қисмат дар хусуси маҳорати наққодии Шамси Қайс хусусиятҳои фардии вай ҳамчун ноқиди шеър, мавқеъ ва роли вай дар ташаккулёбии нақди классикии тоҷик баҳс карда мешавад.

Рисола аз мукаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

БОБИ I

ШАМСИДДИН МУҲАММАД БИННИ ҚАЙСИ РОЗӢ ВА МЕРОСИ ИЛМИЮ АДАБИИ Ӯ

Охири асри XII ва ибтидои асри XIII дар таърихи Осиёи Миёна яке аз давраҳои пуршӯртарин ба ҳисоб меравад. Дар ин давра дар Мовароуннаҳру Хуросон хонадони Хоразмшоҳиён Алоуддин Такиш (1172 - 1200) ва писари ӯ Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ (1200 - 1221) ҳукмронӣ мекарданд. Ин сулола бо сабаби бесалоҳиятӣ ва бетадбирии Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ дар ҷанги зидди урдуи Чингизхон ҳокимиятро аз даст дод.*

Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ, ки дар ин боб сухан дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ӯ меравад, дар замони салтанати ана ҳамин хонадон ба дунё омада, фаъолияти илмию адабиашро оғоз кардааст. Соли таваллуди вай маълум нест. Дар қиёси баъзе санаҳое, ки худи Шамси Қайс дар дебочаи «Алмӯъҷам» овардааст тахмин карда мешавад, ки вай дар охирҳои асри XII дар шаҳри Рай (88, 1031) ҳозира наздикии шаҳри Теҳрон ба дунё омадааст. *

Дар бораи ҳаёт ва шарҳи ҳоли вай аз ягон китоби таърихӣ ва тазкира маълумоте ба даст наомад. Аммо баъзе муаллифон, ба мисли Оқомирзо Ҷалолиддини Ҳумоӣ дар «Таърихи адабиёти Эрон» (105, 300), Саид Нафисӣ дар китоби «Таърихи назм ва наср дар Эрон ва дар забони форсӣ», (108, 140) Забеҳулло Сафо дар «Таърихи адабиёт дар Эрон» (88,1031), Маликушшуаро Баҳор дар «Сабкшиносӣ» (96,35), Аббос Иқбол дар асари таърихиаш «Таърихи муфассали Эрон» (72, 518-519), Абдулҳусайн Зарринкӯб «Накди адабӣ» (74, 46,44,67), Мирзо Абдулваҳҳоби Қазвинӣ ва Мударрис Ризавӣ дар «Муқаддима»-и «Алмӯҷам» (98,

---

* Тафсилоти таърихи ҳукмронии ин сулола дар китобҳои Бартолд, В.В. Туркистан в эпоху моголского нашествия. М., 1963., Ғафуров Б.Г. «Таджики», М., 1972, стр. 407 – 409, Муҳаммад ибни Хованднюҳ ибни Махмуд, «Равзат ус сафо», Лакнаву, 1914, ч. 5, сах. 28; Аббос Иқбол, Таърихи муфассали Эрон, Теҳрон, 1312, сах. 20 - 21, Муншии Нисавӣ, Сирати Ҷалолиддин, Теҳрон, 1344, Буниятов З.М. Государство Хорезмшахов – Ануштегинидов М., 1986 оварда шудааст.

109) ва Ҷамшеди Мазоҳирӣ «Дар адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ» (113, 1-4) ҳарчанд дар бораи ҳолу аҳволи Шамси Қайс таваққуф карда бошанд ҳам, берун аз дебочаи «Алмӯъҷам», маълумоти тозае наовардаанд. Дар ин нисбат «Дебочаи»-и «Алмӯҷам» сарчашмаи ягона ва мутаммадест, ки баъзе аз лаҳзаҳои ҳаёти Шамси Қайсро дар бар мегирад. Баъзе лаҳзаҳои дигар дар «Хотимаи китоб», ки бо унвони «Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ» машҳур аст, низ қайд шудаанд.

Санаи аввалине, ки дар дебочаи «Алмӯҷам» нишон дода шудааст, соли 614 (1218) мебошад. Таҳти ин сана Шамси Қайс ба таснифи «Алмӯҷам» пардохта ва аз Хоразм ба Ироқ сафар карданашро шарҳ додаст(112).

Санаи нисбатан муқаддаме, ки дар «Алмӯҷам» нишон дода шудааст, соли 601 (1205) ҳичрӣ аст. Шамси Қайс ин санаро дар қисмати охири «Алмӯҷам», «Адавоти шеър» дар мавзеи ба хидмати вай даромадани Хоҷа Имоми Бухорӣ ном ҳаваскори шеър овардааст(112, 456).

Ӯ баъд аз санаи 601 (1205) ҳичрӣ то муддати 5-6 сол дар Бухоро зиндагӣ кардааст(112,"و")

Дар замони салтанати Хоразмшоҳиён шаҳрҳои тобеъи ин салтанат ба маркази илму дониш табдил ёфтаанд. Ин буд, ки аҳли илм аз тамоми ақнофу атроф рӯ ба пойтахти Хоразм –шаҳри Урганҷ ва дигар шаҳрҳои тобеи ин давлат оварданд. Чунонки маълум мешавад, Шамси Қайси Розӣ ҳам дар он айём дар ин миёна будааст, вале аввал дар шаҳрҳои мухталифи Мовароуннаҳру Хуросон зиста, баъдтар ба шаҳри Марв меояд. Худи Шамси Қайс дар Марв буданашро соли 614 (1218) нишон додаст(112,2).

Чӣ тавр ба даргоҳи Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ роҳ ёфтани Шамси Қайси Розӣ ба мо маълум нест. Дар ин хусус, худи Шамси Қайс ҳам дар дебочаи «Алмӯҷам» чизе нагуфтааст. Вале аз он чиҳат, ки вай ҳанӯз соли 601 (1205) бо Хоҷа Имоми Бухорӣ, ном шоири на чандон ботачриба вохӯрда, нуқсонҳои шеъри ӯро нишон медиҳад ва ба ӯ барои рафъи ин камбудиҳо маслиҳатҳои судбахш медиҳад(112, 456), гумон бурдан мумкин аст, ки вай на танҳо дар илми шеър, балки дар тамоми фурӯоти илми адаб тачрибаи комил

доштааст. Шояд ҳамин нуфузи илмии Шамси Қайс сабаб шуд, ки вайро ба дарбор даъват карданд ва ӯро Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ дар фатҳи мамлакати Ирок бо худ гирифт(10, 474).

Аммо санаи дуюм 614-1218 дар таърихи Осиёи Миёна боз бо як воқеаи бисёр мудҳиши таърихӣ ҳам машҳур аст. Чуноне ки медонем, ҳамлаи урдуи тотору мугул бо сардории Чингизхон дар ҳамин сол ба вуқӯъ пайваст. Маълум мешавад, ки овозаи ҳучуми асокири тотору муғул ду сол давом карда будааст ва Шамси Қайс инро дар дебочаи «Алмӯъҷам» махсусан қайд карда аст. «Ҳучуми куффор ва нучуми фитнаи тотор, ки аз ду сол боз мунташир буд, муҳаққақ гашт» (112, 6).

Аз ғурури ночо ва худписандиҳои Султон Муҳаммад, ки ба сари мардум фитнаи чингизиёнро оварда буд, аҳли илм дар Хоразм ва тавобеи он монданро салоҳ надониста, роҳи муҳоҷиратро пеш мегирифтанд. Як сабаби муҳоҷирати Шамси Қайс ҳам ана ҳамин фитна буд. Ин муҳочират соли 614 – (1218) ба вуқӯъ пайваст ва Шамси Қайс дар рикоби Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ сафари Ирокро пеш гирифт. Ҳанӯз Султон Муҳаммад аз ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон берун нарафта, ҳабари ҳучуми муғулу тоторро ба ӯ расониданд(72, 20 - 22). Вале азбаски Султон Муҳаммад чанд сол қабл бо яке аз дастаҳои муғул задухӯрд намуда, часорати онҳоро бо чашми худ дида буд, таъҷилан ба қафо барнагашта, оқибати мухорибаи шаҳри Самарқандро, ки дар он дастаи бузургеро иборат аз 110 ҳазор аскари тоҷику туркман нигоҳ медошт, назорат намуд(95, 28). Вале бо вучуди истеҳком ва дороии хуби асбоби муҳофизати шаҳр, ҳомиёни дин – козии шаҳр ва шайхулислом хоинона дарвозаи шаҳрро кушоданд ва шаҳрро ба қатлу ғорат доданд(95, 28), Султон Муҳаммад аз ин хабар воқиф шуда, роҳи яке аз вилоятҳои Эрон – Табаристонро пеш гирифт ва дигар бо мубориза бар зидди муғул чора наяндешид(23, 450).

Баъд аз фатҳи Самарқанд Чингизхон ба таъқиби Султон Муҳаммад сар кард. Вай се дастаи 10 – ҳазор нафариро бо сардории се тан аз лашкаркашони озмудааш – Ҷабаҳ Нӯйон, Субутой Баҳодур ва Туғоҷор аз думболи ӯ фиристод ва

таъкид кард, ки то душманро нобуд накунанд, ҳаргиз аз таъқиби ӯ даст накашанд.

Султон Муҳаммад дар ин ҳангом дар Балх буд ва писараш Имодулмулк Рукниддин ба хидмати вай мерасад. Ва ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки ба Ирок биравад ва ба ҷамъ кардани силоҳ машғул бишавад. Вале Султон Муҳаммад аз даст рафтани Бухорову Самарқанд ва хабари таъқиби муғулро шунида боз роҳи гурезро пеш мегирад ва ба Тӯс мерасад(72, 40 - 41). Ин дар рабеъулаввали соли 616 – моҳи майи соли 1220 буд. Азбаски асокири муғул ӯро мунтазам таъқиб мекарданд, вай дар ин шаҳр соате ҳам таваққуф накарда, ба Бастом рафт ва баъд аз он ҷо беруи омада ба қалъаи Фарразин расид. Дар ин шаҳр писараш Султон Ҷалолиддин бо 30 – ҳазор аскар ӯро интизор буд. Вале ин шоҳи бетадбир ва буздил ҳама гуна таклиф ва пешниҳодоти вазирон ва сарлашкарони худро бо баҳонаҳои зиёд рад карда, боз як имконияти ба урдуи муғул зарба задан ва хавфи бартараф кардани забту вайронкориҳои минбаъдаи онҳоро аз байн бурд(72, 40 - 41). Ин кирдори Султон Муҳаммад дастаҳои парокандаи сипоҳиёни давлати Хоразмшоҳиёнро боз ҳам парокандатар кард.

Қайд кардан зарур аст, ки Шамси Қайс дар тамоми роҳи ин сафар ӯро ҳамроҳӣ мекард. Ин муддат чанд маротиба бо лашкари муғул дучор омад «... ва зилли истихдоми эшон кашид» (112, "ҙ ") Моҳи шавволи соли 616 – мутобиқи декабри соли 1220 Султон Муҳаммад бо дастаи Субутой Нӯйон ва Ҷабаҳ Нӯйон дучор омад (72, 41). Дар ин задухӯрд, ки дар пояи қалъаи Фарразин воқеъ гардид, лашкари Муҳаммад Хоразмшоҳ шикаст хурд ва худи Султон бо сабаби он, ки муғулҳо ӯро нашинохтанд, ҷон ба саломат бурд. Шамси Қайс ҳам, ки дар ин муҳориба дар риқоби Султон буд, тасодуфан зинда монд. Китоби «Алмӯъҷам ...» «Бо соири кутуби нафиса», ки Шамси Қайс онҳоро ҳамеша бо худ дошт, дар ин задухӯрд талаф ёфт.

Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ пас аз саргардониҳои зиёд аз таъқиби дастаҳои муғул моҳи шавволи соли 617 – мутобиқи ноябри соли 1221 дар ҷазираи Обаскун вафот кард(72,41).

«Баъд аз гусехта шудани шерозаи Хоразмшоҳиён» Шамси Қайс дар ҳудуди соли 629 - (1227 - 1228) аз Ирок ба вилояти Форс омад ва ба хидмати Атобак Саъд бини Зангӣ бини Мавдуд – аз Атобакони Салғурии Форс, ки аз санаи 599 – 628 (1203 - 1232) дар вилояти форс ва музофоти он ҳукмронӣ кардааст, даромад. Назар ба қавли худи Шамси Қайс Атобак Саъд бини Зангӣ ӯро пазироии хуб кардааст, чунон ӯ гуфтааст: «Ман бандаро дар ҳарими химояти хеш ҷой дод ва бо икрому эъҷоз маҳзуз фармуд» (112, 10). Шамси Қайс дар андак муддат дар зумраи надимони хоси Атобак Саъд бинни Зангӣ ҷой гирифт. Вай дар дебочаи асараш шукронаи он ҳама «ғарибнавозии» Саъд бинни Зангиро бисёр ба тадриҷ ва тафсил зикр кардааст. Маълум мешавад, ки дар ҳудуди панҷ сол, яъне то поёни умри Атобак Саъд бини Зангӣ дар мартабаи эҳтиром ва иззат будааст, ки ин аз санаи 1227 то 1231– ро дар бар мегирад. Баъд аз вафоти ӯ ва ҷулуси писараш Атобак Абӯбакр бинни Саъд бинни Зангӣ Шамси Қайс ҳамчунон дар мартабаи иззат ва икром будааст. (112, ؛) охирин воқеае, ки онро Шамси Қайс дар «Алмӯъҷам» зикр кардааст, фатҳи Баҳрайн ва Уммон ва ҷазоири бандарҳои халиҷи Форс аст. Назар ба тадқиқ ва муқоисаи аввалин мусаҳҳеҳи «Алмӯъҷам» Муҳаммад бинни Абдулваҳоби Қазвинӣ ин воқеа дар кутуби таърихие, ки дар хусуси воқеоти айёми салтанати Атобак Саъд бинни Зангӣ ва дигар ворисони тахту точи ӯ ба мисли Атобак Абӯбакр бинни Саъд ва бинни Зангӣ ҳарф заданд, доир ба ин вокеа чизе нанавиштаанд. Вале Қазвинӣ дар нисбати баъзе аз қароин муқаррар кардааст, ки ин ҳодиса чандин сол баъд аз ҷулуси Абубакр бини Саъди Зангӣ ба вуқӯъ омадааст(112, ۷).

Ба ин муносибат гуфтан зарур аст, ки ҳеч яке аз ҳамзамонони Шамси Қайс дар бораи ҳаёт ва шахсияти вай чизе қайд накардаанд. Аз муқаддимаи мусаҳҳеҳ, ки Мударрис Ризавӣ, пас аз «Муқаддимаи Қазвинӣ» дар оғози «Алмӯъҷам» овардааст, маълум мешавад, ки Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, аз маддоҳони Атобак Саъд бинни Зангӣ набуда, тахаллуси худро ҳам аз номи вай

нагирифтааст, чунонки баъзе тазкиранависон ба мисли Давлатшохи Самарқандӣ (84, 202) гумон карданд. Инро аз мисоли дигар ҳам равшан дидан мумкин аст, ки дар тамоми куллиёти Саъдӣ зикре дар бораи Саъд бинни Зангӣ намеравад.

(112, ج) Аз муқаддимаи Қазвинӣ маълум мешавад, ки салтанати Абӯбакр бинни Саъд бинни Зангӣ муддати 30-сол, яъне аз соли 628 (1231) то 658 (1261) давом кардааст ва Шамси Қайс аввали салтанати ӯро дарёфта, ба ватан бозгаштани Шайх Саъдӣ баъд аз сафари дурру дароз ба охирҳои салтанати Саъд бинни Абӯбакр бинни Саъд бинни Зангӣ рост меояд.

Аз ин рӯ ду тан аз мардони бузурги аср якдигарро дида натавонистанд. Дар ягон сарчашмае ҳам дар бораи вохӯрии онҳо маълумоте пайдо нашуд.

Ба ҳамин тариқ, соли вафоти Шамси Қайси Розӣ ба мисли соли таваллудаш маълум нест. Вале дар нисбати вақоеи фатҳи Баҳрайн ва Уммон (112,19), Муҳаммад Қазвинӣ рух додани онҳоро баъд аз чандин соли ҷулуси Абӯбакр бинни Саъди Зангӣ муқаррар кардааст. Инчунин ба сабаби бо якдигар вонахӯрдани Шамси Қайс ва Шайх Саъдӣ ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки шояд дар миёнаи солҳои чиҳилум аз олам даргузашта бошад.

Аз мероси адабии Шамси Қайси Розӣ муҳимтаррин асаре, ки ба мо боқӣ мондааст, китоби «Ал мӯҷам фӣ маоири ашъор ил Аҷам» аст. Асари мазкур дар адабиётшиносии форсу тоҷик ташаббуси тозаест, ки бо саъйи ин донишманди маъруф таълиф гардидааст. Ин асар, дар се илми фанни шеър, ки онро улуми сегона ҳам меноманд, таълиф шудааст. Агар қисмати «Хотимаи китоб»-ро, ки «Адавоти шеър ва муқаддамоти шоир» ном дорад ва дар нақди шеър аст, илми алоҳида ҳисоб кунем, пас гуфтан лозим меояд, ки «Алмӯҷам...» дар чаҳор шохаи илми адаби гузашта баҳс мекунад.

Чуноне ки аз «Дебоча»-и «Алмӯъҷам» бармеояд, муаллиф ба навиштани ин асар соли 614 (1218) бо хоҳиши як марди донишманд дар Мовароуннаҳр шурӯъ карда буд (112,3). Бо сабаби муҳоҷират ва фитнаи аскари тотору муғул

ин кори бисёр ҳам судбахшро натавонист дар муддати кӯтоҳ анҷом бидиҳад. Ҳатто чуноне ки дар ин бора андаке болотар ёд кардем, Шамси Қайс , дар задухӯрди байни аскарҳои муғул ва Муҳаммад Хоразмшоҳ бо як азоб ҷон ба саломат бурд ва китоби «Алмӯъҷам» бо чандин китоби зарурии дигар, ки онҳоро ҳамеша бо худ нигоҳ медошт, дар ин задухӯрд аз байн рафтанд. Муаллиф баъд аз чанд муддате як қисмати ин китобро тавассути деҳқонони атрофи қалъаи Фарразин тавонист ба даст оварад. Вай пас аз солҳои дурру дарози саргардонӣ ба вилояти Форс омад ва дар хизмати Атобакон даромад. Донишмандони Форс аз нияти неки вай огаҳ шуданд ва аз вай хоҳиш карданд, ки ин кори хайрро ба анҷом расонад. Вай дар як муддати кӯтоҳ дар ҳудуди соли 630 (1232-1233) китобро навишта тамом кард. Китоб ҳачман калон шуда дар илми арӯз ва қавофии ду забон баҳс мекард ва бо забони арабӣ навишта шуда буд, он чое, ки баҳс дар хусуси шеъри порсӣ мерафт, мисолҳо ба забони порсӣ оварда мешуданд. Вакте ки Шамси Қайс китобашро ба аҳли адаби форс пешкаш кард, як қисми донишмандон ба муаллиф эътироз карданд, ки дар китоби арабӣ овардани мисолҳои форсӣ одат нест ва нописанд аст. Он беҳ, ки муаллиф китобро ба ду қисм кунад. Якеро дар забони арабӣ мураттаб созад, ки амсалаи он худ арабӣ аст ва дигареро дар забони порсӣ бунёд созад ва он амсалаи порсиро бо вай дар як ҷо биёварад, то порсизабононро низ аз он баҳрае ҳосил бошад(112, 23).

Муаллиф ҳамин тавр хам кард. Он чиро ки ба забони порсӣ оид буд, дар китобе гирд овард ва номи онро «Алмӯъҷам фӣ маоири ашъор ил Аҷам» ном ниҳод ва қисмати арабии он китобро дар нусхаи алоҳида ҷой дода онро «Алмӯъраб фӣ маоири ашъор ил Араб» ном гузошт(112, "ى").

Шамси Қайси Розӣ ба ғайр аз ин ду китоб боз китобе бо унвони «Алкофӣ фил арӯзайн вал қавофӣ» низ доштааст. Худи вай дар «Алмӯъҷам» аз ин асараш ёдоварӣ кардааст(112,175). Абдулваҳҳоби Қазвинӣ дар муқаддимаи ба «Алмӯъҷам» навиштааш чунин овардааст: «Эҳтимоли қавӣ меравад, чунончи аз лафзи арӯзайн ба сигаи тасния истинбот мешавад,

ки ҳамон китоби мутаволлӣ будааст, ки дар арӯз ва қавофии ду забон– порсӣ ва арабӣ таълиф намуда буда ва баъд онро мунқасим ба ду китоб «Алмӯъҷам» ва «Алмӯъраб» намудааст. Аз муқобила ва мулоҳизаҳое, ки Шамси Қайс дар дебочаи китобаш дар хусуси таснифоти худ овардааст, маълум мешавад, ки тахмини Қазвинӣ дар ин бора асоснок ва қобили қабул аст. Ба ғайр аз ин, муаллифи «Мизон ул афкор фӣ шарҳи меъёрулашъор» Муфтӣ Муҳаммад Саъдуллоҳи Мурободӣ дар ин китобаш аз «Ҳадоиқул мӯъҷам» бисёр нақл кардааст (91, 3-22). Муаллифи китоби «Ғиёсуллуғот» Ғиёсиддин Муҳаммад низ дар фасли арӯзи китобаш аз ин асари Шамси Қайс ёдоварӣ кардааст ва онро аз маъхази худ шуморидааст(90, 283). Муҳаммад Қазвинӣ тахмини Рёро (112, «□» 115,804) дастгирӣ карда, ин асарро бо «эҳтимоли қавӣ» мухтасари «Алмӯъҷам» медонад. Аммо дар ин маврид, чиро ба асос гирифтани ин муаллифон ба мо маълум нест.

Дар ин чо, дар хусуси боз як асари Шамси Қайси Розӣ, ки то ба ин наздикиҳо номи он ба аҳли адаб маълум набуд, таваққуф нанамудан номумкин аст. Худи Шамси Қайс ҳам, таълиф намудани асареро дар ибтидои қисмати якуми «Алмӯъҷам» таъкид карда гуфтааст: «...амсоли он бо алиф нависанд, чунонки дар таълифе, ки дар туркӣ сохтаем, баён карда омадааст»(112,40). Вале то ба ин наздикиҳо чи гуна луғат будан ва чӣ ном доштани он маълум набуд. Ин муаммо пас аз ба табъ расидани лексияҳои академик В.В. Бартолд оид ба туркҳои Осиёи Миёна кушода шуд. Бартолд дар якс аз лексияҳояш гуфтааст, ки Шамси Қайс ном шахс ҳангоми дар Хоразм зистанаш дар шеваи қонқалии туркӣ луғате таълиф карда будааст, вале кӣ будани Шамси Қайс ва чӣ ном доштани луғати вай маълум набудааст(36, 132).

Пас аз ба табъ расидани лексияҳои В.В. Бартолд олимони Туркия дар захираҳои дастнависи кутубхонаҳои Истамбул ҷустуҷӯҳо карданд. Аз ҷумла дар «Шарафномаи Манярӣ» ном дастнавис дар бораи луғати туркии Шамси Қайс «Тибиён ал луғат ат туркӣ ало лисонил қонкалӣ» маълумоте пайдо шуда, инчунин аз ин асар якчанд иқтибос оварда шудааст(36,198).

Қайд кардан зарур аст, ки ин маълумот аз чопи якуми китоби «Алмӯъҷам», ки аз тарафи Муҳаммад Қазвинӣ ва

Эдвард Браун таҳия шуда буд, афтодааст. Сабаби соқит шуданаш дар он будааст, ки маълумоти мазкур дар нусхаи қаламии китобхонаи Аёсуфия мавҷуд буда ва Мухаммад Қазвинӣ фақат қисмати соқитшудаи «Алмӯъҷам» -ро ва он бардоштааст. Аз ин ҷиҳат Қазвинӣ дар хусуси мавҷуд будани ин гуна асари Шамси Қайс чизе нагуфтааст. Вале мусаҳҳеҳи дуввум, ки ҳамаи нусхаҳои қаламии «Алмӯъҷам» -ро ба ҳам муқобила кардааст, дар туркӣ луғат сохтани Шамси Қайсро (112, ﺝ) таъкид кардааст.

Ба ҳамин тариқ, аз Шамси Қайс, бо вуҷуди он ки соҳиби таснифоти адида аст ва дар се забон – форсӣ, арабӣ ва туркӣ асар таълиф кардааст, то имрӯз ҳамин як китоби «Алмӯъҷам» омада расидааст. Китобҳои «Алмӯъраб..» ва «Тибиён..» гум шудаанд ва то имрӯз аз онҳо иттилое дар даст надорем (72,519).

Ногуфта намонад, ки аз шарҳу тафсир, муҷодалаву таҳрир ва муносибати вай нисбат ба эҷоди бадеӣ гумон меравад, ки шояд табъи шоирӣ низ дошта ва мероси адабие ҳам аз ӯ боқӣ монда бошад. Дар ин бора фақат дар китоби «Суллам-ас-самовот», ки тазкираест дар аҳволи намояндагони аҳли тасаввуф, ишораи номӯътамаде рафтаасту бас. Чунончи :...Яке соҳиби китоби арӯз аст ва ӯро Шамси Қайс мегуфтанд ва дигаре Шамси Тайс (дурусташ Табс аст. Ш.М.) соҳиби девон аст. Аввалин муосири Атобак Саъди Зангӣ буда, ба тақрибот муносиби зикри баъзе ҳолати Атобак дар китоби арӯзи худ дарҷ намуда ва ба эроди чизе аз ашъори худ дари забон накушуда» (70,93 «б»). Ба ҳар ҳол далели шайъие, ки шоирии Шамси Қайсро тасдиқ ё рад мекарда бошад, вуҷуд надорад.

Бояд гуфт, ки номи китоб «Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор ил-Аҷам» чандин бор мавриди шарҳу тафсир қарор гирифтааст. Чунонки аз баъзе ҳуҷҷатҳо маълум гардид, «Алмӯъҷам» дар зикри хаттии адабиётшиносони гузашта бо чанд ном ёд карда мешавад. Ҳамчунон ки чанде пеш зикр кардем, баъзе аз ин муаллифон асари Шамси Қайсро бо номҳои мухталиф ёд кардаанд ва муҳаққиқони баъдинаро ба тахмингӯиҳо водор карданд. Ҳатто дар саҳифаи аввали нусхаи қаламие, ки дар Истамбул нигоҳдошта мешавад ва

акси он дар саҳифаи «كط» оварда мешавад, чунин навишта шудааст. «Китоби меъёри Шамси Қайс фӣ фанни шеър вал-арӯз вал бадеъ вал қофия». Вале хушбахтона худи муаллиф номи асарро пурра оварда ва гуфтааст: «... ва номи китоб «Алмӯъҷам фӣ маоири ашъор ил Аҷам» ниҳодам(112,24).

Баъзе аз муҳаққиқон кӯшиданд, ки маънои баъзе аз калимаҳои ин таркибро шарҳ диҳанд. Чунончӣ Абдулваҳҳоби Қазвинӣ дар муқаддимааш ба фикри Эдвард Браун ва Рё, ки калимаи «Мӯъҷам»-ро бо ташдид «Муаҷҷам» овардаанд ва маънояш ба аҷамӣ даровардан» аст, шубҳа карда, ба хулосае омадааст, ки шакли дурусти калимаи мазкур «мӯъҷам» аст ва маънои рафъи ибҳом(норавшанӣ)-ро дорад(112,ب).

Ин калима дар луғатҳои мазкур, масалан, дар луғати Х.К. Баранов, «Арабско-русский словарь » дар ду маъно шарҳ ёфтааст. Якум, ба маънои «норавшанӣ», «номуайян». Дуюм, ба маънои фарҳанг ва ҳарфҳои бенуқта(9, 637).

Ногуфта намонад, ки унвони ин асарро баъзе аз адабиётшиносон ба забони русӣ низ гардонидаанд, масалан, профессор И.С. Брагинский номи китоби мазкурро, «Разъяснение о пробных камнях стихов персов» (17,431) тарҷима кардааст.

И.С. Брагинский калимаи якуми таркиби ин ном «Алмӯъҷам»-ро «пробный камень» (17,431) шарҳ додаст, ки дар тоҷикӣ мушобеҳи «Санги маҳак» аст. Азбаски санги маҳак меъёрест байни зари холис ва дигар маъдани зармонанд, дар ин киёс маҳак тарҷима кардани меъёр қобили қабул аст. Агар тарҷимаи Брагинскийро ба тоҷикӣ гардонем, тахминан чунин мешавад: «Шарҳи меъёрҳои шеърҳои форсӣ» ва ба фикри мо гарази худи Шамси Қайс ҳам бояд ҳамин маънӣ бошад.

Китоби «Алмӯъҷам...» дар киёси дигар кутуби адабиётшиносии форсу тоҷик аввалин китобест, ки дар вай се қисмати улуми адабӣ ҷамъбаст шудааст. Ҳамчунон ки маълум мешавад, то таснифи Шамси Қайс касеро ҷуръат ва ҳиммати дар як китоб гирд овардани ин се шохаи муҳими илми адабиётшиносии гузашта раҳбар нашуда буд. Пас аз таълифи асари Шамси Қайс аксарияти ононе, ки дар илми арӯз, қофия ва бадеъ асар эҷод карданд, хоҳу нохоҳ аз асари вай истифода

бурданд. Мирзо Абдуваҳҳоби Қазвинӣ «Алмӯъҷам...»-ро баҳои сазовор дода гуфтааст, ки «Ба ҷуръат метавон иддао намуд, ки аз ибтидои тадвини улум ба забони порсӣ баъд аз ислом дар аҳди Сомония то кунун, ки ҳазору сесаду анд сол аз ҳичрат мегузарад, ҳеҷ китобе мутлақан ва бидуни истисно ба-дин камол ва таҳқиқ ва танқеҳ ва ҷомеият дар ин фунуни салоса ба забони порсӣ таълиф нашуда, ё агар ҳам шуда ба дасти мо нарасидааст» (112, «١»).

Ҳарчанд китоби «Алмӯъҷам ...» дар се илм баҳс кунад ҳам муаллиф онро дар ду қисм ҷой додаст. Қисми аввали китоб ба фанни арӯз бахшида шуда, аз чаҳор боб иборат аст ва муаллиф бобҳои ин қисматро чунин номидааст:

Боби аввал. Дар маънии арӯз ва шарҳи аркон ва зикри асомӣ ва алқобе, ки дар ин фан мусталиҳи аҳли ин илм аст.

Боби дуввум. Дар зикри аҷзоъ ва авзоне, ки аз таркиби аркони арӯзӣ ҳосил мешавад.

Боби саввум. Дар зикри тағайироте, ки ба –дон аҷзо лоҳиқ гардад бо фурӯъи афоил, ки аз он муншаъиб шавад.

Боби чаҳорум. Дар зикри буҳури қадим ва ҳадис ва нақши давоир ва тақтеи абъёт ва факки аҷзои буҳур аз якдигар (112,26).

Қисмати дуввуми китоб «Дар маърифати қавофӣ ва нақди шеър» ном дошта, аз шаш боб иборат аст. Қисмати қофия чунин бобҳоро дар бар мегирад:

Боби аввал. Дар зикри маънии шеър ва қофият ва ҳадду ҳақиқати он.

Боби дуввум. Дар зикри ҳуруфи қофият алқоб ва ишқоқи он.

Боби саввум. Дар зикри ҳаракоти ҳуруфи қофият ва аснофи он.

Боби панҷум. Дар зикри уюби қавофӣ ва аснофи нописандае, ки дар каломи манзум уфтад.

Боби шашум. Дар зикри маҳосини шеър ва тарфе аз саноати мустаҳсан, ки дар назму насри калом бошад(112,195).

Пас аз овардани ин номгӯй Шамси Қайс ба асли мақсад мегузарад. Вале бояд илова кард, ки муаллиф пас аз итмоми матни «Боби шашум» қисматеро бо унвони

«Хотимаи китоб» ба асараш афзудааст. Қисмати мазкур аз чаҳор фасл иборат буда, муаллиф дар он аз хусуси 1.«Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ», 2.«Дар махрум накардан шоирро», 3. «Дар сирқоти шеър ва чаҳор навъи он.», 4.«Дар лузуми иттилои шоир аз ғолиби улум ва одоб» баҳс мекунад(112, 445).

Ин асар, бо вучуди чунин вусъати мундарича, дар нусхаҳои бисёр нодир дар ҳар акнофу атрофии олам пароканда буд, то ин ки бо саъй ва эҳтимоми мусташриқи англис, профессор Эдвард Браун ва тасҳехи Мирзомуҳаммад Абдулваххоби Қазвинӣ бо муқобилаи се нусхаи қаламӣ ба чопхонаи «Котолукия»-и шаҳри Бейрут супурда шуд ва соли 1328 ҳичрӣ-мутобиқи 1909 Масеҳӣ дар шакли китоби комил бо насоихи зиёде ба табъ расид ва ба ин васила аз хавфи фаромушӣ боз раҳид (111).

Бори дуюм «Алмӯъҷам ...» бо тасҳеҳ ва муқобила бо панҷ нусхаи қаламӣ аз тарафи устоди донишгоҳи Теҳрон Мударрис Ризавӣ соли 1935 ба табъ расонида шуд. Баъдан, китоби мазкур боз ду маротиба соли 1957 ва 1960 бо тасҳеҳи Мударрис Ризавӣ дар муқобила бо шаш нусха дар донишгоҳи Теҳрон ба чоп расид.

Ба ғайр аз ин, қисмати охири китоб, ки бо унвони «Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ» машҳур аст, соли 1970 бо кӯшиши Муҳаммад Нишоракӣ дар шаҳри Исфаҳон дар шакли китобчаи алоҳида мунташир шудааст(113).

Муаллиф дар ин қисмати асараш он ҳама андеша ва афкори адабиашро, ки доир ба шеър ва нақди шеър дар сар то сари китоб дар мавриди зарурӣ изҳор карда буд, оварда ва баъзе муҳимотеро, ки дар рафти таълиф зарурати эродашон набуд, бар он афзудааст. Вале барои нақди шеърро аз назари Шамси Қайс тахти таҳқиқ ва омӯзиш қарор додан, таърихи пайдоиш ва таҳаввули онро дар адабиёти форсу тоҷик дида баромадан лозим аст, то маълум гардад, ки пеш аз таълифи ин асар чӣ заминае вуҷуд дошт.

БОБИ II

НАҚДИ ШЕЪР ВА МОҲИЯТИ ОН ТО АСРИ XIII ДАР АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК

Калимаи нақдро дар Аврупо ва аксарияти мамолики дунё тавассути калимаи юнонии «Критикос», ки маънояш «ҳукмкунанда, қазоваткунанда» аст, ифода мекунад(30, 254). Ифодакунандаи ин маъно дар забони тоҷикӣ калимаи арабии «нақд» аст, ки маънояш сар карда гирифтани дирам ва динорро дорад(9, 821). Калимаи мазкурро дар адабиётшиносии араб ва форсу тоҷик «аз дер боз бар вақти маҷоз дар мавриди шинохтани маҳосин ва маоиби калом ба кор мебаранд»(74,19).

Аммо ноқид гуфта шахсеро меноманд, ки дар қазовати осори адабӣ тахассус дорад ва бар дониш ва малакааш такя карда, оид ба ҳусн ва қубҳи ин ё он асари бадеӣ мулоҳизаи худро баён мекунад.

Юнониҳои қадим то замони Афлотун ва Арасту дар хусуси адабиёт қазоват бурданро аз мафҳуми умумии «қазоват» чудо намедонистаанд. Дар давраи Афлотун /428-348 то мелод/ ва Арасату /384-328 то мелод/ бошад, калимаи «Ноқид-критик» маънои умуман дар қазоват қобилият доштанро ифода мекард (28, 6-7). *Яке аз аввалин шахсоне, ки* дар таърихи тамаддуни башарӣ худро ноқид номида буд, шоир ва олими давраи аввали эллинизм Филети Косӣ /340-283 то мелод буд(30, 7). Нақди адабӣ аз замонҳои қадим ба муддатҳои дароз инчониб нақди амалӣ будани худро нигоҳ дошта меомад, яъне инчунин нақд маънои ба осори адабӣ баҳо додан, онро нек ё бад гуфтан ва ба дигарон тавсия додани хондани асарро дошт.

Дар гузашта, дар адабиёти форсу тоҷик илме бо номи улуми адабӣ вуҷуд дошт, ки он аз назари муаллифи китоби «Нафоисулфунун фи ароисулуюн» Муҳаммад бинни Маҳмуди Омулӣ /асри XIV/ иборат аз 15 шоха буда (94, 2-88), аз назари муаллифи «Далоилулэъҷоз» Алӣ бинни Муҳаммад Ҷурҷонии Астарободӣ /1346-1414/ (72,10), муаллифи «Арӯзи ҳумоюн» Абдуқаҳҳор бинни Исҳоқ

мутахаллис ба Шариф /асри XV/ (98, 9-10) ва муаллифи «Таърихи адабиёти Эрон» Оқои Оқомирзо Ҷалоладдин Ҳумоии Исфаҳонӣ ин улум аз 12 фурӯъ иборат аст(105, 11-22). Улуми адабӣ аз назари муаллиф «Нафоисулфунун» аз инҳо иборат аст: 1. Илми хат; 2. Илми луғат; 3. Илми иштиқоқ; 4. Илми тасриф; 5. Илми наҳв; 6. Илми маонӣ; 7. Илми баён; 8. Илми бадеъ; 9. Илми арӯз; 10. Илми кавофӣ; 11. Илми тақризи шеър; 12. Илми амсол; 13. Илми давовин; 14. Илми иншо; 15. Илми истийфо /илми дахлу харҷи девон/(94, 2-88).

Чуноне ки аз ин номгӯй дида мешавад, илми тақризи шеър, яке аз ин илмҳоро дар бар гирифта, он иборат аст аз донистани «кайфияти иншои шеър». Муаллифи асари номбаршуда илми мазкурро ба панҷ «фоида» тақсим карда, кайфияти тақризи шеърро аз назари замона ва пеш аз ҳама аз назари худ шарҳ додааст. Аз ин рӯ, ҳам дар поёни ин фан овардааст»... ва /касе Ш.М./ тадвини машрӯҳ беш аз ин заиф накардааст» (94, 55). Аз ин панҷ ифода номбар кардани фоидаи чаҳорум ва панҷум ба маврид аст.

Муаллиф фоидаи чаҳорумро ба чигунагии иншои шеър, асосан мадҳ ва дастури дуруст ва рост мадҳ гуфтан ва суханро вобаста ба муқтазои ҳол баён кардан, бахшидааст(94, 56-58).

Фоидаи панҷум «Дар уюби қариз» баҳс намуда, дар ин бахш қайд карда мешавад, ки ба ғайр аз уюби дар илми арӯз ва қофия мавҷуд буда, боз як идда уюбе мавҷуд аст, ки онро ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст. Яке роҷеъ аст, ба маънӣ ва дуюм мансуб аст ба уюби лафзӣ. Омулӣ дар қисмати навоқисоти маъно нӯҳ номгӯй камомади маъноро дар шеър номбар карда мегузарад, ки инҳо 1.таъқиди маъно; 2.таноқиз; 3.мумтанеъ; 4.урфу одат; 5.сабт кардани чизе ба чизе, ки ӯро он бино набошад; 6. Қалби маънӣ ба ғайри он чӣ қасди ӯ кунанд; 7. Дар мадҳи ҷисмонӣ ҳамчу зиннат ва ҷамол ; 8.Он ки бар мадҳи або ва аҷади ӯ иктисор нанамояд; 9. Табдили сифот, чунонки соҳибшавкате ҷоҳили ҷойро мадҳ ба фазл ва зӯҳд ва илм ва вараъ ва диёнат кунанд(94,58).

Муаллиф дар қисмати дуюм низ шаш навъи навоқисоти лафзиро номбар мекунад, ки инҳо:1. танофури ҳуруф;

2.ихлол; 3.таслим; 4.тазниб; 5.тағйир; 6.тафсил мебошанд(94,58).

Аз ин навоқисоти маъно ва лафз, ки онҳоро Омулӣ дар ду қисм овардааст, маълум мешавад, ки дар гузашта дар асоси чунин камомадҳо шеър интиқод карда мешудааст. Ногуфта намонад, ки интиқоди лафзу маъно дар адабиёти форсӣ ҳанӯз то таълиф шудани «Нафоисулфунун» маълум буда, ба иттилои мо аввалин ишораро дар ин хусус дар «Чаҳор мақола» -и /1156-1157/ Низомии Арӯзии Самарқандӣ /ваф.1174/ вохӯрдан мумкин аст(103, 54).

Ба ҷуз он чи ки дар боло номбар кардем, боз бешвақт «илми бадеъ»-ро ҳам «нақдушшеър» меномиданд. Инчунин таснифот дар аксари кутуби адабиётшиносии гузашта, ки яке аз онҳо «Мафотеҳулулум»-и Котиби Хоразмӣ аст, дучор меояд(79,93).

Бояд гуфт, ки танқид ба адабиёти бадеӣ робитаи мустаҳкам дорад ва ҳамсафари ҳамешагии адабиёт аст ва якеро бе дигаре тасаввур кардан мумкин нест(20,25). Шояд ҳаминро дар назар дошта буд, ки А.С. Пушкин дар як мақолааш оид ба танқид гуфтааст: «Вазъияти танқид худ ба худ дараҷаи маърифатнокии тамоми адабиёт» - ро нишон медиҳад(44,92). Аз ин ҷиҳат баробари пайдоиши осори адабӣ афкори интиқодӣ низ пайдо шуда, аввал дар шакли нисбатан оддитар ва баъд тадриҷан шаклҳои муайянро соҳиб шуда такмил меёфт. Азбаски шеъри ҷадиди форсии тоҷикӣ аз асри IX оғоз ёфтааст, оғози афкори интиқодиро низ аз ҳамин давра шумурдан мантиқан дуруст мебуд. Вале мутаассифона, аз осори адабии ин давра намунаҳое хеле кам то замони мо омада расидааст, мо аз хусуси афкори интиқодии давр, ки дар оғоз, асосан, дар осори адабӣ инъикос меёфт, иттилое дар даст надорем. Аммо аз осори адабии асри X ва инчунин осори адабиётшиносони гузашта маълум мешавад, ки нақд дар гузашта дар адабиёти форсу тоҷик вазифаи нисбатан маҳдудтареро ба ӯҳда дошт ва он, асосан, аз нишон додани хатоҳои маъной ва лафзӣ иборат буд.

Назар ба таъкиди Маҳмуди Каёнуш «ҳар гоҳ, ки ноқиде ба муносибате дар садри баррасӣ ё муаррафии асаре бар меомад, роҳи эйчоз ва ихтисор мегирифт, зеро, ки бо

шеваҳои таҳлилӣ ва тавсифӣ ошно набуд»(90, 43). Бо мурури замон дар натиҷаи тараққиёт ва ба фурӯъҳо тақсим шудани жанрҳои адабӣ ва инчунин дар натиҷаи пешравии тафаккури илмӣ ва бадеӣ мақсад ва характери нақди адабӣ мураккаб шуда талабот ҳам нисбат ба он дигар шуд.

Танқид дар адабиётшиносии Аврупо дар давраи Эҳё ба дараҷаи намоён пеш рафта, дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX ва дар давраи романтизм бештар тараққӣ кард. Дар Россия тараққиёти пуравчи танқид ба миёнаҳои асри XIX тааллуқ дорад. Таҳлили идеявии асар бошад, маҳсули ҳамин давраҳо аст.

Чунончӣ дар замони В.Б. Белинский асари адабиро ҳамчун як чизи мукаммали адабӣ ба асос гирифта, дар якчоягӣ бо идея ва образхояш шарҳу тафсир ва баҳо медоданд. Ҳамчунин фаъолияти нависанда аз ҷиҳати муносибати вай ба замон ва ҷамъият дахл карда мешуд(30,254).

Ба ҳамин тариқ, нақди адабии гузашта аз имрӯза фарқ дорад ва дар гузашта ноқид дар хусуси хубӣ ва бадии асари бадеӣ-яъне шоиставу ношоистагии он сухан мекард, зеро чиҳати асосӣ дар эҷоди бадеӣ сиҳатии лафз ва адои маъно аст(91,16). Дар гузашта чаҳор навъи баёни афкори интиқодӣ мавҷуд буд ва қадимтарин намунаи афкори интиқодӣ дар осори шоирон дучор меояд, ки онро нақди шоирон номидан мумкин аст. Аз ин нуқтаи назар, воситаи дигари баёни афкори интиқодӣ осори нависандагон аст. Воситаи сеюм осори тазкиранависон ва воситаи чаҳорум осори дар «Нақдушшеър» таълифшуда, ки онро «илми бадеъ» ҳам мегӯянд, мебошад (79, 93).

Ҳамин тавр, ба иттилои мо қадимтарин намунаи афкори интиқодӣ аз асри чаҳоруми ҳичрӣ /асри X ва ибтидои асри XI мелодӣ / пештар нест. Дар авохири ҳамин қарн номи баъзе аз санооти мустаҳсанро дар эҷоди шоирон Қатрон ва Унсурӣ дучор омадан мумкин аст, ки аз мавҷудияти завқи интиқодии шоирон ва таваҷҷӯҳи онҳо бар саноеи лафзӣ гувоҳӣ медиҳад (78, 94). Ончунон ки дар боло ишора рафт, яке аз воситаҳои муҳими баёни афкори интиқодӣ эҷодиёти худи шоирон аст. Рақобат ва нотавонбиние, ки дар байни

шоирони дарборӣ буд, онҳоро тадриҷан ба интиқоди ашъори якдигар водор мекард.

Ин хурдагириҳо, дар заминаи рақобат вобаста ба вазъияти мавҷуда ва ҳунару малакаи ин ва ё он шоири дарборӣ ба вуқӯъ омада, интиқод вобаста ба завқи шахсии шоҳид баён меёфт. Ба хотир овардан лозим аст, ки нақди русии то замони Пушкин ба талаботи эстетикии классикии франсузӣ мувофиқат карда, ба ҳусн ва қубҳи асари бадеӣ дар асоси завқи салим баҳо дода мешуд(44, 254). Маълум мешавад, ки инчунин баҳодиҳӣ дар оғози пайдоиши шеър ва адабиёти тоҷик низ ҷо дошта, интиқоди шоирони дарборӣ ва баъзан, ғайри дарборӣ дар асоси завқи шахсӣ зуҳур меёфт, шояд ин нуктаҳро дар назар дошта» адабиётшиноси эронӣ Абулҳусайн Зарринкӯб ва Маҳмуди Каёнуш ин тарзи интиқодро «нақди завқӣ» гуфта, ба қалам додаанд (78, 396) (90, 110). Зарринкӯб барои мушаххас гардонидани ин намуди нақд боз истилоҳҳои дигареро аз қабили «нақди ҷадалӣ» ва «нақди фаннӣ» низ истифода бурдааст(74,396).

Нақди шоирон дар мероси адабии шоирони асри X ва XII нисбатан фаровонтар ҷой дошта, шоир фикрҳои танқидии худро дар хусуси сабку услуб ва тарзи шеърэҷодкунии якдигар дар ягон порчаи шеър ё ягон байт баён мекунанд. Чунончи Шаҳиди Балхӣ дар як байташ чунин овардааст:

Даъво кунӣ, ки шоири даҳрам валек нест,
Дар шеъри ту на лаззату на ҳикмату на чам. (8,39)

Дар ин шеър, Шаҳид рақибаш кадом як шоири худписандро, ки худро шоири шеъраш дар ҷаҳон машҳур медонистааст, хурдагирӣ карда, шеъри ӯро бе лаззату бехикмат ва ҳатто бе чам-яъне, берун аз қоидаи шеър ва орӣ аз саноати сухан ҳисобидааст. Қазовати ӯ нисбат ба шеъри шоири худписанд аз доираи талаби ҳамонвақтаи шеър аст. Ин кабил шеърҳо, ки шоирон фикрҳои танқидиашонро изҳор кардаанд, кам нестанд. Метавон гуфт, ки яке аз воситаҳои баёни назарияҳои шеър эҷодиёти худи шоирон аст ва инчунин нақд тавъам аз ҷабҳаи завқӣ сар зада, дар доираи

фаҳмиши ҳамон шоир маҳдуд аст. Дар ин гуна шеърҳо ақидаҳои шахсӣ, андешаҳои субъективии ин ва ё он шоир ба ҳам омада, дар ягон нуқта ҷамъбаст мегарданд. Аз баёни ин ақидаҳо, баъзан, мавқеи ғоявии ин ва ё он шоирро ҳам муайян кардан мумкин мегардад. Вале дар ин маврид бо назардошти як чиз, таъкид кардан лозим меояд, ки ин акида ва равияҳо мухталифанд ва аз ҷиҳати ғояи бадеиву эстетикӣ ба тамоилҳои гуногун мансубанд. Ва ҳамчунон ки адабиётшинос Х. Шарифов қайд мекунад «на ҳамаи ақидаҳои назарии шоирон хусусиятҳои умумии тараққиёти адабиёти даврро ифода мекунанд. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии шоирон мисли ҳамаи давраҳо бештар бо хусусиятҳои услубии эҷодиёти онҳо алоқаманд аст ва дар ҳамин асос то андозае хусусиятҳои субъективӣ доранд» (61,120). Илова бар ин, алалхусус нақд дар шеъри шоирони маддоҳ дар дохили қасидаҳои мадҳӣ вохӯрда, асосан ягон компоненти мадҳро адо мекунад, вале аз лиҳози эстетикӣ ақидаҳои танқидии ҳамон шоирро ҳам ифода мекунад. Чунонки дар ин байти Рӯдакӣ ҳам инро дидан мумкин аст:

Инак мадҳе чунон ки тоқати ман буд,
Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон (46,65-66).

Ё дар ин байти Фаррухӣ:

Кирдори ӯ ба назди ҳама халқ мӯъҷаз аст,
Чун назди шоирон сухани саҳли маънавӣ (110, 402).

Ҳарду шоир ҳам дар мисраи аввал мазмуни мисраъро дар мадҳ рост карда, дар мисраъи дуввум афкори назарии худро дар хусуси шеър баён кардаанд.

Асри XI дар таърихи адабиётамон давраи нави инкишоф аст. Ин давра бо бисёр адибону шоирони номвар, ки иқтидори маданиву адабии адабиётамонро мустаҳкам карда пеш бурдаанд, машҳур аст. Адибони забардасти ин давра Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Умари Хайём, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ на танҳо дар ривоҷу нумӯи адабиёти ин давра амалан ҳиссагузорӣ кардаанд, балки дар мавриди мувофиқ

афкори адабӣ-эстетикии худро дар ин ва ё он масъалаи зарурӣ изҳор хам кардаанд.

Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома»-и безаволаш борҳо ин масъаларо дахл кардааст. Хусусан ҷое, ки шеъри Дақиқиро нақд мекунад, афкори интиқодии ӯ равшан баён ёфтааст:

Нигаҳ кардам ин назм суст омадам,
Басе байт нотандуруст омадам.
Ман инро навиштам, ки то шаҳриёр
Бидонад сухан гуфтани нобакор….
Сухан чу бад-ин гуна бояд-т гуфт,
Магӯю макун ранҷ бо табъ ҷуфт.
Чу банда равон бинию ранҷи тан,
Ба коне, ки гавҳар наёбӣ, макан.
Чу табъе надорӣ чу оби равон,
Мабар даст зӣ номаи хусравон.
Даҳон гар бимонад зи хӯрдан тиҳӣ,
Аз он беҳ, ки посоз х-воне ниҳӣ (2,165-166).

Фирдавсӣ дар ин порча шеъри Дақиқиро дар асоси завқи шахсӣ баҳо додааст.

Сабаби навишта шудани ин порча хам пеш аз хама барои рад кардани даъвои баъзе аз хамзамононаш буд, ки ӯро ба муқаллидӣ муттаҳам кардан мехостанд. Дар ин киёс, Фирдавсӣ барои пуч баровардани чунин даъво шеъри Дақиқиро нах мезанад ва шеъри худро тарҷеҳ медихад. Аммо дар рафти нақд ягон байт ва ё порчаи шеърии ӯро мисол намеоварад ва бар ягон калимае, ки нодуруст истифода шуда бошад, эрод намегирад. Пас аз ин таъна ғарази Фирдавсӣ дар чист? Ба фикри мо, вай услуби эҷодии худро аз услуби Дақиқӣ болотар гузоштанӣ аст агар бо назари таҳқиқ ба услуби маснависароии Фирдасӣ ва Дақиқӣ назар андозем, маълум мешавад, ки дар ҳақиқат услуби Фирдавсӣ дилчаспу завқбахшандатар аст. Насриддини Тӯсӣ дар ҳангоми шархи яке аз масоили муҳими назарии шеър «тахайюл» барои таъини лафзи мухайял ин байтро зикр мекунад, ки аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маъхуз аст.

Чу фардо барояд баланд офтоб
Ману гурзу майдону Афросиёб (101, 591).

Байти мазкур хеле таъсирбахш суруда шудааст ва ҳоҷат ба таҳлил надорад. Танҳо илова кардан лозим аст, ки саҳифаҳои «Шоҳнома»-и безавол аз ин гуна байтҳои латифмаъно пур аст.

Бояд гуфт, ки ин нақди шоирон бештар ҳангоми мубоҳиса ва ё муҷодала байни ду шоир баён карда мешуд. Даъвои Фирдавсӣ дар тарҷеҳи шеъраш низ аз ҳамин мавқеъ сар задааст, ҳарчанд ин мубоҳиса бевосита бо шахси Дақиқӣ рӯй надодааст.

Баҳсҳои шеър, ки баъзан, бо эродгирии якдигар оғоз меёфтанд, тадричан ба хусумат ва ҷидолҳо рафта мерасиданд, дар ин маврид ду шоир ба шеъри якдигар хурдагирӣ мекарданд ва ин хӯрдагириҳо дар асоси меъёрҳои қавонини мавҷудаи шеър баён ёфта, бо далелҳои шайъ-овардани байтҳои ғалат, тащбеҳу истиороти нодилписанд асоснок карда мешуданд. Масалан, инчунин баҳс дар девони Манучеҳрии Домғонӣ низ вомехӯрад ва сабабгори ин баҳс ҳам бухлу ҳасад ва кинаи шоирони дарборӣ ба якдигар аст. Чунончи Манучеҳрӣ дар як қасидааш, ки бо мисраи «Ҳосидон бар ман ҳасад карданду ман фардам чунин» сар мешавад, дар чанд маврид оид ба нуқсони шеъри шоири ҳосид изҳори ақида кардааст, аз ҷумла:

Ҳосидо, ту шоириву низ ман ҳам шоирам,
Чун туро шеъри заифасту маро шеъри самин.
Шеъри ту шеър асту лекин бопинаш пур айбу ор,
Кирми бисёре бувад дар ботини дурри самин,
Шеър нагуфтан беҳ аз шеъре, ки бошад нодуруст,
Бача нозодан беҳ аз шашмоҳа афкандан ҷанин (35, 31).

Манучеҳрӣ дар ин порча ҳасудашро бо шеъри заъиф гуфтан муттаҳам карда, ба ӯ талқин мекунад ки «аз чунин шеъргӯиҳо дида шеър нагуфтан беҳ» аст. Натиҷаи (фоидаи) ин баҳс ба худи Манучеҳрӣ мусаллам аст, чунки вай ҳарифашро боз барои шеърашро ҷавоб нагуфтан ҳам наҳ

чадааст. Дар қасидаи дигар, ки Манучеҳрӣ онро дар мадҳи Унсурӣ сурудааст, чанд ҷо интиқоди ӯро дучор омадан мумкин аст.

Шеъри ӯ чун табъи ӯ ҳам бетакаллуф ҳам бадеъ,
Табъи ӯ чун шеъри ӯ ҳам бо малоҳат ҳам ҳасан.
Неъмати Фирдавс як лафзи матинашро самар,
Ганҷи Бодовард як байти мадеҳашро саман.
То ҳамехонӣ ту ашъораш, ҳамехоӣ шакар,
То ҳамегӯй ту абёташ, ҳамебӯӣ суман.

Бо вуҷуди он ки ин завқ аз талаботи қасидаи мадҳӣ тавоҳур ёфтааст, ҷолиби қайд аст, ки Манучеҳрӣ дар рафти ҷоди ин қасида мамдӯҳашро чандон сохибназарона васф накарда ва кӯшидааст, ки ӯро аз ҳад зиёд тавсиф кунад. Аз ин ҷост, ки вай як силсила шоирону адибони шаҳири араб ва форсу тоҷик-ҳатто устод Рӯдакиро дар назди маҳорати шоирии вай паст мезанад. Ҳол он ки худи Унсурӣ аз маҳорати шоирии Рӯдакӣ қоил буд, худи ӯро «расули мурсали ин шоирони рӯзгор» ва шеъри ӯро «Фурқону» маънихош сар то сар сунан» васф кардааст, ки ин албатта аз гояти самимияти шахсӣ доштанаш нисбат ба устодаш–Унсурӣ аст. Албатта эътироф кардан лозим аст, ки Унсурии Балхӣ яке аз шоирони хеле забардасти дарбори Ғазнавиён, маддоҳи писандидаи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ буд ва ба маҳорати шоирии вай бисёр муҳаққиқону донишмандони соҳаи адабиёт бахоҳои сазовор додаанд.

Евгений Эдуардович Бертелс дар асараш «Таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик» гуфтааст, ки агар Фаррухӣ истеъдоди шоириашро на ба хидмати Султон, балки ба хидмати шеър мебахшид, он гоҳ «адабиёти ҷахонӣ аз осори ҷовидонии ӯ ғанитар мегашт» (15,351). Бояд гуфт, ки ин таъриф ба Унсурӣ ва эҷодиёти вай низ тааллуқ дорад.

Дар ин пайвастагӣ нақди ҷадалии Рашиди Самарқандӣ бар ашъори Амъақи Бухорой ҷолиби диққат аст. Ин ҳар ду шоир аз доираи адабии қарохониҳо буда, аз мамдӯҳони Хизрхон Ибни Иброҳим ба ҳисоб мерафтанд. Мамдӯҳ-Хизрхон, ки ба Рашид таваҷҷӯҳи хосе дошт, боре аз Амъақ

дар ғоиби Рашид аз чигунагии шеъри ӯ пурсон шуд. Амъақ дар ҷавоб гуфт, ки Рашид ашъори бисёр хуб ва равон дорад, аммо дар онҳо каме намак намерасад.

Баъди чанд вақт, Рашид ба назди подшоҳ даромад. Ҳамчунон ки одати подшоҳон аст, Хизрхон Рашидро назди худ хоста гуфт: «Амъақ ашъори туро хуб, вале каме бенамак мегӯяд, ту ба ин чӣ мегӯӣ?»

Рашид давоту қалам гирифта, бадоҳатан ин шеърро навишт:

Шеърҳои маро ба бенамакӣ
Айб кардӣ, раво бувад шояд,
Шеъри ман ҳамчу шаккару шаҳд аст,
В-андар ин ду намак накӯ н-ояд.
Шалғаму боқилист гуфтаи ту,
Намак, эй қалтабон, туро бояд (103, 92).

Дар ин шеър, Рашид ашъори рақибаш Амъақро паст зада, ашъори худро боло гузоштааст ва ин гуна накд, чунон ки дар боло ҳам ишора рафт, навъе аз нақди ҷадалӣ аст. Инчунин шеърҳоро боз дар эҷодиёти Хусравонӣ /шоири асри X/ ва Масъуди Саъди Салмон /асри XI/ дучор омадан мумкин аст. Дар ин қабил шеърҳо факту далелҳои аниқ номбар нашуда, суханбозиҳои латифи риторикӣ оварда мешаванду бас.

Дар қиёси мисолҳои боло боз баҳсеро мисол овардан мумкин аст, ки он дар натиҷаи муҷодалаи байни ду шоир ба вуҷуд омада, дар он норасоиҳои маъно ва лафз равшан нишон дода шудаанд. Ин баҳс байни Унсурӣ ва Ғазоирӣ рӯй дода, сабаби асосии он бухл ва ҳасади шоири дарборӣ аст(74, 390). Дар ин гуна шеър яке носуфтагии услуб ва хомгӯй ҳам боиси эроди шуаро мегардид(1, 40). Чунончи атои гаронбаҳои Султон Маҳмуд ба шоир Ғазоирӣ /3 ҳазор динор/ сабаби ҳасади Унсурӣ гашт. Ин буд, ки Унсурӣ шеъреро, ки Ғазоирӣ дар шукри атои Султон гуфта буд, бо ҳамон вазн ва қофия ҷавоб гуфт ва дар чанд ҷой бар он эрод гирифт. Ғазоирӣ ҳам пас аз шинос шудан бо шеър боз дар ҳамон вазн ва қофия шеъри ӯро ҷавоб мегӯяд ва дар чанд ҷой шеърашро эрод мегирад ва худи Унсуриро ба ҳасудӣ муттаҳам месозад. Ин қасидаҳо /қасидаҳои Ғазоирӣ ва

Унсурӣ/ дар «Девони Унсурӣ» (86, 161-179) оварда шудаанд. Чунончи дар қасидае, ки Ғазоирӣ дар мадҳи Султон Маҳмуд суруда буд, атоҳои ғаронбаҳои ӯро, ки аз ҳисоби ҷавоҳиру зари аз кишварҳои бегона ғораташуда ба аҳли дарбор, алалхусус, маддоҳонаш Унсурӣ ва Фаррухӣ бахшида буд, ин тавр тасвир кардааст:

Бас эй малик, ки ҷаҳонро ба шубҳат афкандаӣ
Ки зарри сурх аст ин, ё шикаста сангу сафол (86, 161).

Шояд маънои ин байт ҳамёни саховати Султон Маҳмудро нисбат ба Ғазоирӣ кушода бошад, ки ин қасидаро писандида ба Ғазоирӣ се ҳазор динор ҳадя мекунад. Аз тарафи дигар боз ҳамин маъно метавонист, ки ба иззати нафси Унсурӣ бирасад ва ӯро ба навиштани қасидаи ҷавобӣ водор кунад ва барои хурдагирӣ кардан бар қасидаи Ғазоирӣ омода созад.

Шояд аз ин ҷиҳат буд, ки Унсурӣ байти охирро эрод гирифта гуфтааст:

Ду навъро ту зи як ҷинс меқиёс кунӣ,
Муҷонисат набувад дар миёни зарру сафол.

Ғазоирӣ дар охири қасида низ ҳамин калимаро бори дигар қофия сохта мегӯяд:

Кӯҷо шариф бувад чун Ғазоирӣ бар ту,
Зи табъ бошад чунон ки зарри сурху сафол /86, 166/.

Дар ин байт Унсурӣ хостааст, ки Ғазоириро бо фарқ карда натавонистани монандии калимаҳои «зар» ва «сафол» муттаҳам созад.

Ҷои дигар ба ҷои калимаи «фозил» истифода кардани калимаи «мифзол»-ро хурдагирӣ мекунад:

Чунончи Ғазоирӣ гуфтааст:

На бандагон ҳама чун Мустафо бувад ба қадр,
Ба қадри тоат мафзул бошаду мифзол (86, 166).

Унсурӣ интиқод кардааст:

Агарчӣ ба гуфтани мифзол фозилат буд қасд,
Нахуст боре бишинос фозил аз мифзол (86,174).

Ғазоирӣ бошад, дар навбати худ баъзе хурдагириҳои Унсуриро бо самъи ризо қабул мекунад ва ба ӯ мерасонад, ки баъзан аз рӯи зарурати шеъргӯӣ даровардани баъзе тағйирот раво аст, чунончӣ:

Бад-он ду байт мадеҳи шариф таъна задаст,
Ба «зарри сурху» «сафолу» ба «фозилу мифзол».
Дуруст, «фозилу мафзул» бояд аз раҳи рост,
Зарурат аст сурӯю сурин ва гӯру гизол.
Ба «зарри сурху» «сафол» андарун чӣ донад гуфт,
Ҳар он ки фарқ шиносад миёни шеру шагол,
Зи зарри сурх гаронмоятар чӣ донӣ, низ,
Ба гетӣ андар, ё хормоятар зи сафол (86,178).

Баъд аз чунин узру маъзарат Ғазоирӣ нуқсонҳои шеърии қасидаи Унсуриро танқид мекунад. Чунончи вай дар хусуси байти зерини Унсурӣ:

Ҳаво, ки тири ту бинад бароядаш дандон,
Қазо, ки теги ту бинад бирезадаш чангол (86, 169).

Чунин мегӯяд:

Магар бо шаҳри ту бошад, ба шаҳри мо набувад,
Ҳавои бо дандону қазои бо чангол (86, 178).

Инак, ин чанд байт ки яке дар интиқоди дигар оварда шудаанд, гувоҳи онанд, ки дар доираи шоирон навъе аз нақди шуаро, ки онро нақди ҷадалӣ (74,396) ҳам меноманд, ҷой дошта, асосан ба ғаразе гуфта мешуданд. Шояд Е.Э. Бертелс ҳамин чиҳатро дар назар дошта буд, ки эътирозу нуктагириҳои барғарази Унсуриро бар шеъри Ғазоирӣ «нақди тӯҳматомез» номидааст (15,334). Дар матн ба ҷои

калимаи қазо калимаи аҷал оварда шудааст. Гумон меравад, ки Унсурӣ онро пас аз танқиди Ғазоирӣ ислоҳ карда бошад. Вале Е.Э. Бертелс дар ин муҷодала ғалабаро ба Унсурӣ мусаллам медонад(15,335). Ҳол он ки аз мазмуни матни қасидаҳои Унсурӣ ва Ғазоирӣ пурра маълум аст, ки Ғазоирӣ дар ин маврид ҳам аз ҷиҳати далелориву исботкунӣ ва ҳам аз ҷиҳати услуби иншои қасида ҳарифи худ Унсуриро муттаҳам сохтааст. Ба ғайр аз ин, қайд кардан лозим аст, ки дар ин муҷодала камомади алфоз бештар нишон дода шудааст. Интиқоди калимаро Зарринкӯб бо истилоҳи нақди луғавӣ ёд мекунад(74,396). Инчунин нақдро И.Ю. Крачковский ва Виндфур принсипи лингвистии интиқод ба қалам додааст(31,369;120,336). Навоқисоти чанд байти шеъри боло ҳам аз ҳамин лиҳоз аст ва дар он нодуруст истифода шудани калима қайд карда шудааст, ки ин тарзи интиқод дар гузашта ба гурӯҳи нақди алфоз дохил мешуд. Ба ҳар хол бояд афзуд, ки дар ин давра асари алоҳидае, ки дар ҳунари шеър баҳс кунад, вуҷуд надоштааст ва низ вуҷуд доштани он дар ягон сарчашмае қайд нашудааст.

Ба ғайр аз ин ду намуди нақд, ки дар он баҳодиҳӣ, асосан, аз рӯйи завқ ба амал меомад, боз тарзи нисбатан дигари баҳодиҳӣ вуҷуд дошт, ки онро Абдулҳусайн Зарринкӯб «нақди назарӣ» гуфта ном бурдааст (74,12). Намунаҳои нақди назарӣ ҳам дар шеър ва ҳам дар наср дучор меоянд. Дар чунин нақд шоир ё носир нуктаи назари адабии худро оид ба шеъру шоирӣ аз мавқеи иҷтимоӣ, мазҳабӣ ё илмӣ баён мекунад.

Намунаи барҷастаи ин гуна назм дар эҷодиёти Носири Хисрави Қабодиёнӣ дучор меояд(14,147). Дар наср бошад, намунаҳои ин гуна нақд дар осори нависандагон ба мисли «Муқаддима»-и «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ (957) (97,36-41), «Қобуснома» (82), Мақомоти Ҳамидӣ (1156) ва «Чаҳор мақола» (1156) дучор меоянд. Муаллифони ин қабил асарҳо дар китобҳои худ дар хусуси неку бади осори адабӣ фикрашонро баён мекарданд ё фикри касеро оид ба чигунагии ин ва ё он асари бадеӣ истифода мебурдаанд. Чуноне ки дар боло ишора рафт, қадимтарин асаре, ки дар бораи нақди адабӣ баҳс мекунад, «Муқаддима»-и

«Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ аст. Дар ин Муқаддима, ки дар «Шоҳнома» навиштаанд, баҳси аҷибе дар ривоёту қиссаҳо ва баёни он омадааст. Аз ҷумла, овардааст: «Ва чизҳо андар ин нома биёбанд, ки саҳмгин намоянд ва ин некӯст, чун мағзи ӯ бидонӣ ва туро дуруст гардад ва дилпазир ояд.. ва чун ҳамон санг кучо Офаридун ба пой боз дошт ва чун морон, ки аз дӯши Заҳҳок баромаданд ин ҳама дуруст ояд ба наздики доноён ва бихрадон ба маънӣ ва он ки душмани дониш бувад, инро зишт гардонад ва андар чаҳон шигифтӣ фаровон аст»(97,36).

Муаллифи муқаддимаи мазкур фарқи тасвири натуралистии олами вокеиро аз тасвири образнок хеле моҳирона кушодааст. Шоир низ бунёду ҷавҳари асарро, ки аз дунёи моддӣ ҳосил мекунад, бо таркибҳои дилнишин ва ё дурҳои сухан арз мекардааст(69,93). Худоӣ Шарифов ҳам ин тарзи фаҳмиши моҳияти эҷоди бадеиро дар асри X дараҷаи баланди дарки моҳияти эҷоди бадей медонад.

Маълум мешавад, ки чунин фаҳмиши эҷоди бадей дар олами адабӣ форсӣ ҳанӯз аз асри X маълум буда, дар ташаккул ва такомули эҷоди бадеӣ ҳамчун зинаи муайяни тараққиёт рол бозидааст. Илова бар ин, дар ин порча як навъ интиқоди назарие ҳис карда мешавад, ки муаллиф дар мавриди мувофиқ оид ба чигунагии асари бадеӣ баён кардааст. Ҳамчунон ки дар фавқ ҳам ишора кардем, ин мулоҳизаи назарӣ дар муқаддимаи китоб зикр ёфтааст ва ин қабил китобҳои насрӣ, ки дар муқаддима ё дохили он дар хусуси масоили адабӣ зикр рафтааст, кам нестанд.

Ба ғайр аз ин, китобҳои номбаршуда боз китобҳое ҳастанд, ки дар онҳо муаллифон дар хусуси осори насрии дигарон ё дар хусуси осори худ афкори назарии худро баён кардаанд. Чунончи яке аз ин гуна китобҳо китоби Мақомоти Ҳамидӣ (таъл.1156) муаллифаш Қозӣ Ҳамидаддини Балхӣ /ваф.1168/, ки аз тарзи сухангӯии Бадеъуззамони Ҳамадонӣ /968-1008/ ва Ҳарирӣ /1071-1123/ сухан гуфта, ба тарзи сухангӯии худ низ ишорат кардааст, мебошад (74,400). Вале ногуфта намонад, ки ин қабил баҳо додан ба эҷодиёти якдигар дар адабиёти форсу тоҷик хеле зиёд аст ва қариб ҳама аз ҷиҳат мазмун якранганд. Дар баробари асарҳои

помбаршуда, дар қарнҳои минбаъда асарҳое ба вуҷуд омаданд, ки муаллифонашон осори худро дар улуми мухталиф таълиф намуда, аз ҷумла баъзе масоили адабиро мавриди мубоҳиса ва омӯзиш қарор додаанд. Чуноне ки дар боло дар ин хусус сухан рафт, яке аз ин гуна асарҳо, китоби бисёр машҳури донишманди охири асри XI Унсурулмаолии Кайковус /1020-1099/, «Насиҳатнома» ё «Қобуснома» /1083/ аст. Ин китоб дар фунуни мухталифи замона, яъне 44 боб баҳс мекунад. Боби 35-и асари мазкур ба фанни шеър бахшида шуда «Дар расми шоирӣ» ном дорад(82, 137).

Муаллиф дар зимни насиҳат ба фарзанд, фикрҳои судмандеро дар хусуси назарияи шеър баён кардааст. Аз мутолиаи китоб чунин бармеояд, ки вай бо вуҷуди тачрибаи бойи зиндагӣ аз улуми мухталифи замона ба хубӣ огоҳ будааст.

Кайковус дар хусуси кадом илм, ҳунар, ё касбе сухан накунад, боз онро бо назари тачриба ва илм ҷамъбаст мекунад. «Суханҳои муаллиф (яъне Кайковус- Ш.М.) то як андоза ба аҳволи Ҳурос шоири Румӣ ва ё андарзҳои мансуб ба Абӯтамоми Той ва Баҳтурӣ шабоҳат дорад ва таъсир ва нуфузи Қудома ибни Ҷаъфар ва ибни Кутайба ва Ҷоҳиз низ дар ин суханон маҳсус аст(74, 42). Аз ин ҷиҳат, осори чунин муаллифон бояд муҳокимаҳои дақиқ ва хулосаҳои амиқ дошта бошад. Чунончи вай ҳанӯз дар ибтидои боб ба яке аз ҷиҳатҳои муҳими эҷоди бадеӣ ишора карда гуфтааст, ки шоир бояд сухани саҳли мумтанеъ гӯяд ва аз гуфтани сухани номафҳум, ки дигарон онро бе шарҳ фаҳмида наметавониста бошанд, парҳез кунад. Чунонки шеър аз баҳри мардумон гӯянд на аз баҳри хеш» (82, 137).

Ҳамчунон ки маълум аст, образҳои шеърӣ ба тавассути илми баён ва чаҳор унсури он а) ташбеҳ; б) истиора; в) мачоз; г) киноя; офарида мешаванд. Ҷои дигар Кайковус ба яке аз онҳо, яъне истиора, ки дар мадҳ, алалхусус, ҳангоми мамдӯҳро тарҷеҳ додан истеъмол мешаванд, ишора карда сухани бо истиора ифода ёфтаро «сухани олӣ» номидааст(82,138).

Кайковус ба эъҷози калом ҳамагӣ дар чанд саҳифа як олам асрори олами шеърро бо як тарзи матбӯъ ифода

карда тавонистааст. Вай мухтасар дар хусуси санъати бадеӣ маълумот дода, 24 санъатро як-як номбар мекунад/82, 137/ ва пас дар хусуси авзони арӯз ва қофия /82, 138/ сухан карда бо овардани номҳои аслӣ ва нав нозукиҳои ин илмро номбар мекунад. Вай ҳамчун намояндаи асри худ ба жанри қасида ва алалхусус қасидаи мадҳӣ, ки асосан, дар доираҳои адабии дарбор мақоми хос дошт, диққат додааст. Баҳс ва андешаҳои ӯ дар атрофи жанри нобурда маҳдуд набуда, мафҳуми васеъ доранд ва ба дигар жанру масоили адабӣ низ алоқаманд мебошанд. Чунончи вай гуфтааст: «Ва сухане, ки дар наср нагӯянд, ту андар назм магӯй», /82,139/ баъд вай мувофиқи анъанаи асримиёнагӣ назмро ба шоҳ ва насрро ба раият нисбат дода мегӯяд: «...Ва он чиз, ки раиятро нашояд, подшоҳро ҳам нашояд» /82, 139/.

Кайковус ба формулаи машҳури «Бардурӯғтари шеър барфурӯғтар» аз назари эътидол менигарад. «Ва андар шеър, дурӯғ аз ҳад мабар, ҳарчанд дурӯғ дар шеър ҳунар аст» /82, 139/. Вале «...муаллиф масъалаи муносибат бо осори гузаштагонро соддалавҳона ҳал кардааст» /47,45/.

«Агар чое маъние ғариб шунавӣ ва туро он хуш ояд ва ховоҳӣ, ки баргирӣ ва дигар ҷой истеъмол кунӣ, мукобира макун ва ҳамон лафзро ба кор мабар. Агар он маънӣ дар мадҳ бувад, ту дар ҳиҷо ба кор бар ва агар дар ҳиҷо бувад, ту дар мадҳ ба кор бар ва агар дар ғазал шунавӣ, дар марсият ба кор бар ва агар дар марсият шунавӣ, дар ғазал ба кор бар, то касе надонад, ки он аз куҷост» /82, 139-140/.

Чунонки аз ин гуфтаҳо бармеояд, Унсурулмаолии Кайковус дар фаҳмиши шеър хеле дақиқназар аст. Вай дар ин боби нисбатан мухтасари асараш ба аксари нукот ва масоили зарурии адабиёт дахолат кардааст ва бисёр фикру андешаҳои пурқиматашро ҳамчун хулосаи афкори пешқадами адабӣ баён кардааст.

Ҳамин тавр, афкори адабӣ танқидии Унсурулмаолии Кайковус аз чунин моддаҳо иборат аст:

1. Шоир бояд шеъри азбалфоз ва хушмаънӣ гӯяд: Чунонки шеъраш бо вазни латиф ва қавофии дуруст гуфта шуда, бо саноати шеърӣ музайян бошад.

2. Шоири хуштабъ аз суханони ғализ, вазнҳои гарони арӯзӣ ва қавофии тиҳӣ дурӣ ҷӯяд.
3. Дар шеър тасвирҳои ҳаққонӣ ба кор барад, дурӯғ аз ҳад зиёд истифода накунад.
4. Шоир бояд сухани худ, услуб ва шеваи хоси худро дошта бошад, то аз дигарон тарзи гуфтори вай фарқ кунад.

Албатта дар ин ҷо як чизро қайд кардан зарур аст, ки Кайковус дар зимни ин гуфтаҳояш ягон байтро мавриди муҳокима қарор намедиҳад ва дар хусуси ягон асар ҳамчун донандаи хуби назарияи адабиёт сухан намеронад, вале бо вуҷуди ин, агар асари мазкурро дар таърихи афкори адабӣ-эстетикии мардуми тоҷик саҳифаи тозаи инкишоф ҳисобем, хато намекунем.

Баъд аз «Қобуснома» асари мукаммалтари дигаре, ки дар бораи шеър муҳокимаронихои аҷибе дорад, асари шоир ва донишманди асри XII-Низомии Арӯзии Самарқандӣ аст /ваф.1174/. Ин асар «Чаҳор мақола» ё «Маҷмаъуннаводир» ном дошта, соли 1156-1157 таълиф шудааст(7). Китоби мазкур дар чаҳор илм ва ҳунар баҳс мекунад. Муаллиф мақолаи дуввумро «Дар моҳияти илми шеър ва салоҳияти шоир» номгузорӣ карда, таъкид мекунад, ки дар шеър маънии хурдро бузург нишон додан ва баръакс, маънии бузургро хурд гардонидан, ё некӯро дар либоси зишт нишон додан ва зиштро дар либоси накӯ ҷилвагар кардан мумкин аст /103, 49/.

Ҳамин тавр, ӯ шеърро як воситаи дар маънавиёти инсон таъсиркунада медонад. Пас, дар ин бора ҳикоятеро бо номи шахси таърихӣ меоварад, ки шеър дар ҳақиқат дар афкори иҷтимоии вай таъсире карда, зиндагии ӯро тағйир додааст /103, 49-50/. Вай шеърро барангезандаи қувваҳои ғазабонӣ ва шаҳвонӣ медонад(103, 49). Аз таърифи Низомии Арӯзӣ маълум мешавад, ки вай пайрави мантиқиён аст. Чунонки маълум аст, аз сархайли гурӯҳи мазкур Арасту /384-328 то мелод/ сар карда, то пайравони дигари ин равия «Абӯнасри Форобӣ /873-950/ ва Абӯалӣ ибни Сино /980-1037/ ҷавҳари таърифи онҳоро хаёлангезии шеър ташкил медод. Ин нуктаи муҳим дар осори дигар мантиқиён ба мисли Насираддини

Тӯсӣ /1200-273/, ки ин равияро пайравӣ кардаанд, инкишоф дода шудааст.

Низомии Арӯзӣ дар ҳамин мақола шоири писандидаро тавсиф дода, чигунагии шеъри ӯро нишон додааст. Чунончӣ вай камолоти шоириро аз омӯзиши пайваста /103, 56/ медонад ва сабаби онро низ шарҳ медиҳад. «Ҳар киро табъ дар назми шеър росих шуд ва суханонаш ҳамвор гашт, рӯй ба илми шеър орад ва арӯз бихонад ва гирди тасонифи устод Абулҳасан Ассирахсӣ Ал- Баҳромӣ гардад, чун «Ғоят ул арӯзайн» ва «Канз-ул-қофия» ва нақди маонӣ ва нақди алфоз ва сирқот ва тароҷим ва анвои ин улум бихонад, бар устоде, ки он донад, то номи устодиро сазовор шавад ва исми ӯ дар саҳифаи рӯзгор падид ояд»/103, 57/.

Муаллиф ба шоҳ маслиҳат дода мегӯяд, ки шоиронеро, ки умрашон аз «унфавони шабоб» гузаштааст, вале ба дараҷаи камолот нарасидаанд, парастории накунад, зеро шеъри онҳо аз ҳама гуна латофат ва балоғат холӣ аст. Аммо дар муқобили онҳо шоиреро, ки ҳанӯз ҷавон аст ва чандон шеъри хуб нагуфтааст, бояд дастгирӣ кунад, «чунки умед бувад, ки нек шавад» /103, 58/.

Агар оғози мақолаҳо ва фаслҳои онро аз афкори назарии Низомии Арӯзӣ ҳисобем, пас худи ҳикояҳои дар ин бобҳо овардаро, исботи амалии ин назарияҳо ҳисобидан мумкин аст. Ба ҳамин тариқ, назарияҳои адабии танқидии ӯро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст.

АФКОРИ НАЗАРӢ

1.Шеър бояд бо вуҷуди хурдро бузург ва бузургро хурд карда нишон дода тавонистан, боз бояд дар нафси инсонӣ низ таъсир карда тавонад.

2.Шоир бояд фитрат ва табъи солим дошта, дақиқназар бошад ва анвои улумро донад. Дар маҷлиси улум бояд хушсухан ва хушрӯй бошад ва суханаш бояд бад-он поя расида бошад, ки онро мардум вирди забон карда бошанд, вагарна дар акси ҳол шеъри вай пеш аз соҳибаш хоҳад мурд(103, 156).

АФКОРИ ТАНҚИДИ АМАЛӢ

1.Шеърҳое, ки ба онҳо худи Низоми Арӯзӣ баҳо дода, дар бораи ҳусну қубҳи онҳо арзи ақида кардааст. Масалан:

а) Он ҷо ки дар хусуси тафовути шеъри Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» ва шеъри дар ҳамин вазн ва қофияву радиф навиштаи Амир Муъизӣ сухан мекунад /103, 65/.

б) Ҷои дигар дар ҳаққи қасидаи Фаррухӣ гуфтааст: «Қасидае пардохт сахт некӯ» /103, 73/.

в) Низомии Арӯзӣ дар хусуси ҳабсиёти Масъуди Саъди Салмон ҳикоятеро меоварад ва ба Султон таъсир накардани як ҳабсияи ӯро тасвир карда, дар қиёси Султон ба худ ишора карда мегӯяд:«Вақт бошад, ки ман аз ашъори ӯ ҳамехонам, мӯй бар андоми ман бар пой хезад» /103,89/.

г) Дар ҳикояти дигар аз хусуси шеъри Фирдавсӣ мегӯяд: «Ва суханро ба осмони алайин бурд ва дар узубат ба мои маъйин расонид ва кадом табъро қудрати он бошад, ки суханро бад-ин дараҷа расонад, ки ӯ расонда аст...Ман дар Аҷам сухане бад-ин фасоҳат намебинам ва дар бисёре аз сухани араб ҳам» (103,95).

2. Шеърҳое, ки дигарон ба ашъори шоирон баҳо додаанд, ё шоирон дар ҳаққи шеъри якдигар аз лиҳози завқи шахсӣ хурдагирӣ кардаанд/103, 102/.

3. Шеърҳои худи Низомии Арӯзӣ Самарқандӣ, ки дар хусуси онҳо қазоват кардаанд. Масалан, панҷ байти вай, ки дар ҳимояи худ гуфта буд /103, 107/.

Чуноне ки аз ин тақсимот дида мешавад, мисолҳои дар «Чаҳор мақола» овардашуда ба се гурӯҳ тақсим мешаванд ва дар ҳама мисолҳо фақат вуҷуди таҳсин ва пазируфтан ва ё напазируфтани шеъри ин ва ё он шоир таъкид карда мешаваду бас.

Ба ҳамин тариқ, аз афкори интиқодии ин се муаллиф маълум мешавад, ки ҳар кадоме аз онҳо назарияи муайянеро пайравӣ кардаанд. Масалан, аз хулоса ва мулоҳизаҳои муаллифи муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ ва муаллифи «Чаҳор мақола» маълум мешавад, ки онҳо аз фалсафаи Юнон ва алалхусус аз назари Арасту оид ба

моҳияти эҷоди бадеӣ, ки дар асараш «Фанни шеър» /Поэтика/ дарҷ гардидааст, ба хубӣ огоҳанд.

Дар қиёси ин донишмандон муаллифи «Қобуснома» Унсурулмаолии Кайковус бештар ба равияи мактаби филологҳои арабу форс гаравидааст. Вале ногуфта намонад, ки таъсири шеър, фалсафа ва адаби юнон ҳам дар эҷодиёти Кайковус ҳис карда мешавад /74, 412/.

Воситаи дигари баёни афкори интиқоди «тазкира» аст. Ба иттилои мо нахустин тазкирае, ки бо забони тоҷикӣ таълиф шудааст, «Лубобулалбоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (асри XII-XIII) /1221-1222/(92) аст. Худи Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубобулалбоб» овардааст, то таълифи тазкираи ӯ дар форсӣ дигар таълифе дар назар наёмадааст /92, 10/. Вале дар арабӣ вуҷуд доштани чанд таснифотро таъкид карда, шаш тазкираро номбар мекунад /92 ,9/. Тазкираи мазкур аз 12 боб иборат буда, чаҳор боби аввали он камобеш ҷузъи назарии асарро ташкил дода, дар хусуси фазилати шеър, тафсири маънои шеър, дар бораи шоири аввалин ва аввалин шоире, ки дар порсӣ шеър гуфтааст, баҳс мекунад. Зимнан бояд қайд кард, ки асари мазкур аз як ҷиҳат «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзиро ба хотир меоварад, чуноне ки маълум аст, дар «Чаҳор мақола» ҳам асосан, баҳс дар атрофи ағрози шеър сурат гирифта буд. Вале Муҳаммад Авфӣ ба таърифи шеър аз назари филологҳои форсу тоҷик баҳо медиҳад. Чунончӣ: **«Бибояд донист, ки шеърро маънӣ илм аст, яъне донишӣ, яъне донише, ки арбоби фитнат бад-он чизе фаҳм кунанд ва маонии шоир олим бувад, яъне доно, ки маоӣии дақиқро идрок кунанд ва маъниии дақиқ он, ки фикрати ӯ дар зери пародаи замир хаёлбозиҳои латиф намояд»** /92, 16/.

Аз гуфтаҳои Муҳаммад Авфӣ маълум мешавад, ки маънои лугавии ҳарду калима як чиз- яъне донистан аст. Вале дар зикри муаллиф калимаи «шеър» ҳамчун истилоҳ маънои нисбатан васеътарро дорад ва гӯяндаи он-шоир-гӯяндаи маонии дақиқ» аст.. ва фикрати ӯ зери пардаи замир хаёлбозиҳои бисёр латиф дорад». Дар ин таъриф Муҳаммад Авфӣ як ҷиҳати бисёр муҳими шеър «Образнокӣ» - яъне «тахайюли бадеӣ»-ро /50/ дарк кардааст. Ва ниҳоят

Муҳаммад Авфӣ байни олим ва шоир фарқ мегузорад, назар ба қавли вай илм умумӣ аст, - яъне донистан ва фаҳм кардани шеърро шояд ҳар кас тавонад-ба ҳама мумкин аст, вале маънои дақиқро дар шеър зикр кардан, хусусӣ ва он махсуси шоир аст.

Қисмати асосии тазкира, ки дар хусуси шоирон ва шеъри онҳо баҳс мекунад, аз аввал то ба охир якранг аст. Муаллиф дар сар то сари тазкира якнавохт сухан ронда, баъзан дар бораи ин ва ё он шоир маълумоти тозае илова мекунад, ки он ҳам характери тарҷимаиҳолӣ дошта, интиқоди муаллиф мубҳам аст ва равшан ҳис карда намешавад.

Он ҷо ки дар хусуси шоир ва шеър сухан мегӯянд, аз тарзи суханаш маълум нест, ки вай шеъри кадом шоирро боло гузоштанӣ аст. Ӯ дар байни як шоири аввал ва як қофиябанд тафовут намегузорад /74, 101/. Суханронии вай дар хусуси шеър ва шоир характери тавсифӣ дошта, баҳоҳои вай дар асоси завқи шахсӣ гуфта шудаанд. Ҳол он ки тазкиранависони минбаъда ба мисли муаллифи «Тазкиратушшуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ /асри XV/ дар хусуси шеъри шоирони дар тазкирааш овардашуда, афкори интиқодиашро нисбатан сареҳу возеҳтар баён кардаанд.

Ба ғайр аз нақди шоирон, нависандагон ва тазкиранависон боз асарҳое ҳастанд, ки бевосита дар хусуси ҳусни калом баҳс мекунанд. Ба қавли муаллифи «Мафотеҳулулум» Муҳаммад бинни Аҳмад бинни Юсуф Котибии Хоразмӣ /асри X/ онро «Нақдушшеър» /79, 93/ меномиданд. Ин фан дар асрҳои минбаъда шакли муайян гирифта, дар асоси он асарҳое чун «Маҳосинулкалом»-и Марғиноӣ /асри X/ «Тарҷимонулбалоға»-и Муҳаммад бинни Умар Арродӯёнӣ, «Ҳадоиқуссеҳр фӣ дақоиқ ушшеър»-и Рашидаддини Ватвот пайдо гардид. Вале набояд фаромӯш кард, ки пеш аз таълифи ин асарҳо чандин асарҳои дигар дар илми арӯз ва қофия таълиф шуда буданд. Инҳо «Зиннатномаи»-и Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ бинни Муҳаммад Аррашидии Самарқандӣ, «Мухтасаре дар санъати талаввун »-и Аҳмад бинни Муҳаммад Абдуллоҳ бинни Муҳаммад Алманшурии Самарқандӣ, «Ғоятуларӯзайн»,

«Канзулқофия», «Ҳуҷистанома дар илми арӯз/. Таълифоти Имом Ҳасани Қаттон дар шаҷараҳои «ахрам» ва «ахраб»-и баҳри «Ҳазаҷ» ва мухтасаре дар илми арӯз (112, ب,ج) мебошанд. Муаллифони ин китобҳо зимни овардани қонунҳои арӯз ё қофия хоҳу нохоҳ бояд камомади шеъреро ки дар он нуқсонҳои арӯзӣ ҷо доранд, нишон дода, ба ин васила баъзе аз хатокориҳоро дар хусуси алфозу маъно низ даҳолат карда бошанд. Вале мутаассифона, аз ин асарҳо ба ҷуз ном дигар чизе то ба замони мо омада нарасидааст.

Аммо чуноне ки дар боло ҳам ишора рафт, то асри XIII дар илми бадеъ ду асари дигар таълиф шуд, ки аз онҳо таҳаввулоти муайяни афкори интиқодӣ таҳассус мегардад.

Китоби дар илми бадеъ таълифшудаи Муҳаммад бинни Умар Арродуёнӣ «Тарҷимонулбалоға» дар адабиётшиносии форсу тоҷик қадимтарин асарест, ки ба ин илм бахшида шудааст. Муаллиф дар хусуси нақди шеъри шоирон, ки амсоли ашъори онҳоро дар китобаш фаровон истифода кардааст, махсусан наистода, бошад ҳам дар чанд ҷой оид ба ягон шеър, ё санъати бадеӣ мулоҳизаҳои интиқодиашро баён кардааст. Ин ҷо боз як чизи дигарро таъкид кардан зарур аст, ки Родуёнӣ ҳангоми таълифи ин асар, фақат як масъаларо пеши назар доштааст, он ҳам бошад, аз арабӣ ба порсии дарӣ гардонидани ачноси балоғат аст. Муаллиф онро дар огози китобаш низ таъкид мекунад/93, 9/.

Родуёнӣ ҳангоми таълифи асараш аз китоби «Маҳосинулкалом»-и Марғинонӣ истифода кардааст. Чунонки адабиётшинос Абдулҳусайн Зарринкӯб дар китобаш «Нақди адабӣ» қайд кардааст «.. муаллифи «Тарҷимонулбалоға» дар тартиби саноеъ то андозае равиши Марғинониро иқтифо кардааст ва иддае саноеъро низ, ки дар «Маҳосенулкалом» беш аз 33 санъат нест, дар «Тарҷимонулбалоға» ба ҳафтоду се санъат расондааст»/74,402/. Адабиётшинос А.Сатторов «Тарҷимонулбалоға»-ро ба рисолаи «фанни шеър»-и Абӯалӣ ибни Сино монанд медонад ва дуруст таъкид мекунад, ки агар ба тавассути тафсири Ибни Сино дар шеър ва адабиёти форсу тоҷик унсури юнонӣ дохил шуда бошад, ба туфайли рисолаи Родуёнӣ дар танқиди адабии мо унсури арабӣ роҳ

ёфт. Ин унсур ба маҳдудияти худ нигоҳ накарда, нисбат ба унсури юнонӣ бештар равнақ гирифт» /53,130/.

Бо вуҷуди он ки Родуёнӣ»-мурод бад-ин китоб падид кардани шеъри маъюб нест /93, 93-94/ мегӯянд, боз дар чанд ҷой /12, 17, 30, 45, 51, 59, 74, 90, 91, 92, 93, 94/ афкори интиқодии худро баён карда, ба баъзе байтҳо аз назари танқид баҳо медиҳад ва онро тафсир мекунад. Чунончи вай дар «фасл фӣ талоум» таъкид мекунад, ки шеър бояд якдаста ва ҳамвор гуфта шавад ва набояд, ки байтҳо аз ҷиҳати маъно ва лафз аз ҳамдигар фарқ кунанд. «Чи агар байте қавӣ бувад ва азб ва байте суст бувад ва бо халали зишт ояд ва низ гумони дуздида баранд. Мисол Зайнабии Алавӣ гӯяд:

Он қатраи борон ба аргувон бар,
Чун хай ба баногӯши некувон бар.
Аттор магар васл кард амдан,
Кофуру раёҳин ба заъфарон бар.

Ва порсигӯёнро бештар ба тафовут аст, то бад-он ҷойгаҳ, ки баъзе мардумон пиндоштаанд, ки тафовут мазҳабест ба шоирӣ ва ҳол бар хилофи он аст, эшон гумон бурдаанд, зеро ки чун шеър бар яксон бувад, бисёр беҳтар аз он бувад, ки бо тафовут /93, 91-92/.Чуноне ки маълум аст, Родӯёнӣ истифода шудани санъатҳои шеъри арабиро дар шеъри форсӣ дида ин санъатҳоро аз арабӣ ба тоҷикӣ гардонд ва мисолҳои зарурироро ҷустуҷӯ карда, китобашро мураттаб сохт, лекин бо боварӣ метавон гуфт, ки фикри дар боло овардашуда маҳз ба Родуёнӣ тааллуқ дорад ва ӯ ин хулосаашро пас аз омӯхтани адабиёти тоҷик баён кардааст. Пеш аз овардани шеъри Зайнабии Алавӣ ҳанӯз чунин гумон бурдан дуруст мебуд. Вале шеър ва нуктаи дар зери он ҷой додашуда, чунин гумонҳоро бартараф мекунад. Аз ин порча ба таҳқиқ маълум мегардад, ки муаллиф дар ин бора бисёр чизҳоро омӯхта ва тадқиқ кардааст, чунончи маълум кардааст, ки чунин нуқсон на дар шеъри арабӣ, балки дар шеъри форсӣ ба дараҷае мустаъмал аст, ки мардум онро услуби эҷодӣ гумон кардаанд. Ва Родуёнӣ бо боварӣ ҳукм мекунад, ки шеъри «якдаставу ҳамвор» аз ин гуна шеър беҳтар аст.

Родуёнӣ поёнтар сабаби рӯй додани чунин хаторо соҳибназарона шарҳ медиҳад. «Ва мутақаддимон андар шеър мустақим набудаанд, ки мутаахирон, зеро ки эшон ибтидо карданд ва муқтадиро кор осонтар бувад, ки мубтадиро. Ва шеъри поки бетафовут Унсурирост» /93, 92/.

Баъд аз ин фасли дигар оғоз меёбанд, ки онро «фасл фӣ мутанофир» ном гузоштаанд. «Мутанофир зидди муталоум бувад» мугӯяд Родуёнӣ ва ба ду вақҳ оид будани онро таъкид мекунад, яке мутанофир ба ҳуруф аст, яъне танаффури сухан аз ҷиҳати душвории талаффуз ва дигаре аз ҷиҳати маъно, «байт аз байт дур бувад ба маънӣ»

Хонаи зарриш подшоҳ ҷаҳон аст,
Дар сухан як худойро чӣ гумон аст.
Қорун гӯяд ганҷ дошт ниҳонӣ,
Шоҳ баландахтар асту сахт гумон аст.

Ҳар мисрае ба тани хеш вазн ва маънӣ дорад, валекин мисраи пешин ба мисраи пасин пайванд надорад ба ҳеҷ маънӣ. Ва инчунин сухан маъюб аз он аст, ки баъзе байтҳои қасида балеғаи азб бувад андар оянда ба дилу гӯш ва баъзе ракик» /93,93/. Интиқоди Родуёнӣ ба нақди маонӣ мансуб аст. Муаллиф хонандаро аз вуҷуд доштани навъи дигари инчунин норасоии шеър-танофури ҳуруф, ки дар интиқод онро «нақди алфоз» ҳам меноманд /115,57-58/, огоҳ кардааст.

Муҳаммад бинни Умар Арродуёнӣ дар интиҳои китобаш овардааст: «Ва боистӣ, ки он чӣ ношоиста аст андар шоирӣ ва нописандида андар назму наср биёвардаме, то хонандаи китобро унсе ва роҳате будӣ, ҳамчунон, ки аз ақсоми балоғат маъруфтар ва маъмултар биёвардам. Валекин аз он ки чора набудӣ, мисол овардам ба шеърҳои мутақаддимон ва он чун таънае будӣ, аз ман гӯяндаи он суханро, мустаҳсан надоштам. Хоса чун аз хештане в-андар саноат берун н-омада ва пой аз маҳалли шогирдӣ берун ниниҳода. Агар бикардаме маъзурам надоштандӣ, накардам то машкур бошам» /93,93/.

Дар хотима инро бори сеюм ёдоварӣ кардани Родуёнӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вай дар ин бора бисёр чизҳоро гуфта

метавонистааст, вале бо сабаби китоби нахустин буданаш ин корро ба худ эб надидааст. Ба қавли худи Родуёнӣ, азбаски вай дар ин кор ба гурӯҳи «мубтадӣ» дохил мешавад ва асаре, ки пеш аз «Тарҷимонулбалоға» маълум бошад нест, аз ин ҷиҳат ҳам наққодии вай ба тарзи хос рух намудааст. Ва бояд гуфт, ки яке аз шукуфаҳои аввалини «нақдушшеър» ё «нақди фаннӣ» ҳам ҳамин асар аст.

Бад-ин тариқ, нақди дар «Тарҷимонулбалоға» қайд шударо ба чунин гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст:

1.Шарҳу тафсири байтҳои ҷудогона.

2.Танқиди лафз ё маъно.

3.Ақидаи шахсии Родуёнӣ дар хусуси ин ва ё он санъат. /масалан, ташбеҳ/.

4.Фикрҳои шахсии вай дар маҳорати шоирии ин ё он шоир.

Аммо наққодии Рашиддадини Ватвот дар китобаш «Ҳадоиқуссеҳр фӣ дақоиқушшеър» дигаргуна ва аниқтараш ба чашм намуданӣ аст. Ҳарчанд муаллиф дар овардани санъатҳо якеро ба дигаре омехта карда, мисолеро ба таъриф мутобиқ наовардааст /104,350/, аз мулоҳизоти минбаъдаи вай дар рафти ташреҳоти мисолҳо маълум мегардад, ки салиқаи хуби наққодӣ дорад, ва дар баъзе маврид ҳукми одилона мекунад. Махсусан, дар боби ташбеҳ назари танқидии ӯро, ки хеле мушикофона эрод гирифтааст, ҳис кардан мумкин аст. Чунончи вай дар хусуси як ташбеҳи Азрақӣ мегӯяд: «... ва албатта неку ва писандида нест, ки ҷамоате аз шуаро кардаанд ва мекунанд, чизеро ташбеҳ кардан ба ҷизе, ки на дар хаёли ваҳм мавҷуд бошаду на дар аён, чунонки ангишти афрӯхтаро ба дарёи мушкин, ки мавҷи ӯ заррин бошад, ташбеҳ кунанд ва ҳаргиз дар аъён на дарёи мушкин мавҷуд аст ва на мавҷи зарин ва аҳли рӯзгор аз қиллати маърифати эшон ба ташбеҳоти Азрақӣ мафтун ва мӯъҷиб шудаанд ва дар шеъри ӯ ҳамаи ташбеҳот аз ин ҷинс аст ва ба кор наёяд» (85, 662).

Чуноне ки дида мешавад, Рашиди Ватвот тарафдорони ташбеҳҳои воқеӣ аст ва ташбеҳҳои аз зеҳн дур –абстрактро написанда ва дар шеър низ «ба кор наёянд» гуфтааст.

Рашидаддин Ватвот боз дар чанд ҷои китоб (85, 652,655, 657, 661, 662, 665, 679, 689, 690, 695, 697, 699, 700, 701, 702,

705, 706) назари интиқодии худро оид ба ягон шеър ё маҳорати шоир баён кардааст. Ин албатта, нисбат ба Родуёнӣ қадаме ба пеш буд. Вале дар ин маврид мо Родуёнӣ ва китоби бебаҳои ӯ «Тарҷимонулбалоға»-ро дар интиқоди шеъри шоирон нисбати вомондагӣ дода наметавонем. Чунонки дар боло қайд кардем, Родуёнӣ ҳам фақат мусоид омадани қонуниятҳои балоғати арабро бо эҷоди шеъри тоҷикӣ ба назар гирифта, тарҷима кардани қавонини назарии балоғати араб буду бас. Дар ин қиёс Рашидаддини Ватвот дигаргуна мавқеъ дорад. Чунонки аз муқаддимаи китоби «Ҳадоиқуссеҳр» маълум аст, Ватвот китоби «Тарҷимонулбалоға»-ро аз ҷиҳати ҳусни таълиф паст мезанад ва ба Малик Хоразмшоҳ ваъда медиҳад, ки беҳтар аз он китобе таълиф хоҳад кард. Аз тарафи дигар, Ватвот дар пеши худ китобе дошт, ки муқаддам аз китоби вай офарида шуда буд ва аз ин лиҳоз вай метавонист чизеро ба асос бигирад.

Албатта, ҳам наққодии Рашидаддин Ватвот ҳам салафи вай Муҳаммад бинии Умар Арродуёнӣ дар рафти таълифи китоб баён карда мешуданд ва аз ин ду муаллим касе ҳам ягон қисмат китобро маҳз барои нақд ва наққодӣ набахшидааст.

Рашидаддини Ватвот бо шарҳи истилоҳи ин ва ё он санъат ва овардани мисолҳо иктифо намекунад, дар баъзе маврид ба таҳлили мисолҳои душворфаҳм мепардозанд ва чун дид, ки дар миёна мушкилотеро ҳал кардан зарур аст, бо фатвои хирад ба он ҳукми одилона мебарорад. Чунончи вай фасли «Алистидрок»-ро чунин шарҳ додааст:

«Ин санъат чунин бошад, ки шоир байтеро огоз ниҳод ба алфозе, ки

пиндоранд, ки ҳаҷв аст, пас истидрок кунад ва ба мадҳ орад...» Шоир гӯяд:

Асари мир пахохам, ки бимонад ба ҷаҳон,
Мир хоҳам, ки бимонад ба ҷаҳон дар асаро.

Баъд аз овардани ин байт Рашидаддини Ватвот арз мекунад, ки чунин мадҳ аввал ба иштибоҳ мебарад. Ва табъи

ӯро /мамдӯҳро –Ш.М/ нохуш мекунад. Пас аз он ки вай аз асли мақсад дарак меёбад, дигар лаззати каломро таҳассус намекунад/85,500-501/.

Чунин мисолҳоро дар чанд ҷои «Ҳадоиқуссеҳр..» вохӯрдан мумкин аст. Агар аз ин лиҳоз «Тарҷимонулбалоға»-ро бо «Ҳадоиқуссеҳр» муқоиса карданӣ шавем, маълум мешавад, ки интиқоди Рашидаддини Ватвот нисбат ба интиқоди Родуёнӣ сареҳтару равшантар аст/Ҳарчанд Родуёнӣ борҳо хотиррасон карда буд, ки вай ба нақд сару кор доштанӣ нест/.

Ва ҳанӯз он эътироз, ки дар ҳаққи ин китоб дар ҳузури малик Хоразмшоҳ карда буд, худ нақде аст/85, 621/.

Гузашта аз ин, аз ибтидо то интиҳои асар муаллиф зиёда аз 15 маротиба ба таҳлил ва танқиди ашъори шоирон машғул мешавад ва дар хусуси ҳусну қубҳ ва мақоми онҳо изҳори ақида мекунад.

Муҳаққиқи назарияи адабиёти форсу тоҷик Н.Ю. Чалисова дар хусуси «Ҳадоиқуссеҳр..» тадқиқот бурда, рисолаи номзадӣ навиштааст. Вай қайд мекунад, ки унсурҳои танқидӣ адабӣ дар асар чандон зиёд набошанд ҳам, ба чаҳор гурӯҳ тақсим мешаванд: а) мадҳ ва муқаррар кардани мақоми мамдӯҳ, б) танқиди шахсии вай, яъне муҳокимаҳо, в) муайян кардани хусусиятҳои хоси шеъри порсӣ, г) шарҳи вазъияте, ки дар он ин ва ё он байт, ё ибора гуфта шудааст. Лекин,- илова мекунад муаллиф, хизмати Ватвот чун ноққид пеш аз ҳама дар ҷудо карда гирифта тавонистани мисолҳои «нормативӣ» ва ба ин васила муайян кардани доираи «намунаҳо» барои шоирони минбаъда аст/57, 20/. Пеш аз хондани мулоҳизаҳои Н.Ю. Чалисова одилона мебуд, ки аввал Родуёниро таҳният бигӯем, чунки вай дар ин кор пешоҳанг буд ва «муқтадиро кор осонтар аст, ки мубтадиро» ва як қисми умдаи амсоле, ки Рашидаддини Ватвот дар асараш ҷо додааст, аз китоби «Тарҷимонулбалоға» гирифта шудаанд. Ҳарчанд амсоли Родуёнӣ дарёфткарда, дар «Ҳадоиқуссеҳр..» фаровон истифода кардашуда бошад, ҳам амсоли бозёфта ва ашъори аз эҷодиёти худ мисол овардаи Рашидадини Ватвот кам нест.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан зарур аст, ки Рашидаддини Ватвот фикру андешаҳои танқидиашро на аз рӯйи ғарази пешакӣ, ё аз рӯи ягон анъана, балки ба тариқи мустақил ҳар куҷо, ки зарур донистааст, изҳор кардааст. Ин интиқоди Рашидаддини Ватвот дар асоси «нақди маонӣ ва алфоз», ки дар адабиёти гузаштаи форсу тоҷик мустаъмал буд, сурат гирифта, барои покӣ ва беолоишии забони шеъри тоҷикӣ нафъи судманде бахшидааст.

Чуноне ки маълум шуд то асри XII дар адабиётшиносии тоҷик, чаҳор заминаи сабти афкори интиқодӣ мавҷуд буд: яке аз онҳо ашъори шоирон, дуввум осори нависандагон, сеюм тазкиранависӣ ва чаҳорум осори муаллифони кутуби ба нақдушшер бахшидашуда буданд. Агарчӣ дар ин чаҳор воситаи афкори интиқодӣ матолиби зиёде аз норасоиҳои каломи бадеъ оварда шуда бошанд ҳам, лекин дар ҳеҷ кадоме аз онҳо система ё принсипи муайяне риоя карда намешуд, ё инчунин система вуҷуд надошт.

Ба ҳамин тариқ, то асри XII таълиф шудани китобҳо дар илми арӯз, қофия, илми бадеъ, тазкираҳо ва инчунин дигар китобҳои серсоҳа ба мисли «Мафотеҳулулум» -и Котиби Хоразмӣ, «Насиҳатнома» ва «Чаҳор мақола» барои ба вуҷуд омадани комилтарин асар дар адабиётшиносии тоҷик «Алмӯъҷам фӣ маоири ашъорил Аҷам» заминаи илмӣ ва адабӣ шуд. Ин китоби нурфайз, ки дар се навъи улуми адабӣ гирд оварда шудааст, ба қалами Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ тааллуқ дорад. Китоби мазкур асари ҷамъбастии ҳамаи падидаҳои нақди адабии гузашта мебошад.

БОБИ III
НАЗАРИ ИНТИҚОДИИ ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ

«Алмӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ дар улуми адабӣ аз таълифоти муҳим ба ҳисоб рафта, дар се шохаи ин илм-арӯз, қофия ва бадеъ баҳс мекунад. Ба ғайр аз илмҳои номбаршуда, дар охири китоб қисмате илова шудааст, ки он «Хотимаи китоб» ном дошта, бо унвони «Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ» машҳур аст ва ҳатто дар шакли китоби алоҳида мунташир шудааст (113).

Дар ин қисмат Шамси Қайс шеър ва шоирро аз бисёр ҷиҳат мавриди муҳокима қарор медиҳад ва дар хусуси шеъри хуб ва шоири муқтадир баҳсроиҳо мекунад- дурусттараш «Адавоти шеър» (асбобе, ки бо он шеър мегӯянд) ва «муққаддамоти шоирӣ»-ро (он чиро ки шоир бояд пеш аз иншои шеър донад) муайян кардааст. Аммо пеш аз он ки ба тафсили ин боб гузарем хотиррасон намудан лозим аст, ки Шамси Қайси Розӣ таърифи шеърро дар оғози қисми дуюми асараш, ки «Дар маънии шеър ва қофият ва ҳад ва ҳақиқати он» ном дорад, овардааст. Аз ин ҷиҳат моро зарур аст, ки қабл аз таҳлили қисмати мазкур дониста бошем, ки Шамси Қайси Розӣ дар бораи шеър ва моҳияти он чӣ ақида доштааст.

Аввало бояд гуфт, ки дар адабиётшиносии гузаштаи форсу тоҷик ду таърифи шеър маълум аст. Таърифи аввал ба файласуфону мантиқиён тааллуқ дошта, аз назари онҳо шеър «каломи мухайял» аст. Таърифи сонӣ ба мутааххирин ё филологҳои араб ва форсу тоҷик мансуб буда, шеър аз назари онҳо, каломест мавзуни муқаффо, ки бар маъние далолат кунад.

Назарияи аввал аз Арасту (6, 68) ибтидо мегирад, ки онро баъдтар файласуфони машҳури Шарқ ба мисли Абунасри Форобӣ (81, 66), Абӯалӣ Ибни Сино(80, 500) ва Низомии Арӯзии Самарқандӣ (103, 49) ва Насраддини Тӯсӣ (101, 587), ҳарҷониба идома доданд. Асосгузори назарияи дуюм адабиётшиносӣ араб Қудома ибни Ҷаъфар буда, назарияи шеъри форсӣ дар асоси таъиноти вай зуҳур ёфта, нумӯ кардааст. Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ

бошад, ба назарияи дуюм пайравӣ карда аз назарияи вай «... шеър дар асли луғат, дониш аст ва идроки маонӣ ба ҳадси соибу андеша ба истидлоли рост ва аз рӯйи истилоҳ сухане аст андешида, мураттаби маънавӣ, мавзун, мутакаррар, мутасовӣ, ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда»(112,196).

Агар ин таърифро бо таърифи Қудома ибни Ҷаъфар муқоиса кунем, пас, маълум мегардад, ки ин ду таъриф аз ҳамдигар чандон тафовут надоранд. Фақат яке таърифро хеле мӯъҷаз баён карда, дигаре ҳамин маъноро батафсил овардааст. Чунончи агар Қудома ибни Ҷаъфар шеърро «каломи мавзун ва муқаффо, ки бар маънои муайян далолат мекунад» (116,3), гуфта, таъриф дода бошад, пас Шамси Қайс бевосита аз маънои луғавии калимаи шеър суханашро сар мекунад. Баъди боз чанде тафсилот вай кӯшиш мекунад, ки маънои этимологии калимаи шеърро ҳам муайян кушода диҳад, аз ин рӯ вай ривоятеро меорад, ки дар он бо чӣ сабаб истилоҳ қабул шудани калимаи шеър нақл карда шудааст(112,197).

Шамси Қайс баъд аз овардани таърифи шеър ҳар як ибора ва калимаи дар таъриф овардаашро шарҳ медиҳад. Ин тарзи шарҳдии Шамси Қайс таъриф ва шарҳдиҳии муаллифи «Нақдушшеър» Қудома ибни Ҷаъфарро ба хотир меорад(116,3).

А.Сатторов ҳангоми шарҳи таърифи мантиқиён, хусусан дар мавзеи ташреҳу таърифи шеър аз назари Насираддини Тӯсӣ ба хулосае омадааст, ки дар таърифи Тӯсӣ таърифи Абӯалӣ ибни Сино бо таърифи Шамси Қайси Розӣ ба ҳам омезиш ёфтааст (47,91).

Фақат ин ҷо илова кардан зарур аст, ки таърифи мантиқиҳо аз таърифи филологҳои форсу тоҷик бо он фарқ мекунанд, ки филологҳо шеърро аз лиҳози ҷузъиёти муқаррарии он, яъне вазну қофия доштан ва тасовӣ (баробар) будан, таъриф медоданд,- инро худи мантиқиҳо ҳам қайд карданд, ки «Мантиқиро ба ҳеҷ як аз вазн ва тасовӣ ва қофия назария нест, магар бубинанд, ки чи гуна сухан хаёлангез ва шӯронанда мешавад» (80,500). Бо вуҷуди ин, мантиқиҳо вазн ва қофияро бо иқтизои илми мантиқ шарҳу тавсир додаанд. Вале манзури онҳо хаёлангезии шеър буда, таърифашонро дар ҳамин замина дуруст кардаанд.

Шамси Қайс, чуноне ки аз таърифаш ҳам бармеояд, ба гурӯҳи филологҳо мансуб буда, аз филологҳои тоҷику форс аввалин шахсест, ки ба ин масъала диққати махсус додааст. Вай шеърро дар қисмати дуюми «Алмӯҷам» таърифи мукаммал дода, боз дар қисмати «Адавот» ба он шарҳи зиёдеро афзудааст, ки то ӯ касе ин корро ба ин иҳтиво анҷом надода буд.

Дар ин қисмат, Шамси Қайс шеър ва шоириро низ аз бисёр ҷиҳат мавриди муҳокима қарор медиҳад ва дар хусуси шеъри хуб ва шоирӣ муқтадир муҳокимаронӣ мекунад ва «Адавоти шеър»-ро муайян менамояд.

Муаллиф дар оғози «Адавот» қисмати мазкурро «Фотиҳаи ҳақиқати илм ва воситаи иқди ин саноат» номидааст (112,445), вай он чиро, ки дар интиқоди масоили мухталифи шеър ва лавозимоти он дар мақоми зарурат изҳор карда буд, хостааст бо як тартиб ва вусъати андеша аз дигар баён кунад. Вай ҳар чиро ки қаблан эроди вай зарур набуд, дар он афзуда, ҳамаи онро дар як таърифи куллӣ ҷой додааст ва дар он ба ҷанбаҳои дигари нақду ноқидӣ низ дахолат кардааст (90,33).

Адавоти шеър гуфта-Шамси Қайс «калимаи саҳеҳ», «алфози азб», «ибороти балеғ» ва «маонии латиф»-ро дар назар дорад ва бояд ин унсурҳои дар боло номбаршуда, ҳатман дар қолиби авзони мақбул ҷойгир бошад. Ва шеърро ҳамон вақт шеъри нек хондан мумкин аст, ки агар ин хусусиятҳоро дар худ дошта бошад. Дар ин бора Шамси Қайс андешаи сохибназаронае дорад ва ба қавли ӯ «...тамоми санъат ҷуз ба истикмоли олот ва адавоти он даст надиҳад» (113,3).

Аммо ин ҳама олоти меҳнат аст, ки Шамси Қайс онҳоро дар панҷ ибора баён кардааст. Ҳамчунон ки маълум аст, олотро мутахассиси соҳа, ки тайёрии махсусро гузаштааст, ба кор мебарад. Шамси Қайс олоти шеърро баён карда истода, таъкид мекунад, ки мутахассис, яъне шоир барои ихтисос пайдо кардан дар истифодаи ин олот» бояд чиҳоро донад. Назарияи ин соҳаро Шамси Қайс дар «Муқаддамоти шоирӣ» овардааст, ки он дар муқосиа бо «Адавоти шеър» басо доманадор баён ёфтааст.

Дар қисмати «Муқаддамоти шоирӣ»-и Шамси Қайс бисёр масъалаҳои назарияи шеърро дахл кардааст. Вай дар ин қисмат, ки аслан характери таълимӣ дорад, ҳамчун мураббии шоирони ҷавон роҳу усули эҷоди шеърро ба онҳо меомӯзад. Вай дар ин замина аз хурдтаррин воҳиди маънавии шеър –калима сар карда, донистани илми арӯз ва қофия, манфиати аз бар кардани ашъори шоирон, тарзи ба иншои шеър шурӯъ кардан ва бисёр лавозимоти дигарро аз ҳайси нозукии шеър донистан, фарқ карда тавонистаи қофияҳои дуруст ва нодуруст, масъалаи таносуби лафз ва маъно, накд ва ноқид, сирқот ва таъкиди он, ки шоир бояд аз бисёр муаммоҳои зиндагӣ огоҳ бошад ва маъонии зиёдеро бояд ҳифз карда бошад. Ва боз дар ин замина чандин масоили ҷузъии шоириро низ дахолат кардааст.

Дониши ҳаматарафаи Шамси Қайс дар илми адаб имконият додааст, ки вай ба бисёр масъалаҳои нозуки шеъру шоирӣ дахолат кунад. Мунаққиди машҳури рус В.Г. Белинский ҳам табъи нозукро барои мунаққид шарти муҳим ҳисобида гуфтааст:«Шарти аввал дар мунаққид лутфи табъ, эҳсоси амиқ ва таассуроти нафис доштан аст» (11, 357). Аз ин ҷост, ки вай дар адабиётшиносии гузаштаи тоҷик –форс аввалин шуда ба чунин кори доманадор даст зад ва мушоҳидаву андешаҳояшро дар шакли китоби илмӣ ба толибилмони шеър пешкаш кард. Эҳсоси амиқи ӯро дар чандин ҷои китобаш, алалхусус он ҷое, ки чизеро ба тариқи маслиҳат ба шоирони ҷавон талқин кардани мешавад, махсусан дарк кардан мумкин аст. Чунончи ҳангоме ки Шамси Қайс дар хусуси аз бар кардани ашъори устодони сухан ҳарф мезанад, рух додани фавоиди онро шарҳи хубе медиҳад ва мегӯяд: «... ва он алфоз дар зеҳни ӯ қарор гирад ва он иборот малакаи забони ӯ шавад ва маҷмӯи он модаи табъ ва моияи хотири ӯ гардад, пас чун қареҳати ӯ дар кор ояд ва сикари табъи ӯ кушода шавад, фавоиди он ашъор рӯй намояд ва натиҷаи он маҳфузот падид ояд»(112,446-447).

Дар ин ҷо «фавоид» гуфта, Шамси Қайс ҳаминро дар назар дорад, ки ҳангоми эҷоди шеър - шоир ба мушкилиҳои зиёде дучор омаданаш мумкин аст. Агар ӯ шеъри зиёдеро аз давовини шуаро аз бар карда бошад, пас ҳангоми ба

душворие дучор омадан, тарзи адои ин ва ё он маънии шеъре, ки онро дар ҳифз нигоҳ медошт, мададгор мешавад ва ӯ аз ӯҳдаи ба хубӣ шеър кардани маънии дарёфтааш мебарояд.

Мо чунин ақидаро дар афкори адабии Низомии Арӯзии Самарқандӣ низ дучор меоем. Чунончӣ вай дар «Чаҳор мақола» ба чавоншоирон тавсия додааст, ки 20 ҳазор мисраъ аз гузаштагон ва 10 ҳазор мисраъ аз муосирон аз ёд донанд(103, 57). Вале вай ба чӣ кор омадани ин ҳифзкориҳоро шарҳ надодааст. Аммо, чӣ тавре, ки дар боло гуфта гузаштем, нисбат ба Низомии Арӯзии Самарқандӣ - Шамси Қайс манфиати онро хеле хуб эзоҳ додааст.

Бояд гуфт, ки барои адиб ва санъаткор хотираи хуб доштан шарти муҳим ба ҳисоб меравад. Вай бояд бисёр чизро бубинад, шунавад ва дар хотир нигоҳ дорад ва аз ин лиҳоз одамони бузург ҳамеша бо ҳофизаи қавӣ аз дигарон фарқ карда меистанд(24, 292). Шоир ҳам ба ҳамин омилҳои муҳими ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ такя карда, ба шеър гуфтан мепардозад «... ва чун (шоир- Ш.М) ибтидои шеър кунад,- мегӯяд Шамси Қайс, нахуст насри онро пеши хотир орад ва маонии он дар саҳифаи дил нигорад»(112, 447).

Чунон ки аз ин порча бармеояд, шоир пеш аз эҷод кардани шеър бояд насри маънои дарёфтаашро дар хотир биёрад. Яъне, маънои онро як маротиба такрор кунад, то бубинад, ки ин маъно аз лиҳози мантиқ чӣ кайфияте дода метавонад. Пас онро дар саҳифаи дил нигоҳ дорад, яъне дар хотир нигоҳ дорад, поёнтари ин шарҳ боз овардааст, ки барои он маъноро дар либоси шеър ифода кардан, лоиқи ҳамон маъно лафз ихтиёр кунад. Албатта «ҳар сухан-ҷоеву ҳар нукта маконе дорад», аз ин рӯ ҳар мавзӯъ барои дурусттар ва росттар адо ёфтани маъно барои худ сухани хушобуранги мувофикро талаб мекунад. Ин нуктаро адабиётшинос Худоӣ Шарифов чунин шарҳ додааст:

Мақсад аз «алфози лоиқи он маонӣ» калимаҳои ҷудогона набуда, балки образу таъбироти шоирона будагист. Мумкин аст, барои мо ҳоло ин амал ғайри шоирона намояд, вале барои системаи мустаҳками шеъри гузашта чунин интихоби образҳо ҷои шубҳа надорад(63,125).

Худи Шамси Қайс ҳам дар хусуси «алфози лоиқи он маонӣ» гуфтааст:

«Ҳар маониро алфозе бувад, ки дар он мақбултар афтад ва иборате бошад, ки бад-ин латифтар намояд» (112, 451).

Ба ақидаи Шамси Қайс ин талабот барои назму наср «яксон аст».

Шамси Қайс баъд аз таъкиди назокати қофия ва роҳҳои риояи он шоирро талқин мекунад, ки пас аз он ки маънии дарёфтаро ба қолиби шеър даровард, лозим аст, ки онро чанд маротиба хонад ва худи шоир ба шеър аз назари интиқод нигоҳ кунад ва байтҳои парокандаро аз лиҳози маъно ва мантиқ пасу пеш буда, ба ҳам алоқаманд кунад(112, 448).

Ихтилофи мисраъ ва байтҳоро аз рӯйи маъно Шамси Қайс боиси гум шудани равнақи шеър медонад(112,448). Вай таъкид кардааст, ки ин гуна ихтилоф бештар дар рубоиёт рӯй медиҳад. Баъзан, дар фикри шоир маънии тозае пайдо мешавад ва онро байти дуввум қарор дода, байти дигареро ба он идова мекунад, ки аз ҷиҳати таносуби лафз ва маъно ихтилоф дорад.

Бояд гуфт, ки қайди мазкур хеле табиӣ ва ҳаётӣ аст ва чунин шеърҳоеро, ки ба хотири ягон байт эҷод мегарданд, имрӯзҳо ҳам вохӯрдан мумкин аст.

Шамси Қайс шеърро аз ҷиҳати таносуби қофия ва маъно ҳам аз назари интиқод гузаронидааст. Аз назари вай бояд қофия, ки дар охири мисраъ меояд, интиҳои маъно ҳам бошад ва маъно бар вай сахт вобаста бошад, то касе агар хоҳад, онро ба қофияи дигар бадал кунад, натавонад, мисли ин шеъри Анварӣ:

Дӯш бо осмон ҳаме гуфтам,
Бар сабили суоли матлаб:Ай!
Ки мадори ҳаёти олам кист?
Рӯй сӯи ту карду гуфто-Вай.
Гуфтам:-инро далел бояд, гуфт:
Ҳеч медонӣ, ки мечигӯй- ҳай?
Мир об асту ҳақ ҳамегӯяд,
«Ва мин алмои куллу шайин ҳай».

«Ва ҳеҷ шоире як қофиятро аз ин шеър ба дигаре муносиб табдил натавонад кард» (112,449), гуфтааст Шамси Қайс ва илова кардааст, ки агар каси дигар дар ҳамин қофия шеъри нав нависад, қофияи шеъри ӯро табдил додан мумкин аст, аммо дар ин шеър ин кори номумкин аст.

Шамси Қайс дар қиёси шеъри боло шеъреро мисол меоварад, ки аз ҷиҳати мақоми қофия суст аст ва дар поён боз ҳамон шеърро бо тағйири қофия овардааст ба ин тариқ:

Савдои ту то дар сари ман сохт мақар,
Ғамҳои ту аз танам бинагзошт асар.
В-акнун дар дил орзуи ҳеҷам нест,
Ҷуз орзуи рӯи ту, эй зебохвар.

Қофияи ин шеърро ба қофияи нисбатан хуштар бадал кардан мумкин аст, чунончи:

Савдои ту то дар сари ман сохт қарор,
Ғамҳои ту аз танам баровард димор
В-акнун дар дил орзуи ҳеҷам нест,
Ҷуз орзуи рӯи ту, эй зебоёр! (112, 449 - 450).

Чуноне ки аз ин мисолҳо бармеояд, Шамси Қайс на танҳо афкори назарии худро дар қисмати «Муқаддамоти шоирӣ» зикр кардааст, балки ин назарияро ба мисолҳо ва далелҳои шайъӣ исбот ҳам кардааст, ки бори дигар аз қувваи қазовати вай гувоҳӣ медиҳад.

Агарчи баъзе олимони хориҷӣ дар заминаи «калимоти саҳеҳ», «алфози азб», «ибороти балеғ» ва «маонии латиф» маъноро бар алфоз тарҷеҳ додашуда ҳисобида бошанд ҳам (120, 336), принсипи Шамси Қайс дар интиқоди шеър вахдати лафзу маъно аст. Ин аст, ки ба қавли вай «ҳар маъниро дар либоси мувофиқ» берун овардан лозим аст, мегӯяд: «ҳамҷунон-ки зани соҳибҷамол дар баъзе малобис хубтар намояд» (112, 451). Ҷоизи таъкид аст, ки ин масъала ҳанӯз аз замонҳои қадим диққати аҳли адабро ба худ ҷалб карда буд. Чунончи файласуфи доираи Эпикуриҳо Филодем, ки ҳанӯз дар асри I пеш аз мелод умр басар бурдааст,

таносуби лафзу маъноро дар эҷоди бадеӣ шарти зарурӣ ҳисоб мекард(28, 242). Дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҳам нависандагон ҳанӯз дар асрҳои IX-XI аз масъалаи ваҳдати лафзу маъно огоҳ будаанд, вале он баъдтар дар асрҳои XII-XIII дар асари Шамси Қайс ҳалли пурраи худро ёфт (38, 31).

Хусусан, алоқамандии лафзу маъно дар осори Қудома ибни Ҷаъфар «Нақдушшеър» хеле хуб инъикос ёфтааст. Қудома фаъол будани лафзро таъкид карда истода, фаъол будани маъниро ҳам инкор накардааст(116, 137). Агар инро ба эътибор гирем, ки дар «Алмӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ таъсири «Нақдушшеър»-и Қудома ибни Ҷаъфар калон аст, пас хоҳу нохоҳ бояд эътироф кард, ки Шамси Қайс дар ин масъала ҳам Қудома ибни Ҷаъфарро пайравӣ кардааст. Назарияи ҳадди эътидол,-менависад адабиётшинос Абдунабӣ Сатторов,- дар шеър ва воситаҳои тасвири бадеӣ дар нуқтаи назарҳои адабӣ ва бадеии Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ ба ҳалли муаммоҳои таносуби лафзу маъно сахт алоқаманд аст(47,181). Аз ин ҷост, ки вай гуфтааст: «ки... чӣ маънии бе иборат ҳеҷ тароват надорад ва иборати бемаънӣ ба ҳеҷ нашояд»(112,460).

Маслиҳатҳои Шамси Қайс ҳамчун мураббии шоирони ҷавон ба дараҷае санҷида ва дуруст аст, ки хоҳу нохоҳ дар андешаи кас шубҳае сар мезанад, ки Шамси Қайс худ таҷрибаи шоириро як бор аз сар гузаронидааст, вагарна аз баъзе нозукиҳое, ки дар рафти таълифи шеър сар мезананд, фақат шоир огоҳ буда метавонаду халос. Масалан, вай таъкид мекунад, ки шоир набояд ба эҷодиёти худаш баҳо диҳад ва ба он эътимод кунад. Шоир баъди таълифи шеър бояд онро чандин маротиба хонад ва баъд ба дӯстони нақкод ва фозилу мушфиқ нишон диҳад ва аз онҳо маслиҳатҳо шунавад ва то онҳо ба дурустии вазну қофия «узубати алфоз» ва «латофати маънии он» ҳукм накунанд (112,461). Он шеърро дар назди омма нахонад.

Дар ҳақиқат, касе аз адабиётшиносони гузашта ҷаҳони ботинии шоир ва олами андешаи ӯро ин қадар амиқ дарк накардааст, ки Шамси Қайс дар «Алмӯъҷам» ва алалхусус дар «Муқаддамоти шоирӣ» дарк карда ва баён намудааст.

Аз ин чанд нуктае, ки дар боло оварда шуд, маълум мегардад, ки Шамси Қайс дар риояи «Адавот» ва «Муқаддамот»-и шоирӣ як сиситемаи назариеро кор карда баромадааст, ки асосан, риояи қавонии сохти шеър аз ҳайси арӯз, қофия ва лафзу маънӣ аст.

Дигар масъалае, ки Шамси Қайс дар қисмати «Адавот» бар он таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст, масъалаи ноқид аст.

Шамси Қайси Розӣ дар қисматҳои арӯз ва қофия ва ҳангоми тафсири баъзе аз саноъеи шеърӣ маънои луғавии он истилоҳҳоро номбар карда, ба кадом маъно истифода шудани онро махсус қайд мекунад. Вале вай дар ҳеҷ ҷои китобаш калимаи «нақд» ё «ноқид»-ро таъриф надода ва шарҳе нагуфтааст. Шояд ба ин масъала чандон диққат надодани Шамси Қайс аз он ҷиҳат бошад, ки ин истилоҳҳо аз дер боз дар миёни аҳли адаб маълуму машҳур буданд ва онҳоро шарҳу эзоҳ додан зарурат надошт.

Вале ҳарчанд афкори ӯ оид ба нақд бевосита зикр наёфта бошад ҳам, баъзе мулоҳизаҳоро аз замири гуфтаҳои ӯ оид ба нақд пайдо кардан мумкин аст. Аз ин ҷиҳат аст, ки муҳаққиқи ҷавон К.Шукруллоев ҳам ба ин масъала диққат дода «Шамси Қайс.. роли нақдро умуман ва ноқидро бахусус дар протсесси инкишофи адабиёт таъкид мекунад» гуфтааст, ки ҳақ аст(67). Ба ҳар ҳол вақте, ки Шамси Қайс дар қисмати «Адавот» оид ба ноқид ва шоир назари худро баён мекунад, афкори адабии ӯ оид ба ноқиди шеър, маълум мешавад.

Шамси Қайс ноқидиро мисли шоирӣ истеъдод меҳисобад. Ва аз назари ӯ ин ҳарду истеъдодро на ҳамеша дар як шахс дучор омадан мумкин аст. Вай дар ин маврид мегӯяд:«... Бисёр шоир бошад, ки шеър накӯ гӯяд ва нақди шеър чунон ки бояд, натавонад ва бисёр ноқиди шеър бошад, ки шеър натавонад гуфт(112, 462).

Шамси Қайс дар тақвияти ин фикраш муколамаеро мисол меоварад:

Аз як донандаи илми адаб пурсиданд, ки чаро вай шеър намегӯяд. Вай дар ҷавоб гуфтааст: «Аз баҳри он ки, чунонки мехоҳам, ки ояд, намеояд ва он чӣ, ки фароз меояд, намехоҳам» (112,462).

Аз ин ҷиҳат, вай ба ақидае, ки гӯё шеърро фақат шоирони бузург нақд карда метавониста бошанд, мухолиф баромадааст ва ин ақидаи ба назари ӯ галатро бо мисолҳои ачиб фаҳмониданӣ шудааст. Вай дар ин мавриД шоирро ба «нассоҷ»-бофандаи моҳир ва ноқидро ба «симсор»-даллол монанд кардааст. Аз назари Шамси Қайс шоир дар эҷод кардани шеър, он бофандаи мумтозеро мемонад, ки ҷомавориҳои бадошти сернақшу нигор ва шинам бофта бошад, аммо қимати онро даллолон ва матоъфурӯшон муайян мекунанд, чунки аз дасти онҳо матои гуногуни ҳар вилоят бисёр мегузарад. Вале ҳеҷ гоҳ аз бофанда талаб намекунанд, ки баҳои ҷомаро муайян кунад ва агар вай қимати ҷомаро муайян карданӣ шавад, сарфи ресмону абрешим ва риштаҳои заррин ва меҳнати сарфкардаашро пеши назар оварда, баҳои онро хеле баланд мебардорад (112, 462).

Ин мулоҳизаҳои Шамси Қайс барои муайян кардани ҳадди имконияти ноқидии шоир ва ҳадди амалиёти ноқид нисбат ба шеъри шоир бисёр соҳибназарона аст. Аз тарафи дигар, Шамси Қайс фикру андешаҳои назариашро бо мисолҳои бисёр мувофиқ ва боварибахши ҳаётӣ исбот ва тасдиқ кардааст. Қайдҳои Шамси Қайс аҳамияти илмиву амалӣ дошта, вай собит кардааст, ки мунаққид метавонад, аз шоир беҳтар шеърро интиқод кунад(38, 30). Аз ин ҷост, ки вай шеърро фарзанди шоир медонад ва табиист, ки падар айби фарзандашро дида наметавонад ва дар нисбати ин мулоҳиза агар як байт дар қиёси байти дигар суст эҷод шуда бошад, онро ҳис карда наметавонад. Аз ин рӯ, ноқид ҳамон формулаи дар байни шоирон ва аҳли адаб машҳури «Алмаръу мафтуну биақлиҳӣ ва шеърихӣ ва ибниҳӣ»-ро меоварад, ки маънояш «Мард мафтуни ақли худ, шеъри худ ва писари худ мебошад», аст. Ва азбаски мард мубталову гирифтори ин ҳар се аст, айби онҳо назди ӯ ҳунар менамояд. «Аммо ноқидро дил насӯзад бар шеъри дигарон,- мегӯяд Шамси Қайс,- ки на ӯ хотир сӯзондааст. Пас ҳар чи накӯ бошад, ихтиёр кунад ва ҳар чӣ ракик бошад, бигузорад, чӣ шоир дар назми хеш толиби хушомад ва ноқид чӯяндаи беҳомад бувад» (112, 464).

Ин фикрро ки худи Шамси Қайс шояд на як бору ду бор дар таҷрибаи адабии худ дидаву санҷидааст, нишон медиҳад, ки ӯ дар хусуси нақду ноқид ва шеъру шоир бисёр мулоҳиза кардааст ва то андозае мавқеи ноқид ва шоирро ҳам муайян кардааст.

Ӯ шоирро талқин мекунад, ки ҳеҷ гоҳ бар гуфта ва пардохтаи хеш эътимод накунанд ва то шеърашро чандин бор бар ноқидони сухан ва дӯстони мушфиқ нахонад ва бо маслиҳати онҳо аз сиҳатии вазн ва дурустии қофияву алфози мувофиқ ва маънои латифи он воқиф нагардад, онро набояд дар байни мардум интишор кунад (112, 461).

Ин қайдҳои санҷидаи ин ҷузъи муқаддамот имрӯз ҳам қимати илмиашонро гум накардаанд ва чӣ дар ҳолати интиқод ва чӣ дар донистани илми шеър барои адибону шеърдӯстон ҳамчун як дастури назариву амалӣ хизмат мекунанд.

Шамси Қайс дониши ҳаматарафа доштан ва мукаммал донистани илми шеърро барои ноқид шарти зарурӣ меҳисобад ва бояд ноқид дар илми шеър ва дар маърифати хубиву бадии он соҳибқудрат бошад (112, 462). Ва чун ин нишонаҳо дар шахси он соҳибҳунар собит гашт ва дар назди суханварон ба наққодӣ машҳур гашт, дигар аз ӯ «ҳуҷҷати қотеъ» талаб накунанд(112, 461).

Шамси Қайс таъкид мекунад, ки баъзан барои муайян кардани ҷиҳатҳои хуби ягон порча шеър ноқид аз баёни ҳол оҷизӣ мекунад ва ибороти лоиқ намеёбад, дар ин ҳолат вуҷуҳу таҳсини вай нисбат ба шеъри хубу бад кифоят мекунад (112, 461).

Шамси Қайс риояи одобро барои ноқид шарти зарурӣ меҳисобад ва ноқид дар интиқоди шеъри шоирон бояд бисёр бомулоҳиза бошад. Вай дар ин қисмати муқаддамот аз таҷрибаи наққодии худ ҳикоятеро мисол меоварад. Ин ҳодиса бо ӯ ва фақеҳе, ки шеърҳои соддалавҳона мегуфт рӯй дода будааст. Он мард аз шеърдонии Шамси Қайс огоҳ шуда, шеърҳояшро дар ҳузури вай мехонад. Шамси Қайс чанд гоҳ ба ӯ илми шеър меомӯзад ва маслиҳатҳо медиҳад. Вале дар муддати 5-6 сол ин мард илм наандӯхт ва малакаи дурусти шеъргӯӣ ҳам пайдо накард ва шеърҳояш ҳамоно

пургалат ва белатофат буданд. Шамси Қайс ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки аз шеъргӯй даст кашад ва ба кори дигаре шуғл варзад, вале он шахс, инро кинаву ҳасад пиндошта, ӯро бо шеъре ҳачв мекунад ва дар ҳаққи ӯ суханҳои носазо мегӯяд. Шамси Қайс барои исботи шеърҳои сусти вай норасоиҳои он шеърро ҳам нишон медиҳад (112, 459) ва аз кӯшишҳои худ дар тарбияи ин ноаҳл арзи пушаймонӣ мекунад.

Хулоса, аз афкори назарии Шамси Қайс дар ин хусус маълум мешавад, ки вай пеш аз зикри афкори назариаш қариб ҳама паҳлӯҳои дар он замон заруриву маълумро оид ба муқаддамоти ноқидӣ низ санҷида ва аз мушоҳидаву таҳқиқ гузаронидааст. Он нуктаҳоро имрӯз ҳам барои мунаққид як ҷузъи муҳими омӯзиши назарӣ ҳисобидан мумкин аст.

Шояд аз ин ҷиҳат аст, ки Шамси Қайси Розӣ дар шахси худ ҳам ноқиди бисёр бомаҳоратеро ба мо муаррифӣ месозад, ки намунаи муҳокимаҳои интиқодии ӯ аз камолоти санъати ноқидиаш гувоҳӣ медиҳанд.

Ногуфта намонад, ки афкори интиқодии Шамси Қайс дар адабиёти форсу тоҷик, агарчи махсуси вай аст, вале бетаъсири «Нақдушшеър»-и Қудома ибни Ҷаъфар нест. Махсуси Шамси Қайс будани афкори интиқодии вай аз лиҳози нигориш ва тартиби мулоҳизарониҳо низ эҳсос мешавад, чунки хулосаҳои интиқодии вай дар адабиётшиносии форсу тоҷик эътибори хоса пайдо кардааст. Дар ин маврид гуфтаҳои адабиётшинос ва мунаққиди машҳури рус Н.А. Добролюбов ба хотир меояд, ки гуфтааст: «Агар нигоранда назари махсус надошта бошад, пас вай каломи хос низ надорад»(27, 560). Усули нигориши «Алмӯъҷам», тарзи танзими китоб ва рафти таълиф ин китобро бо як обу ранги махсус ҷилвагар месозад.

Бояд гуфт, ки Шамси Қайси Розӣ дар интиқоди шеър ва ҳам дар нукси авзони шеър, ҳам дар навоқисоти қавофӣ ва ҳам дар боби саноати шеър афкори адабӣ- танқидиашро нисбат ба ин се рукни улуми адабӣ, ки дар «Алмӯъҷам..» гирд овардааст, изҳор карда, камомади шеъри шоиронро ҳар кучо ки зарур донистааст, баён кардааст.

2.НАҚДИ АВЗОНИ ШЕЪР

Илми арӯз дар гузашта назди арӯзиён эътибори махсус ва назди мантиқиён таъиноти дигаргуна доштааст. Чунончи назар ба таъкиди баъзе аз мантиқиҳо эътибори вазн «иқтизои тахаюл»(101, 587) аст, яъне барои хаёлангезии шеър ҳамчун як ҷузъи зарурӣ хизмат мерасонад. Аммо дар эътирофи арӯзиён алалхусус Шамси Қайси Розӣ «арӯз мизони каломи манзум аст, ҳамчунон ки наҳв мизони каломи мансур аст»(112, 26). Аз ин ҷост, ки дар гузашта ба ин илм эътибори махсус дода асарҳо навиштаанд. Қисмати ба илми арӯз бахшидашудаи «Алмӯъҷам..» ҳам бо тақозои ҳамин эҳтиёҷот таълиф шудааст. Шамси Қайс аз рӯи услуби ба худаш хос қисмати мазкурро аз маънои луғавии калимаи арӯз ва нисбати он ба илми шеър сар карда, онро ҳамаҷониба шарҳ медиҳад. Чунончи аз назари Шамси Қайс илми арӯз на барои он аст, ки касе такя бар он шеър эҷод кунад, ё нақл кардани суханро ёд гирад, балки ғараз аз ин илм шинохта тавонистани авзони саҳеҳ ва носаҳеҳ аст(112, 28). Шамси Қайс ин маърифатро, «Шарафи нафс»-и инсони баркамол медонад. Баъзан, аз рӯи зарурат лозим меояд, ки байтеро дар ҷое истифода баранд ва аз истифодабаранда бепарвоӣ рух медиҳад ва дар байт халале раҳ меёбад, ё хаттот ҳангоми китобат ҳарфе, ё калимаеро сабт намегардонад. «Адиби арӯзӣ ба қуввати маърифати авзон ва донистани усули ачзои буҳур ваҷҳи савоби он боз тавонад ёфт ва шоири моҳир бар муҷарради табъи рост бар муташобиҳоти он воқиф натавонад шуд»(112,28). Шамси Қайс боз таъкид мекунад, ки шоир ҳангоми эҷоди қасида аз як вазн ба вазни дигар гузаштанашро надониста мемонад ва агар вай аз «усули авзон» бехабар бошад, аз ин воқиф намеёбад. Чуноне ки дар авзони фаҳлавиёт мушоҳида мегардад, ки мисрае бар Мафойлун /мафоилун/ фаӯлун ва мисрае бар Фоилотун /мафойлун/ фаӯлун гуфта мешавад. Аз он сабаб ки гӯяндагони фаҳлавиёт аз ин дақиқ огоҳ нестанд, хоҳу нохоҳ аз онҳо ин гуна нуқсон рух медиҳад. Дар ин маврид як чизро хотиррасон намудан лозим аст, ки олими сабкшинос Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб дар асараш «Сабки

хуросонӣ дар шеъри форсӣ» таъкид кардааст, ки дар шеъри асрҳои IX вақте ки шеъри форсӣ аввалин қадамҳои худро мегузошт, бисёр вомехӯрад, ки шоир дар як мисраъ, як ҳаракат, ё ҳарферо афзуда, ё кам кардааст. Ин ҳолат барои шеъри форсӣ табиӣ буд, вале дар ин маврид шеърҳое, ки бо гуноҳи хаттотон ва нассохон дар онҳо нуқсони арӯзӣ роҳ ёфтаанд, истисно аст (99, 38). Шояд аз ҳамин ҷиҳат аст, ки худи Шамси Қайси Розӣ зимни хатоҳои арӯзӣ борҳо аз шоирони асри X мисолҳо иқтибос меовард.

Шамси Қайс пас аз шарҳи зарурати омӯхтани илми арӯз баъзе лавозимоти дигареро низ шарҳ медиҳад, ки дар омӯзиши ин илм роли муҳиме мебозанд. Чунончи вай таносуби мутаҳаррик ва савокинро дар шеър яке аз омилҳои шеъри хушоҳанг медонад. Ва ин ҷо шеъреро мисол меовард, ки аз ҳашт мутаҳаррик ва чор сокин иборат аст. «Ва нисбати ҳашту чаҳор нисбати заъф аст, лоҷарам авзони матбӯъ ва ашъори мустаъзаб аст» (112,89), мегӯяд, ки ҳақ аст.

Вай боз таъкид мекунад, ки дар шеъри араб ин гуна таносубро риоя намекунанд ва ин номутаносиби хоси шеъри онҳост. Сабаби рух додани ин ҳолатро Шамси Қайс дарк карда натавониста, «.. ва ҳамоно ҳеҷ офаридаро бар сирри он вуқӯф натавонад буд» (112, 89) гуфтааст. Асрори ин ҷиҳати шеъри тоҷикиро дар нисбати шеъри арабӣ хеле баъдтар аз Шамси Қайс устод Айнӣ дарк карда ва дар номае, ки ба унвони устод М.Турсунзода фиристодааст, қайд кардааст(4, 108). Шамси Қайс дар ин нисбат фаслеро ба тақтеи шеър бахшидааст, ки вай дар ин боб тарафдори қонуни маъмули ин қисмати илми арӯз аст, аз ин ҷост, ки мегӯяд: «... ва дар ин боб эътибор малфузи шеърро бошад, на мактуби онро», зеро ҳар ҳарфе, ки навишта шуда бошад, агар дар талаффуз наояд, онро эътиборе нест. Вай дар ин фасл ҳафт ҳарферо номбар мекунад, ки дар навиштан онҳоро менависанд, вале дар мавриди хондан талаффуз карда намешаванд. Он ҳарфҳо инҳоянд: «واو،دال،یاٗ،تاٗ،نون،یاٗ،هاٗ»

Дар ин ҷо боз як чизи дигарро хотиррасон кардан ба маврид аст, ки Шамси Қайс дар қисмати арӯз, дар боби назариявии илми арӯз бештар таваққуф карда, ба нақди

ашъори шоирон камтар эътибор додааст. Бо вуҷуди ин, аз баъзе мисолҳое, ки Шамси Қайс дар исботи фикраш мисол меоварад, маълум мегардад, ки вай ба ашъори шоирон аз тақозои бунёди шеъри арӯзӣ ва давоири мустаъмали он назар андохта, нуқсони арӯзии онҳоро номбар мекунад ва усули бартараф кардани ин нуқсонро низ дар оғози ҳамон фасл, ё зимни мисоли истишҳод баён мекунад. Чунончи Шамси Қайс шеъри зеринро, ки моли Пиндори Розӣ аст, мисол оварда, ихтилофи ачзо ва барҳам хӯрдани таносуби рукнҳоро, махсусан, қайд кардааст:

Мушкин гулаке сарвинболое,
Мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлун
Во ду чашми шаҳлову чӣ шаҳлое
Фоилун мафоӣлун мафоӣлун (112,126).

Шамси Қайс дар поёни ин шеър ихтилофи рукнҳои аввали шеърро, ки дар мисраи аввал мафъӯлу ва дар мисраи дуввум фоилун аст, ҳамчун нуқсони арӯзӣ нишон додааст.

Шамси Қайс ин ихтилофоти авзонро мавҷиби нохушӣ эътироф карда, шоир Пиндори Розиро, ки ба инчунин хатоҳо бисёр роҳ медодааст, накӯҳиш кардааст. Чун Шамси Қайс таъкид кардааст, ки «Пиндори Розиро ин ихтилоф бисёр афдодааст», боз чанд мисоли дигар аз эҷодиёти вай мисол овардааст. Қайд кардан зарур аст, ки Пиндори Розӣ бештар бо усули фаҳлавиёт шеър мегуфтааст, аз ин ҷиҳат амсилаи дигаре, ки Шамси Қайс овардааст, бо ҳамин услуб навишта шудаанд.

Агар Шамси Қайс зимни нуқсони арӯзӣ таъкид карда бошад, ки шоире ба хато роҳ додааст, вале аз ҳадди одоби таълиф берун нарафта, фарде аз ин шоиронро таъна накарда, ё сухане сарде дар ҳаққашон нагуфтааст. Масалан, вай дар фасли «Доираи мухталифа» ҳангоми дар баҳри музореъ сухан ронданаш вазни шеърро вайрон кардани Хуршедиро ин тавр қайд кардааст, «...ва Хуршедӣ байте гуфтааст ва «қатъ» ва «тай» дар мисраи аввал ба кор доштааст ва «тай» танҳо дар мисраи дуввум ва зарб ва арӯзро манҳур гардонида, то мисраъи аввалини он бар вазни дубайтӣ омадааст, чуноне:

То кай гирйӣ зи ишқу то кай нолӣ,
Мафъӯлун фоилоту мафъӯлун фаъ.
Суд надорад гиристан, чӣ сиголӣ»
Муфтаилун фоилоту муфтаилун фаъ(112, 146).

«Қатъ ва тай» дар мисраи аввал ба кор доштааст «ва «тай» танҳо дар мисраи дуввум» гуфта, Шамси Қайс вайрон шудани мувозинатро дар рукнҳои аввал ва сеюм дар назар дорад. Чунончи, дар мисраи аввал «мафъӯлун» омадааст ва дар мисраи дуввум «муфтаъилун».

Шамси Қайс дигар хел тақтеъ кардани ин байтро хотиррасон намуда, аз вазни дубайтӣ буданашро таъкид мекунад ва боз байтеро мисол оварда, шарҳ медиҳад, ки инро бар ду баҳр тақтеъ кардан мумкин аст.

Аз шарҳу тафсир ва нақди Шамси Қайс ҳис кардан мумкин аст, ки ғараз аз интиқод холисона ҳимоя кардани ҳусни шеър аст. Ба қавли мунаққиди шаҳири рус В.Г. Белинский «Мақсади танқид бо тавассути ақл дақиқ санҷидани фактҳост, мақсади тасдиқ- соддатар карда гӯем, - ҳимояи фикри солим аст» (12, 124). Ин тадқиқоти Шамси Қайс дар ин қисмати китобаш перомуни ана ҳамин «фикри солим» сурат гирифтааст.

Шамси Қайс дар фасли баҳри «Музореъ», баъзан, афкори интиқодии худро оид ба баъзе хусусиятҳои хоси ҳамин баҳр изҳор кардааст. Агар кас ба ин гуфтаҳои Шамси Қайс аз лиҳози таҳқиқ баҳо доданӣ шавад, пас ба сари чунин ақида меояд, ки хулосаҳои вай аз таҷрибаҳои маҳз шахсии вай сар задаанд ва ӯ дар эҳсос кардани мавзунияти шеър-аз лиҳози вазни арӯз малакаи баландеро соҳиб будааст.

Ба ҳар навъ, Шамси Қайс дар фаҳмидани нозукиҳои шеър ва шарҳу тафсири нуқсон ва беҳбудии он қудрати бемисл доштааст. Масалан, пеш аз он ки фасли дар баҳри «Музореъ» бахшидашударо тамом кунад, чунин арзи ақида кардааст:

«Ва баъзе аз мутақаддимон бар аҷзои аслии ин баҳр абёт гуфтаанд ва ба сабаби адами таносуби аркон бе завқ аст».

Байти мусаммани солим:

Ба сунбул чун мар сумапро бипӯшонидӣ накӯӣ,
Мафоӣлун фоилотун мафоӣлун фоилотун
Бифузудӣ эй мушаъвиз зи кӣ омӯхтӣ накӯӣ,
Мафоӣлун фоилотун мафоӣлун фоилотун» (112, 154).

Шамси Қайс баъд аз овардани ин шеър боз дар шакли мусаддас ва мураббаъи солими ин баҳр мисолҳо меоварад, ки бо вучуди таносуби ачзоҳо аз лиҳози камияти ҳичоҳо: сабаб, ватад ва фосилаҳо дар ҳарду мисраъ овардани ачзои аслии баҳр шеърро ғайризавқбахш ва вазнин кардаанд. Ин чиҳати шеъри тоҷикиро қайд кардани Шамси Қайси Розӣ боз ҳам таъкид бар он аст, ки шеъри тоҷикӣ аз чиҳати салосат аз шеъри арабӣ бисёрҳо фарқ дорад. Устод Садриддин Айнӣ ҳам дар мактуби ба унвони устод Турсунзода фиристодааш, ин масъаларо махсус қайд карда гуфтааст: «Агар шеъри арабиро хонем, дар кадом вазн, ки бошад, ба назари мо наср барин менамояд ва ҳол он ки ҳар шеъри худамон дар хондани худамон шеър будани худро равшан нишон дода меистад (аз ин шеърҳои арабие, ки шоирони форс-тоҷик гуфтаанд, мустасност, чунки онҳо бештарин шеъри арабии худро бо вазнҳои тоҷикӣ гуфта, хусусияти забони арабиро ба забони тоҷикӣ тобеъ кардаанд)» (4, 108).

Ин масъаларо олими эронӣ Парвез Нотили Хонларӣ низ дар асари ба илми арӯз бахшидааш «Вазни шеъри форсӣ» дахл карда, чунин хосияти шеъри форсиро дар нисбати шеъри арабӣ таъкид кардааст (106, 75).

Агар аз лиҳози таносуби сокину мутаҳаррик (112, 89) баҳо диҳем, пас бояд гуфт, ки дар ин байт дар қиёси мутаҳаррик сокин се маротиба камтар овардааст, ки боиси гаронии шеър шудааст. Чун касе аз илми арӯз баҳравар ва аз завқи шеърхонӣ комёб бошад ва вазни ачзоҳои аслӣ доштаро бо авзони дигари ҳамин баҳр, ки аз омезиш ёздаҳ зиҳофи дигари баҳри мазкур сохта мешаванд, муқоиса кунад, фарқи онҳоро аз чиҳати хушоҳангӣ зуд дармеёбад. Ва дар ин қиёс, дар фасли «Баҳри муҷтас» дар хусуси «тавсеъ»

ва «зарби музаффо» сухан ронда, байти машкулеро аз аҷзои мустаъфилун мисол овардааст. Он байт ин аст:

«Туро дидам ман нигорро ба ҳеҷ намегирояд,
Мафоилу фоилотун мафоилу фоилотун
Аз он ҷиҳат аст, ёро, ки дарди дилам физояд.
Мафоилу фоилотун мафоилу фоилотун» (112, 160).

Шамси Қайс пас аз овардани ин байт исбот кардааст, ки «шакл» дар аҷзои мустафъилун аз зиҳофҳои вазнини шеъри арабӣ ба ҳисоб меравад. Вале аз он сабаб, ки тартиби зиҳофҳо аз рӯи аҷзоҳо бар ватаде ва фосилае ба ватаде ва сабабе қарор гирифтааст, аз ин ҷиҳат аз абёти пешина сабуктар аст.

Инро гуфта Шамси Қайс ғазали Дақиқиро мисол меоварад, ки он аз ҷиҳати тартиби рукнҳо ва ихтилофи аҷзоҳо аз шеъри болоӣ хеле фарқ мекунад. Матлаи он ғазал чунин аст:

«Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,
Мафоилу фаилотун мафоилу фаълан
Сапеди рӯз ба поки рухони ту монад.
Мафоилу фаилотун мафоилу фаълан»(112,160).

Ин ғазал чуноне , ки намунаи онро дар боло овардем , номавзуниҳои зиёде дорад, ки дар мавриди муқоиса бараъло маълум мегардад .

Шамси Қайс пас аз овардани ғазали номбаршуда варианти тағйир ёфтани вазн - яъне аз «машкул» ба «махбун» гузаштани онро хотиррасон мекунад. Дар ин ҳолат бояд ҳарфи «м»-и калимаи «монад» мушаддад талаффуз шавад.

Вай поёнтар ин ҳарду нуқсонро «нохуш» меномад «...ва бо нохушии вазн бештар қавофии он шойгон», қофияи хароб ва бо суффикси ҷамъбандии «он (54,68) тамомшавандаро меноманд. Шамси Қайс ҳам аз ҳайси вайрон шудани вазн ва ҳам аз ҷиҳати қофияи хароб интиқод кардааст. Вай дар поёнии ин интиқод роҳи бартарф кардани ин камбудиҳоро

нишон додааст». Чунончи вай чунин овардааст: «... ва чун соҳибтабъе хостааст, ки бар ин шеър роҳе созад, ин зиҳоф аз он берун будааст, то бар ин наск механанд:

«Шаби сиёҳ ту гӯӣ ба зулфакони ту монад,
Сапеди рӯз ба покӣ бад-он рухони ту монад.
Ақиқро чу бисоянд нек судагарон,
Чу нек суда шавад, ҳам бад-он лабони ту монад (112, 162).

Ва дар поёнии шеър илова кардааст: Бар вазни мафоилун фаилотун мафоилун фаилотун.

Варианти сеюм, ки дар боло намунаи онро овардем ва Шамси Қайс онро аз номи «соҳибтабъе» овардааст, пас аз таҳрир бо оҳанге, ё равише онро месурудааст ва дар ин таҳрир нуқсони арӯзиро аз байн рабудааст.

Шамси Қайс дар хусуси омехта шудани ду зиҳофи баҳри қариб дар «Алмӯъҷам...» ишорае карда, вале дар неку бади он аз худ чизе нагуфта, танҳо ба тавассути азоҳифи лозимӣ нуқсони онро аёнӣ нишон додааст (112, 166).

Ишораи дигаре, ки Шамси Қайс аз лиҳози нуқсони арӯзӣ овардааст, боз ҳам дар пиромуни ашъори устод Рӯдакӣ аст. Вай дар фасли ба баҳри «хафиф» бахшидааш, амсилаи зиёде аз ашъори шоирони порсизабон бидуни номбурдани муаллифонаш меоварад ва абёти азби он «байти махбун»-ро ном мебарад, ки ин аст:

Санамо, тоқати фироқ надорам,
Фаилотун/ мафоилун/ фаилотун
Чуз ба васли ту ттифоқ надорам.
Фоилотун/ мафоилун/ фаилотун (112,170).

Ҳамаи мисолҳои овардашуда, дар шакли мусаддас оварда шудаанд. Шакли мусаммани ин баҳр бисёр нописанд меомадааст. Аз ин рӯ, Шамси Қайс таъкид кардааст, ки «Рӯдакӣ китъаи мусамман гуфтааст, ҳеҷ завқ надорад:

Гар кунад ёрие маро ба гами ишқ он санам,
Фоилотун мафоилун фаилотун мафоилун

Битавонад зудуд з-ин дили ғамхвора занги ғам.
Фаилотун мафоилун фаилотун мафоилун» (112,171).

Оид ба ин мисол боз ҳаминро илова кардан лозим аст, ки байти мазкур аз лиҳози теъдоди рукнҳо шакли мусамманро дорад ва дар хондани он як навъ гаронӣ ҳис карда мешавад. Ин гуна гаронӣ ба баҳри «хафиф», ки маънояш худ «сабук» аст, хос нест, боз аҷзоҳои аввали ин мисраъҳо аз лиҳози камияти ҳиҷоҳо ихтилоф доранд, чунончи мисраи аввал бо «фоилотун» сар мешавад ва мисраи дуввум бо «фаилотун» оғоз меёбад. Худи Шамси Қайс дар хусуси ин нуқсони байти мазкур чизе нагуфтааст.

Пас аз шарҳу зикри баҳри «хафиф» Шамси Қайс ба баҳри «мушокил» мегузарад. Вай ин фаслро чунин оғоз мекунад:

«Аз буҳури мустаҳдис ва онро баҳри охир низ гӯянд ва баъзе мутакаллифон бар ин вазн байте чанд тоза гуфтаанд ва ашъори фаҳлавӣ дар ин баҳр беш аз ашъори порсӣ аст» (112, 172).

Дар таъиноти мазкур як чиз бисёр диққатҷалбкунанда аст. Он ҳам ин аст, ки Шамси Қайс назари худро дар хусуси вазни фаҳлавиёт баён кардааст ва дар ин хусус тадқиқот бурдааст.

2. НАҚДИ АВЗОНИ ФАҲЛАВИЁТ АЗ НАЗАРИ ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ

Шамси Қайси Розӣ бо вуҷуди ҳамаи хидматҳояш дар илми адаби форсу тоҷик-алалхусус соҳибташаббус буданаш дар интиқоди шеъри шоирони гузашта ва ҳамзамонаш –боз аввалин адибе аст, ки дар интиқоди авзони фаҳлавиёт даст задаст. Ин мавзӯъро Шамси Қайс дар қисмати арӯзи «Алмӯъҷам ...» дар фасли «Баҳри ҳазаҷ» дахл кардааст. Вай байтеро дар «Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф» оварда, дар зимни он гуфтааст: «ва ин вазни «Хусрав ва Ширин» ва «Вис ва Ромин»-и Фахрии Гургонӣ аст...ва хуштарин авзони фаҳлавиёт аст, ки малҳуноти онро Уроманон хонанд»(112, 104).

Дар як вазн навишта шудани «Хусрав ва Ширин», «Вис ва Ромин» ва фаҳлавиёт худ ишораест ба робитаи мустаҳками адабиёт ва фолклор.

Албатта ин ҷо ҷоиз ба таъкид аст, ки таъсири эҷодиёти даҳонии халқ ба эҷодиёти шоирон ҳодисаи маълуми адабист. Масалан, аксар шоирон ва нависандагон зарбулмасал, мақол ё ҳикояҳои халқиро дар дохили асарҳояшон истифода мебаранд. Гоҳо маънои ҳикояҳои халқиро ба тариқи худ нақл мекунанд. Баъзан, дар осори илмӣ ва таърихии гузашта намунаҳои шеъри халқӣ, ки дар зимни ягон воқеа, ё ҳодисаи таърихии гузашта намунаҳои шеъри халқӣ, ки дар зимни ягон воқеа, ё ҳодисаи таърихӣ суруда шуда буданд, оварда мешаванд. Масалан, «Суруди балхиён» ва «Оташкадаи Каркуй» аз ҳамин қабил шеърҳо буда, фақат бо ҳукми тасодуф то замони мо омада расидаанд. Мутаассифона, то имрӯз ягон маҷмӯае, ки дар он эҷодиёти халқ ё фаҳлавиёт гирд оварда шуда бошад, омада нарасидааст. Муаллифи китоби «Шеъри бедуруғ шеъри беникоб» Абдулҳусайни Зарринкӯб дар боби «Шеъри омиёна ва намоиш» шахсеро бо номи Наҷмиддини Дубайтӣ ёд мекунад, ки дар асри XII зиндагӣ карда, ба гирд овардани дубайтиҳо машғул будааст ва аз ҳамин чиҳат ҳам ба худ тахаллуси Дубайтиро гирифта будааст (76, 344), вале мутаасифона аз осори ӯ низ чизе ба мо дастрас нест.

Дар нисбати ин гуфтаҳо ягона сарчашмае, ки чанд шеъри халқиро дар бар дорад, ҳамин китоби «Алмӯъҷам..»-и Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ аст. «Китоби «Алмӯъҷам» ба қавли мусташриқи англис Эдвард Браун на танҳо ба намунаҳои зиёди ашъори лирикони қадим ва номаълум, балки бо фаҳлавиёт-ашъори дар шеваҳо гуфта шуда низ машҳуру мӯътабар аст» (118, 488). Асари мазкур аз лиҳози қимати илмӣ ба ду аҳамият молик аст. Аввалан, чунонки дар боло ҳам гуфта гузаштем, ин асар нахустин асарест, ки дар он миқдори муайяни фаҳлавиёт (30 мисраъ) ҷамъ оварда шудааст ва сарчашмаи дигаре, ки дар он фаҳлавиёти қадими мардуми форсу тоҷик гирд оварда шуда бошад, ба мо дастрас нест. Сониян, ин асар нахустин асарест, ки фаҳлавиёт зимни муҳокимаронихои илмӣ қарор

гирифтааст.Ҳарчанд ин муҳокимарониҳо танҳо дар атрофи норасоиҳои арӯзи фаҳлавиёт маҳдуданд, лекин бо вучуди ин, дар фолклор ин қадами нахустин ва мубораке ба ҳисоб аст.

Дар аввал муайян кардан зарур аст, ки дар адабиёти илмӣ чиро фаҳлавиёт меноманд. Назар ба маълумоти луғати форсӣ-русӣ- «Фаҳлавиёт ё паҳлавиёт» гуфта, он чизеро мегӯянд, ки бо забони паҳлавӣ гуфта шудааст ва ё шеърҳои халқиро меноманд, ки дар асоси шеваи ягон вилоят (44 [а], 488) ё маҳаллаи Эрон гуфта шуда бошад»(112, 104).

Шамси Қайс бошад, дар «Алмӯъҷам..» ҳангоми зикри доираи мӯъталифа ва шарҳи аъзо ва азоҳифи он, вазнеро ном мебарад, ки фаҳлавиёт дар асоси он суруда мешудааст. Чунончи вай мегӯяд: «... ва хуштарин авзони фаҳлавиёт аст, ки малҳуноти онро Уроманон (112, 104) хонанд чунонки:

Чаман чашме кане х(в)овуш ба гетӣ.
Мафоӣлун/ мафоӣлун/ фаӯлун
Чаман дил кад барӣ ловуш ба гетӣ.
Мафоӣлӯн/ мафоӣлун/ фаӯлун
Чун пиндоре ҳар он меҳре кашон гашт,
Мафоӣлун/ мафоӣлун/ мафоӣл
Ба ман ворич ҳаст овуш ба гетӣ.
Мафоӣлун / мафоӣлун/ фаӯлун» (112, 104).

Шамси Қайс дар поёнии ин шеър қайд кардааст, ки ин дубайтиҳо дар асоси Шеваи Занкон (ҳозира Занҷон) ва Ҳамадон гуфта шудааст. Аз гуфтаи вай маълум мешавад, ки ин дубайтиҳо бо лаҳн, - яъне ҳамчун тарона суруда мешудаанд. Чунонки маълум аст, ин малҳунот дар фолклори тоҷик низ ҷой дошта, онро фалакӣ (30 [а], 11) ё фалакиёт меноманд»

Баъд боз Шамси Қайс илова кардааст:

«Ва баҳре дигар мустаҳдас ҳаст бар фоилотун (мафоӣлотун/ мафоӣлун, ки онро Баҳри мушокил хонанд. Чунон ки ба мавқеи хеш оварда шавад ва бар навъи махфузи ин баҳр низ фаҳлавиёт гуфтаанд)»(112, 104).

Аз ин таъкиди Шамси Қайс маълум мешавад, ки вай то андозае дар муайян кардани вазни фаҳлавиёт тадқиқот

бурда ва дар кадом баҳрҳо суруда шудани онро низ муайян кардааст. Масалан, баъд аз ин порчаеро дар шакли дубайтӣ оварда, шакли вазни онро ба тариқи зерин муайян мекунад:

Фоилотун/ мафоӣлун/ фаъулун.

Аз мазмуни ҳар ду порча ва порчаҳои дигар маълум мешавад, ки таркиби луғавии онҳо аз калимаҳои арабӣ холӣ аст, вале чунонки мебинем, онҳо дар асоси вазни арӯз гуфта шуда, аз ҳайси камияти ҳиҷоҳо ба талаботи онҳо пурра ҷавоб медиҳад. Инро дида, ба хулосае омадан мумкин аст, ки назми халқӣ чунин мавзуниятро дер боз дар худ доштааст, вале он дар ягон сарчашмаи мӯътамаде, чун китоби «Алмӯъҷам..»-и Шамси Қайси Розӣ сабт нагаштааст. Тасдиқи ин фикрро боз ҳам дар ҳамон мактуби устод Айнӣ ба устод Мирзо Турсунзода дарёфт кардан мумкин аст. Устод дар ин номаи пурқиммат ҷой доштани чунин масъаларо қайд карда гуфтааст «...Аммо дар ҳақиқат, вазни шеъри тоҷикӣ на бо он вазнҳои анъанавӣ ва на бо он шеърҳое, ки дар девони классикҳои мо ҳастанд, маҳдуд нест. Чунончӣ дар шеърҳои ҳалқӣ бисёр порчаҳоро мебинем, ки онҳо мувофиқи вазни арӯз буда, аммо на ном ва на мисоли онҳо дар китоби арӯз ва на дар девонҳои классикҳо нестанд» (4, 108).

Шамси Қайс пас аз овардани порчаи дуюмӣ ва номбар кардани вазни он таъкид мекунад, ки аҳли Ҳамадон ва Занкон дар назми чунин шеър ба ду навъ ғалат роҳ медиҳанд. Аввал ин ки ду баҳрро ба ҳам омехта мекунанд. Чунончи: «... дар фаҳлавиёт мисрае бар, мафоӣлун/ мафоилун/ фаъулун, ки маҳзуфи баҳри ҳазаҷ аст ва мисрае (фоӣлотун/ мафоӣлун/ фаулун, ки маҳзуфи баҳри мушкил аст, ба ҳам мегӯянд» (112, 105).

Шамси Қайс натанҳо ҷой доштани чунин норасоиҳоро қайд кардааст, балки сабаби зуҳур кардани чунин камбудиҳоро ҳам нишон додааст. Чунончи вай зимни гуфтаҳояш илова мекунад, ки сабаби рӯй додани чунин норасоӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки ду ҷузъи охир, яъне рукнҳои дуввум ва сеюм ба ҳамдигар монанданд, вале аз он

сабаб, ки ихтилоф танҳо дар мутаҳаррик ва сокини ҷузъи аввал аст, мардум онро дуруст дарк карда натавонистаанд ва чун ин ғалат дар хотири онҳо ҷой гирифт «... сокине бар ватади мафруқ бияфзуданд ва «фоилотун»-ро /-У- -/ фоилотун/- - - - / карданд ё мафоилунро (У- - -) мофоилун (- - - -) карданд ва мафъулотун ба ҷои он биниҳоданд ва мисрае аз ин навъ бар мафоилун /мафоилун/ фаулун мегуянд ва мисраъе бар мафъулотун /мафоилун / фаулун чунонки гуфтаанд:

Дил дар диятум эй шушо авогар
Мафоилун /мафоилун/ фаулун
Эй рухам дастгиру по авогар.
Мафъулотун /мафоилун/ фаулун
Роҳе кам базбата кухин аверон,
Мафъулотун /мафоилун/ фаулун
Ано думе магар аво авогар.
Мафоилун /мафоилун/ фаулун(112, 105)

Ин шеърро Шамси Қайс дар «Алмуъҷам...» дар ҳаҷми 5-байт овардааст, мо дар ин ҷо танҳо ду байтро мисол овардем. Ихтилоф ва вайроншавии ҷузъи якуми мисраъ гоҳ дар мисраи якуми байт ва гоҳ дар мисраи дуввум ба назар мерасад. Ин ҳолат то байти сеюм давом мекунад, дар ду байти охири шеър ин гуна норасоӣ ба назар намерасад.

Ҷои дигар Шамси Қайс қайд мекунад, ки баъзан чунин мешавад, ки ҳамаи ин ҷузъҳо, яъне мафоилун / фоилотун ва мафоилотун/-ро дар як ҷамъ меоваранд. «Ва ин хато, - менависад Шамси Қайс, -фоҳиштар аз ин аввалин аст, аз баҳри он ки ҳарчанд « фоилотун» ба ҷои мафоилун ниҳодан ҳеҷ вачҳе надорад, аммо азоҳифи фоилотун ба нафси хеш дар афоили арузӣ аслӣ аст—алоҳида ва мафъулотун дар ҳеҷ аруз , на дар усули афоил ва на дар фурӯи он ба аввал дар ҳеҷ вазн мустаъмал нест ва агар касе хоҳад, ки ба ҷаҳд ва такаллуф ин вазнро тасҳеҳ кунад, беш аз ин мумкин нест, ки онро бар мафъулун (фоилотун/фоилотун/ тақтеъ кунад ва он ки мусаддаси рамали мушаъас бошад ва ташъис он аст, ки аз ватади фоилотун мутаҳҳаррике кам кунад ва мафъулун ба ҷои он биниҳанд ва ин вазн ба ҳазор фарсанг аз мафоилун /мафоилун/ фаулун дур аст(112, 107).

Чуноне ки аз мисолҳои боло маълум мегардад, Шамси Қайс аз адабиётшиносони форсу тоҷик аввалин касе аст, ки бо исрор талаб кардааст, ки шоирони маҳаллӣ дар эҷоди шеър ба ин гуна хато роҳ надиҳанд. Вай ба ин васила хостааст, ки ин халал дар авзони фаҳлавиёт роҳ наёбад ва ин гавҳари манзум ва шарифи эҷодӣ халқ бо тобиши ба худ хос ҷилвагарӣ кунанд. Вале маълум мешавад, ки ин ақидаи вай на ба ҳама арӯзшиносон хуш омада будааст. Чунончи назмшиноси маъруфи Эрон Парвез Нотили Хонларӣ дар асари тадқиқотиаш «Вазни шеъри форсӣ» дар ин хусус чунин мегӯянд: «... ин гуна ихтилофи вазн... амри оддӣ буда ва хато шумурда намешуда... Аммо соҳиби «Алмӯъҷам...» ҳеҷ наяндешида, ки вазни шеър тобеи завқ ва завқ тобеи одат истинбот бояд кард. Бинобар ин, ҳарчи завқи аксарият гурӯҳе онро меписандад, дуруст аст ва худ қонун аст ва нисбати хато ба он додан хатост»(106, 66).

Агар ба ин гуфтаҳои Хонларӣ назар афканем, лозим меояд, ки як ҷиҳати бисёр муҳими ашъори халқӣ –мавзуниро эътироф накунем. Аз тарафи дигар Хонларӣ «ин гуна ихтилдофи вазн ... амри оддӣ буд ва хато шумурда нашуда» гуфтааст ва маълум нест, ки вай ин фикрашро дар асоси кадом далел гуфтааст. Ҳол он ки дар нисбати ба Хонларӣ Шамси Қайс дар ҳалқаи донишмандони форс дуруст будани фикрашро исбот кардааст ва бо мисолҳои бисёр боварибахш дар завқи онҳо раҳ кушодааст.

Аз тарафи дигар Хонларӣ дар поёнии ин фикраш дуруст қайд кардааст, ки «ҳарчи завқи аксарият гурӯҳе онро меписанданд, дуруст аст». Вале дар ин ҷо як чизи дигарро ба эътибор гирифтан лозим меояд, ки адиб ё адабиётшинос бояд он чизеро пайравӣ ва дастгирӣ кунад, ки бо вуҷуди дар завқи мардум раҳ ёфтанаш, аз лиҳози қонуни илми адаб дуруст бошад, вагарна мардум аз он нуқсе, ки салосату расоии шеърро вайрон мекард, дер ё наздик огоҳ мешавад ва хоҳу нохоҳ ин турфа назм аз маъракаи завқ берун мемонад.

Дар ин ҷо боз як чизи дигарро бояд ба назар гирифт, ки Шамси Қайси Розӣ барин адабиётшиносе, ки аз нозукиҳои илми адабӣ араб ва форсу тоҷик хеле хуб огоҳ аст, наметавонист дар хусуси дубайтиҳо сухан карда истода

ихтилофи аҷзоҳоро дар фаҳлавиёт – шеъреро, ки аз лиҳози мавзуният, баъзан ба истиснои мисраи сеюм, хеле марғуб иншо шудааст, пай набарад ва дар хусуси ин норасоии шеър изҳори ақида накунад.

Маънии марғуб доштани фаҳлавиёт ва бо лаҳни махсус суруда шудани онро худи Шамси Қайс низ таъкид кардааст: «....ҳеҷ лаҳни латиф ва таълифи шариф аз туруқи ақволи арабӣ ва аҷзоли дарӣ ва таронаҳои мӯъҷаз ва дастонҳои муҳайиҷ, эътофи эшонро дарнамечунбонид ва дилу табъи эшонро чунон дар эҳтизоз намеовард, ки

Лаҳми Уромину байти паҳлавӣ,
Захмаи рӯду самои хусравӣ» (112, 173).

Вақте ки Шамси Қайс дар асараш дар хусуси баҳри мушокил баҳс мекунад (112, 174), сабаби ба масъалаи вайроншавии вазни фаҳлавиёт ин қадар таваҷҷӯҳ зоҳир карданаш боз ҳам бештар маълум мешавад. Ноқид пас аз овардани боз як дубайтӣ таъкид мекунад, ки вай ин нуқсони дар фаҳлавиёт ҷойдоштаро боз аз он ҷиҳат таъкид карда истодааст, ки ин нуқсон дар ашъори шуарои замон масалан, Пиндори Розӣ низ ҷой дорад, чунончи:

Эй ҳама фарру таъйиди замона,
Фоилотун/мафоӣлун/фоӯлун
Вилояти бап-тавоқ ҳаррӯй мусаффо.
Мафоӣлун/ мафоӣлун/фаӯлун» (112, 174).

Шамси Қайс дар поёни ин байт сабаби рӯй додани чунин нуқсонро хотиррасон намуда мегӯяд, ки «Пиндор дар ин боб муқаллид будааст.. на мустақил... ва аҷаб ин, ки дар ашъори порсӣ ҳеҷ касро ин ғалат наяфтодааст ва ҳаргиз бар фоилотун/мафоӣлун/фаӯлун панҷ байт мутаволӣ нагуфта. Надонам ӯро ин сахв аз куҷо афтодааст (112,175)».

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки Пиндори Розӣ дар дигар буҳур шеърро аз лиҳози вазн дуруст мегуфтааст, вале ҳамин ки чизе дар баҳри мушокил-

алалхусус дар фоилотун/мафойлун/фаўлун навишт, ҳатман вазнро вайрон ва бо баҳри ҳазаҷ омехта мекардааст. Вале дар ин маврид ба фикри мо сабаби «надонам» гуфтани Шамс Қайсро шарҳ додан мумкин аст. Чунон ки маълум аст, баъзе шоирон ба эҷодиёти даҳонии халқ таваҷҷӯҳи хосае доранд ва ин дилбастагӣ ба ашъори онҳо ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмун бетаъсир намемонад. Шояд аз он ҷиҳат, ки Пиндор ба фаҳлавиёт мароқ доштааст ва дар поварақи «Алмӯъҷам...» бо тасдиқи Мударрис Ризавӣ байти зеринро аз моли ӯ дониста шудааст:

Лаҳни Уромшу байти паҳлавӣ,
Захмаи рӯду самои хусравӣ.

Ва бар замми ин, аҳли Зинкон ва Ҳамадон фаҳлавиётро, асосан дар ҳамин вазн мегуфтанд, пас тахмин кардан мумкин аст, ки чунин дилбастагӣ ӯро ба хатои ғафлат раҳнамун будааст.

Дар хулосаи қисмати арӯз ҳаминро гуфтан лозим аст, ки Шамси Қайс арӯзро мизони каломи манзум медонад ва аз ин ҷиҳат ба он диққати махсус медиҳад. Маърифати онро на танҳо ба шоир, балки ба ҳар соҳибтабъ лозим медонад. Шамси Қайс дар қисмати арӯз бисёр ҷиҳатҳои нозуки шеърро мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва донистани онро зарур медонад. Таъкиди вай дар хусуси он ки шеъри форсӣ-тоҷикӣ аз шеъри арабӣ бо хушоҳангӣ хеле фарқ мекунад, ҷолиби диққат аст. Вай дар ин маврид ба ашъори нуқсони арӯзидоштаи шоирони асри X-XII мисолҳо намуна оварда, ҳатто онҳоро ҳамчун устоди забардаст, ислоҳ ҳам мекунад.

Вай натанҳо дар бораи шеъри шоирони гузашта ва муосираш тадқиқот бурдааст, балки авзони фаҳлавиётро низ бо маҳаки мушоҳида санҷида, дар ин хусус арзи ақида кардааст. Ин тадқиқоти вай маҳз дар атрофи фаҳлавиёт маҳдуд набуда, бо эҷодиёти шоирони давр низ марбут аст.

3.НАҚДИ ҚОФИЯ ВА ДИГАР АҶЗОИ ЗАРУРИИ ШЕЪР

Қисмати дуввуми «Алмӯъҷам...» аз шаш боб иборат буда, боби аввалин «Дар зикри маънии шеър ва қофият ва ҳадду ҳақиқати он» ном дорад.

Андешаҳои танқидии Шамси Қайси Розӣ дар ин боб нисбатан бештар ба назар мерасанд. Вай дар ин қисмат на танҳо унсурҳои қофия ва камомади онҳоро қайд кардааст, балки зиёда аз ин, дигар масоили барои адабиётшиносии ҳамонрӯзаи тоҷик заруриро мавриди муҳокима ва интиқод қарор додааст. Аз рӯи имконияти ин фасл мо ин қайдҳоро дар рафти баррасии боб дида мебароем.

Аввал ҳаминро гуфтан зарур аст, ки қофия дар шеъри тоҷикӣ яке аз вазифаҳои хеле муҳимеро ба ӯҳда дорад. Агар инро ба инобат гирем, ки ин ҷузъи шеър дар шеъри баъзе мардуми дунё ба мисли шеъри юнонӣ мавҷуд нест (76,95) ва баъзе мантиқиён онро бо асосҳои маълум аз фусули зотии шеър наҳисобидаанд(102, 61). Пас дар ин хусус лозим меояд, бигӯем, ки ин қисмат дар гузашта дар заминаи он илме ба вуҷуд омада буд, ки яке аз ҷузъҳои хеле зарурии шеъри тоҷикӣ дониста мешуд. Шеъри дарӣ бе вуҷуди он, тароват ва рангорангиву хушоҳангиашро гум мекард.

Олими Эронӣ Шафеъӣ сездаҳ вазифаи қофияро муайян кардааст, ки дар ин ҷо хотиррасон кардани онҳоро зарур медонем:

1. Таъсири мусиқӣ,
2. Ташаххуси лафзии қофия дар шеър,
3. Лаззате, ки аз бароварда шудани як интизор ба вуҷуд меоварад,
4. Танаввӯъ дар айни ваҳдат,
5. Фароҳам овардан ва таҷаммӯи эҳсоси шоир ва назм додан ба фикр,
6. Истеҳкоми шеър,
7. Кӯмак ба ҳофиза ва суръати интиқол ба қисматҳои мухталифи як шеър,
8. Илқои мафҳум аз тариқи оҳангҳои калимот.
9. Эҷоди ваҳдати шакл.

10. Ҷудо кардан ва ташхиси мисраъҳо.
11. Кӯмак ба тадомии маъонӣ
12. Таваҷҷӯҳ додан ба зебоии зотии калимот.
13. Таносуб ва қаринасозӣ (114, 123-124).

Аз ин сездаҳ вазифа, ки онҳоро дар боло номбар кардем, маълум мешавад, ки қофия дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ вазоифи зиёдеро ба ӯҳда доштааст, ки ин сифатҳо дар якҷоягӣ ба шеър таровату равиши тозае илқо мекунанд.

Донишманди маъруфи тоҷик, муҳаққиқи илми арӯз ва қофияи шеъри тоҷикӣ Баҳром Сирус аҳамияти қофияро дар ҷанбаи мусиқии шеър махсус таъкид карда, дар ин нисбат афзалияти шеърро бар наср таъиноти диққатҷалбкунандае додааст. Чунончи вай гуфтааст: «Аҳамияти шеър дар ҳаёти мо пеш аз ҳама дар он аст, ки агар наср бо маонии калимот ба шунавандагон таъсир кунад, шеър бо сабаби либоси санъат пӯшонидани шоир ба калимоти маънидор таъсири мазкурро беш аз пеш зиёдтар мекунад ва аз ҳамин ҷиҳат барои ба ҳадаф беҳтар расидани афкори шоир ҳидмати бузургеро анҷом медиҳад» (56,5).

Имрӯзҳо ҳам шеъри тоҷикӣ оростаи ана ҳамин зевари шеър- яъне қофия эҷод мешавад. Агарчи шеъри беқофия, ки аҳён-аҳён бо унвони «шеъри сафед» дар рӯзгори мо пайдо мегардад, аммо аз шеърҳои анъанавии тоҷикӣ ва оҳанги завқбахши онҳо хеле дур аст. Масъалаи таъсири мусиқӣ, ки онро донишманди эронӣ Шафеъии Кадканӣ дар мақолааш қайд кардааст, бешубҳа яке аз сифоти хеле муҳими қофия аст.

Илми қофия дар адабиётшиносии тоҷик агарчи таърихи қадима дошта бошад ҳам, муҳимтарин ва мукаммалтарин асаре, ки дар ин илм баҳс мекунад ва ба мо дастрас аст, қисмати дуюми «Алмӯъҷам..»-и Шамси Қайси Розӣ аст. Рисолаи дигаре, ки дар ин фан ном бардоштааст, рисолаи шоир ва мутафаккири забардасти адабиёти форсу тоҷик Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аст. Бинобар шаҳодати муҳаққиқ Баҳром Сирус «... муфассал ба ин китоб шинос шудан нишон дод, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ба ШамсиддинМуҳаммад танҳо пайравӣ карда, дар рисолаи худ оид ба қофия ягон масъалаи тадқиқотиро дар пеши худ намондааст... Абдураҳмони Ҷомӣ дар рисолааш фақат ба он қаноат кардааст, ки дар шакли бисёр

мухтасар ва равшан барои донистани қофия ба хонандагон маълумот диҳад» (54, 8)

Инчунин ишораҳо нишон медиҳад, ки қисмати «қофия»-и «Алмӯъҷам...» дар нисбати дигар кутуби маъруфе, ки ба ҳамин илм бахшида шудаанд, мукаммалтарин асар аст. Чуноне ки дар оғози фасл ишора кардем, қисмати мазкур аз зикри маънии шеър оғоз ёфта, муаллиф пас аз ин, дар хусуси боз як масъалаи бисёр муҳими таърихи адабиёт-«Шеъри аввалро дар арабу аҷам кӣ гуфтааст» дахл карда, жанрҳои қасида, қитъа ва ғазалро шарҳ дода , ҳадди шинохт ва фарқи онҳоро муайян кардааст(112, 196-202). Ниҳоят Шамси Қайс дар охири боб қофияро таъриф медиҳад, ки ин аст:

«...Бидон, ки қофият баъзе аз калимаи охирини байт бошад, ба шарти он ки он калима биайниҳо ва маъноҳо дар охири абёти дигар мутакаррар нашавад, пас агар мутакаррар мешавад, онро радиф хонанд ва қофият дар моқабли он бошад» (112, 196).

Чуноне ки чанд ҷой арз доштем, ин қисмат ҳам аз афкори интиқодии Шамси Қайс холӣ нест ва ӯ қайдҳояшро дар ин қисмат дар атрофи нуқсони қавофӣ маҳдуд накарда, балки баъзан, авзони нодуруст, маънии нописанд, истифодаи нодурусти лафз ва баъзе дигар нуқсони шеърро аз лиҳози илми адаб дахл кардааст, ки ҳар кадоми онҳоро дар мавзеи худ дахл хоҳем кард.

Шамси Қайс дар оғози боби дуввуми ин қисмат нӯҳ «Ҳуруфи қофият»-ро номбар мекунад, ки онҳо: «равӣ», «ридф», «қайд», «таъсис», «дахил», «васл», «хуруҷ», «мазийд» ва «ноир» мебошанд.

Дар ин боб мулоҳизаҳои интқодии Шамси Қайс асосан, дар перомуни ҳамин нӯҳ асомии қофия аст. Ҳарчанд, дар баъзе мавридҳо дигар масоили дар боло номбаршударо низ интиқод мекунад. Чунончи вай ҳарфи «равӣ»-ро фаҳмонда истода, баъзе мудовиён-шоирони илми шеър наомӯхтаро, ки асосан, аз илми шеър бебаҳраанд ва даъвои шоирӣ мекунанд, танқид кардааст (112, 206). Вай «камсармоягони рӯзгор»-яъне шоирони ҳаваскорро, ки аз коҳилӣ ва ноӯҳдабарои шеъри дурусте гуфта натавонистаанд ва он бизоате, ки аз илми шеър доранд, барои шеъри поку

беолиш» гуфтан ба онҳо имконият намедиҳад, сарзаниш кардааст. Муаллиф дар ин маврид, шоирони истеъдоди модарзодидоштаро низ таъкид мекунад, ки онҳо бояд аз илми шеър ба хубӣ огоҳ бошанд, вагарна танҳо истеъдод дар эҷоди шеъри писандида басанда нест (112, 206).

Гузашта аз ин, Шамси Қайс ба шарҳи ҳарфи равӣ сар мекунад ва дар ҳарфи алиф аз ҷинси зиёдат мавҷуд будани ҳашт ҳарфро таъкид мекунад. Дар фасли ҳарфи «ашбоъ» ба кор бурдани алиферо дар қофия тавсия мекунад, ки он «машҳурот» ва «дар гуфту шунид» мустаъмал бошад. Дар ин замина аз алифоти танвин худдорӣ кардан беҳтар аст, мегӯяд ва илова мекунад, ки танвинотро дар шеъри араб низ ҷоиз намешуморанд. Ва агар зарурат уфтад, -гуфтааст вай, ҳамчун алифоти ҷамъ бояд, ки аз машҳурот, ки мутадовили порсигӯён аст, удул накунанд, чунонки «ҳаққо» ва «амдо» ва «марҳабо» ва «қатъо» ва ин шеъри Ҳоқониро дар мисоли гуфтаҳояш овардааст:

Хоқони аъзам к-аз шараф, омад салотинро канаф,
Борони чуд аз абри каф шарқову гарбо рехта.

Ин ҷо илова кардан ҷоиз аст, ки Шамси Қайс, баъзан, қайдҳояшро такя ба адабиётшиносии араб ва осори илмии дар арабӣ таълифкардаи худаш изҳор мекунад. Чунончи поёнтари ҳамин фикр «...ҳеҷ калимаи амр ва наҳӣ дар қофия ба ҳам ҷамъ нашояд кард» чунонки «биёой» ва «маёой», «бикун» ва «макун» гуфтааст ва чанд мисоли дигар аз арабӣ оварда, сабаби ҷоиз набудани онро дар қофия таъкид кардааст (112, 212).

Шамси Қайс дар қисмати қофия, баъзан, интиқоди дигар адабиётшиносон ва шоиронро дар хусуси қофия дахл мекунад, вале вай ишора намекунад, ки ин иқтибосро аз кадом маъхаз гирифтааст. Аз ҷумла вай дар мавзеи ҳарфи «қайд» истилоҳи «ридф» ва «радиф»-ро дахл карда, масъалаи чӣ тавр фарқ кардани «радиф»-ро аз «ҳоҷиб» ба миён мегузорад. Чунончи:

«Ва баъзе мутақаддимон калимаи радифро ҳоҷиб хондаанд ва бар Ғазвонии Лукарӣ дақиқ гирифтаанд, ки ӯ гуфтааст:

Шеър

Соқӣ бидеҳ он гулгун қарқафро,
Ноёфта аз оташи газ тафро,
Наздики Амир Аҳмади Мансур,
Бар кушк бар ин шеър мураддафро» (112, 258-259).

Шамси Қайс дар поёни ин шеър сабаби нуктагирии мутақаддимонро шарҳ медиҳад. Ба қавли онҳо ин шеър махчуб аст, на ин ки мураддаф. Дар ин маврид, онҳо барои исботи фикрашон чунин далел меовардаанд, модоме, ки радиф аз рӯи тартиби ҷояш дар мисраъ пас аз ҳарфи равӣ меистодааст, пас онро бо сабаби дар паси худ нигоҳ доштанаш ва худ ҳамчун ҳочиб, яъне чун парда буданаш ҳочиб меномидаанд ва ин ном аз радифе дида муносибтар будааст.

Шамси Қайс бо вуҷуди далелнок будани фикри мазкур дар муқобили ин тезис фикри худро ҳамчун антитезис мегузорад. Ба фикри вай «... бинои шеър бар дурустии қофият аст», чунки назари хонанда аввал ба қофия меафтад. Вале радиф пас аз қофия ҷойгир аст, аз ин рӯ ба он номи радиф муносибтар аст. Дар ин маврид ҳочиб дар назди шоирони мумтоз калимаест, ки пеш аз кофия такрор мешавад (112, 259).

Агар назарияи аввал аз ҷиҳати мантиқ асоснок ва мудаллал бошад, пас назарияи дуюм, дар асоси таҷрибаи амиқу назарӣ ва амалии шеър, ки аз тарафи донандаи нуктасанҷ ва борикбини илми адаб муқаррар шудааст, баён ёфтааст. Ба хонанда ва донандаи илми шеъри тоҷикӣ назарияи дуввум наздик ва писандидатар аст.

Мунаққид бо фикри дар боло овардааш қаноат намекунад. Вай барои равшан кардани фарқияти «радиф» ва «ҳочиб» боз ду мисоли дигар овардааст, ки дуввумаш ин аст:

Эй шоҳи замин бар осмон дорӣ тахт,
Суст аст адӯ то ту камон дорӣ сахт.
Ҳамла сабук ориву гарон дорӣ рахт,
Пири ту ба тадбиру ҷавон дорӣ бахт»(112,260).

Дар ин шеър калимаи «дорӣ» миёни ду қофият уфтодааст ва чун аз қофияи аслӣ пеш омадааст, Шамси Қайс «... онро ҳоҷиб хонанд»-гуфтааст. Вай боз дар ин маврид чунин илова ҳам кардааст: «...ва чун калимаи радиф дар мавзеи хеш мутаммакин наяфтад, яъне шеърро аз рӯйи маънӣ бад-он эҳтиёҷ набувад, маъйиб бошад» (112,260).

Бояд гуфт, ки Шамси Қайс дар баъзе маврид ба масъалаҳои илми қофия кордор шуда, баъзе масъалаҳои ба лафзу маъно оидро низ дахл карда, дар ҳалли онҳо кӯшишҳо кардааст.

Интиқоди қисмати «қофия»-и «Алмӯъҷам...»дар боби 5-уми он пуркувват аст ва Шамси Қайс ин бобро маҳз ба уюб ба интиқоди қофия бахшида, боби мазкурро «Дар уюби қавофӣ ва авсофи нописандидае, ки дар каломи манзум уфтад» ном ниҳодааст.

Шамси Қайс дар огози ин боб овардааст, ки шоирони қадим дар хусуси уюби қавофӣ тадқиқот бурдаанд, ҳар тағйиреро, ки дар «таркиби алфоз ва тансиқи маонӣ» дарёфтаанд, айбе ҳисобида, номе ниҳодаанд. Шамси Қайс он уюбро мухтасар карда, чанде аз онҳоро ном мебарад, ки инҳо «иқво», «икфо», «синод», «ийто», «муноқаза», «тазмин», «тахлиъ», ва «удул аз ҷодаи мустақим» мебошанд (112, 283).

Маълум мешавад, ки шоирон ва адибон ҳанӯз аз Шамси Қайс пештар чандин уюб ва навоқисотро муайян карда, ба онҳо номгузорӣ ҳам кардаанд, ки қисмате аз онҳо баъдтар шояд ҳамчун истилоҳ қабул шуда бошад ва чуноне ки дар боло номбар кардем, худи ӯ чанде аз онҳоро дар қисмати қофияи китобаш ҷо додааст. Чунончи вай аз рӯйи тартиб аввал «иқво»-ро мисол меоварад ва мегӯяд, ки иқво аз рӯи ихтилоф ду навъ аст: 1.ҳазв,2.тавҷеҳ.

Мисоли ҳазв.
Ҳар вазиру муфтиву шоир, ки ӯ Тӯсӣ бувад,
Чун Низомулмулку Ғаззоливу Фирдавсӣ бувад(112, 283).

Ва ин ҷо ихтилофи ҳазв ҳарфи «у»-и калимаи Тӯсӣ ва ҳарфи «в»-и калимаи Фирдавсӣ аст.

Ва баъд мисолро дар ихтилофи тавҷеҳ меоварад:

Аз гуссаи ҳиҷрони ту дил пур дорам,
Пайваста аз он дида ба хун тар дорам (112, 283).

Ноқид ихтилофи дар байти дуюм ҷой доштаро ихтилофи«маҷро» номбурда, таъкид кардааст, ки ин гуна ихтилофро арабҳо «иқво» мегӯянд. Ҳол он ки дар шеъри форсӣ ин гуна ихтилофро хатои қабеҳ мешуморанд ва дар уюби қавофӣ онро номе ҳам наниҳодаанд. Дар ҳақиқат, калимаи «пур» дар мисраи аввали байти дуюм ва калимаи «тар»-и мисраи дуюм, ки дар мавқеи қофия омадаанд, аз чиҳати садонокҳои кӯтоҳ ихтилоф доранд ва ин ихтилоф оҳангнокии қофияро, ки аҳамияти онро дар шеъри тоҷикӣ қайд карда будем (114, 123) нуқсондор кардааст ва аз ҳамин чиҳат дар талаффуз як навъ ноҳамворӣ ҳис карда мешавад. Аз тарафи дигар, ин гуна шеър дарёфти маъноро низ душвор мегардонад ва ба қавли адабиётшиноси Эрон Маҳмуд Каёнуш «..хонанда аз роҳи савт ба маънӣ мерасад, на аз роҳи маънӣ ба савт»(90, 163).

Шамси Қайс баъзан, мувофиқи услуби ба худ хос маънои луғавии калимаи «иқво»-ро шарҳ медиҳад. Иқво дар асли луғат тоб додани ресмон аст мегӯяд вай, -ва чун ҳаракати ҳазв ё тавҷеҳ дар қофияте мухолифи дигар қофият уфтад, онро иқво хонанд» (112, 283).

Шамси Қайс дар ин маврид ихтилофи ҳарфи равиро, ки «икфо» номида мешавад, низ шарҳ додааст. Ин ихтилоф дар ҳарфҳои равие дида мешаванд, ки аз чиҳати махрачи талаффуз ба ҳам наздик буда, вале дар асл ҳарфҳои тамоман дигаранд. Мисол:

Рав ба ҷаҳон ор андар ин кор эҳтиёт,
З-он ки ҷуз бар ту надорам эътимод (112, 284).

Дар ин мисол равии қофия аввал бо ҳарфи итқе «ط» аст, равии қофияи мисраи дуюм бо ҳарфи дол «د» навишта мешаванд. Азбаски ҳардуи ин ҳамсадоҳо ҳамсадоҳои нӯгизабонианд ва дар талаффуз махрачи наздик доранд, баъзан шоир саргарми шеърэҷодкунӣ шуда, ин гуна хаторо

содир карданаш мумкин аст. Вале донишмандони илми балоғати шеъри классикӣ ва аз ҷумла Шамси Қайс онро аз уюби қофия ҳисобидаанд. Ин нишонаи он аст, ки адабиётшиносони гузашта доир ба ин масъала бисёр таваҷҷӯҳ зоҳир мекардаанд.

Ин ҷо хотиррасон кардан ҷоиз аст, ки дар чанд ҷои «Алмӯъҷам...» қофияро яке аз муҳимоти шеър номида, сухани беқофияро шеър нашмаранд»-, гуфтааст(112,196) ва ин фикрашро дар ду ҷои «Алмӯъҷам...» ба такрор овардааст(112,196-284). Албатта, ин беасос нест. Адабиётшинос Маҳмуд Каёнуш аҳамияти қофияро дар шеъри классикӣ таъкид карда гуфтааст: «агар қофия дар шеъри классикӣ форсӣ пешоҳанги андеша ва эҳсос намебуд, ноқиде ҳамчун Шамси Қайси Розӣ..., ки дар авохири қарни шашум ва авоили қарни ҳафтум, дар асри эътилои шеъри форсӣ мезист, бо чунин эътиқоде аз қофия дар хулқи шеър сухан намегуфт»(90, 145).

Ногуфта намонад, ки асри XIII давраи камолоти шеъри тоҷикӣ ба ҳисоб меравад ва ин шеър аз замони Рӯдакӣ то замони Шамси Қайс ва Саъдӣ хеле равону суфта шуда буд. Дар давоми бештар аз ду асри такомул аз ҷиҳати сохт ҳам хеле сайқал ёфт. Ҷиҳатҳои мундариҷавии шеъри мазкур ҳам инкишоф ёфтанд. Дар баробари қасида-газалсароӣ низ ривоҷ гирифт. Забони шеъри ин давра маҳз бо салисиву равониаш фарқ мекунад. Аз ин ҷиҳат ҳам, таъкиди аҳамияти сиҳатии авзони шеър ва риояи қофия аз тарафи Шамси Қайси Розӣ барин адабиётшинос бисёр бамавқеъ буд. Аз тарафи дигар, ин таъкидҳои Шамси Қайс аз хусуси қофия ба услуби адабии давр-Сабки Ироқӣ низ вобастагӣ дошт.

Худи Шамси Қайс ҳам зарурати қофияро дар шеъри форсиву тоҷикӣ таъкид карда истода, гаштаву баргашта фикрашро дар бораи аҳамияти қофия дар шеър овардааст. Ва он ҷо ки дар уюби қавофӣ сухан мегуфт, ҳамин ҷиҳати шеърро дар назар дошта буд, ки фикри мазкурро боз як бори дигар такрор кард.

Шамси Қайс аз уюби «иқфо» боз «санод»-ро мисол меовард, ки он аз ихтилофи «ридф» иборат аст.

Номи дигар аз уюби қофия «ийто» аст ва он як қофиятро ду бор такрор кардан аст. Шамси Қайс ин намуди уюбро «ду навъ аст» мегӯяд. 1. ҷалӣ ва 2. хафӣ. Вай дар навъи ҷалӣ, ки маънои равшанро дорад, чандин мисол оварда, қофияҳои ба такрорро нишон медиҳад.

Шамси Қайс, «ийто»-и ҷалиро ба шарте раво медонад, ки қасида дароз бошад, ё чуноне ки баъдтар илова кардааст, қасида ду матлаъ дошта бошад, пас як ё ду қофияро баъди он такрор кардан мумкин мешавад. Ноқид нуқсон ва уюби «ийто»-и хафиро низ шарҳ медиҳад.

Дар ин ҷо уюбе, ки маҳз ба қофия бахшида шуда бошад, ба охир мерасад ва муаллиф асомии чанд истилоҳеро номбар мекунад, ки он дар хусуси уюби маъно ва қофия баҳс мекунад, аввали он: «муноқаза» танноқиз аст. Ин ҷо ба хотир овардан зарур аст, ки уюби «таноқиз» -ро муаллиф дар мавриди нишон додани уюби маъно овардааст, ин ҳамон уюби маъно аст, ки мо боз чанд намунаи онро дар «Нафоисулфунун»-и Маҳмуди Омӯлӣ дучор омада будем (94, 58). Муноқаза ё таноқиз гуфта шеъреро меноманд, ки шоир дар як мисраъ як маъниро баён мекунад ва дар мисраи дуввум он маъниро нафй-яъне инкор мекунад.

Шеър:

Дирамаш бахшам, бӯса надиҳад ҷавр кунад,
Бидарам ҷома, ки бӯса нафурӯшад ба дирам (112, 289).

Ва Шамси Қайс дар поёни ин байт ихтилофи маънои ҳар ду мисраъро шарҳи латифе гуфтааст, -яъне ки дар мисраи аввал зикри бахшишро овардааст ва дар мисраи дуюм масъалаи хариду фурӯшро гузоштааст, ки дар он ихтилофи маънӣ аст, ба чашм мерасад. Бо вуҷуди ин, Шамси Қайс «онро тасҳеҳ метвон кард» гуфтааст ва он байтро ин тавр ислоҳ кардааст:

«Дирам бахшам бӯса надиҳад ва агар,
Ҳвоҳам ки бихарам ба дирам нафрӯшад» (112, 289)

Зотан, Шамси Қайс ин байтро аз ҷиҳати маъно ислоҳ кардааст ва дар китобаш ин ду мисраъро пайи ҳам –мисли

наср овардааст ва агар онҳоро дар тарозӯи тақтеъ ва тафоил гузорем, ихтилофи сабаб, ватад ва фосилаҳо равшан мешавад, ки аз номавзунии ин шеър далолат мекунад.

Зимнан ҷоиз аст, бигӯем, ки Шамси Қайс ин тастеҳҳотро бисёр ба кор мебарад ва аксари ин ислоҳот ё таҳрири вай нишонрас ва айни муддаоанд.

Ноқид дар ин маврид боз як байте аз Анварӣ оварда, онро ба тафсил шарҳ, додааст ва ин байт чунин аст:

Эй мулки туро арсаи олам сари кӯе,
Ва аз мулки ту то мулки Сулаймон сари мӯе.

Шамси Қайс дар интиқоди ин байт овардааст, ки «....аввали байт мулки ӯро пеш аз арсаи олам ниҳодааст ва дар охир кам аз мулки Сулаймон» (112,290). Пас аз ин, вай ихтилофи дар байни адабиётшиносони давр мавҷудбударо дар фаҳмиши ин ҳолат таъкид кардааст: «... Онро муноқиз пиндоранд ва баъзе онро аннузулу филмадҳ хонанд, яъне дар охири байт аз мартабаи мадҳ порае кам кардааст» (112,290).

Муроди Анварӣ дар ин байт он будааст, ки вай бо ин таъкидаш мехостааст, изҳор кунад, ки аз мулки вай то мулки Сулаймон «андаке аст» «...яъне забони мурғон донистану мусаххар будан»-и деву парӣ ва инро ба нисбат бо мулки ӯ андаке ниҳодааст ва ин аз игроқ ва муболиғоти шоирон аст» (112,290).

Ва дигар аз навъе, ки ба қофия нисбатан сахт вобаста аст, «тазмин» аст. Муаллиф дар аввал, ин уюбро ду навъ номбар карда, пайдоиши калима ва чӣ нисбат доштани онро ба ин навъи уюби шеърӣ номбар мекунад. Шамси Қайс ҳангоми шарҳи ин уюб ба як масъалаи хеле муҳими шеъри тоҷикӣ диққат додааст. Чунончи дар аввал овардааст:

«Тазмин ду навъ аст, навъи аввал он аст, ки тамоми маънии байти аввал ба байти дуввум мутааллиқ бошад ва бар он мавқуф ва он байтро музамман хонанд» (112, 290).

Дар нисбати ин гуфтаҳои боло, ки дар уюби шеър овардааст, гуфтаҳои «устодони санъатро» меоварад.

...Устодони санъат гуфтаанд, ки шеър чунон мебояд, ки ҳар байт ба нафси хеш мустақил бошад ва ҷуз дар тартиби

маонӣ ва танқиси сухан ба якдигар мӯҳтоҷ набошад. Бад-ин ҷиҳат тазминро айб шумурдаанд, пас ҳарчанд ин эҳтиёҷ ва тааллуқ бештар бувад, байт маъибтар бошад» (112, 290-291).

Муаллиф мустақил будани байтро хотиррасон намуда, таъкид кардааст, ки (яъне байтҳо-Ш.М.) ба ҷуз дар тартиби маонӣ ва тасниқи сухан»(112, 291)-яъне композитсия ба якдигар робита надоранд.

Шамси Қайс ин қабил уюбро бештар хоси адабиёт ва шеъри араб ҳисобида гуфтааст: «...дар шеъри тозӣ мегуфтанд, ки аз як калима баъзе қофия мисраъи аввал мешавад ва баъзе аввал мисраъи дуввум чунонки гуфтаанд:

لمايك للا اظعان ولت ام لرس،
م مقفر(اوحش) منهم ودرس(112,291)

Шамси Қайс ин байтро аз арабӣ дар «тазмин» мисол оварда шарҳ додааст, ки калимаи لرسم ба ду ҳисса ҷудо шуда ҳиссаи لرس қофия сохтаанд ва «درس» -ро ба аввали мисраи дуюм истифода бурдаанд.

Шамси Қайс ин навъи музамманро «қабеҳ бошад» гуфтааст. Ва боз шарҳ додааст, ки ин гуна шеъри бо тафриқот дар порсӣ ба ҷуз дар назме ки «бар сабили ҳазлу зарофат гӯянд, наяфтад»(112, 291). Ва шеъреро аз Сӯзанӣ ба тариқи истишҳод овардааст, ки байти аввали он ин аст:

Шодмон бод маҷлиси мустав-
Фии мушфиқи Ҳамидаддин аҷҷав-
Ҳари он садр к-аз ҷавоҳири ал-
Фози ӯ аҳли дину доништи дав-
лат...

ва ғайра.

Маълум мешавад, ки Сӯзаниро аз ин навъ шеър бисёр будааст ва Шамси Қайс боз як шеъри дигарро низ дар ҳамин қофия аз ӯ мисол меоварад. Аз маънии шеъри дуюм бармеояд, ки он пас аз хуб истиқбол шудани шеъри якум баромадааст. Бо вуҷуди ин, чунин назм аз шеърият ва завқбахшӣ холӣ аст ва он фақат ба хотири қофияи маснӯъ

гуфта мешавад. Дар ин гуна шеър қофияи аслӣ танҳо як маротиба истифода мешавад ва он ҳам дар мисраи охирин аст.

Шамси Қайс аз навъи муазамманот навъеро бо унвони «истидрок» ном мебарад ва мегӯяд, ки ин навъ чи аз рӯи тазмин ва чи аз рӯи истидрок «сахт қабеҳ аст»(112, 291-292).

Ин ҷо қайд кардан ҷоиз аст, ки ин навъи уюб, ки Шамси Қайс онро дар қисмати қофия овардааст, ҳанӯз аз тарафи Рашидаддини Ватвот дар «Ҳадоиқуссеҳр...» оварда шуда буд. Рашидаддин Ватвот пас аз мисоли арабӣ мисолеро овардааст, ки онро Шамси Қайс ҳам баъд аз истишҳоди мисоли худашёфта, далел овардааст. Вале ин ҷо чизи диққатҷалбкунанда он аст, ки ҳанӯз Рашидаддин Ватвот «истидрок»-ро дар қатори саноати сухан ном бурда ва баъд дар хусуси қабоҳати он изҳори ақида кардааст. Вай шеъри зайлро оварда:

Асари мир нахоҳам, ки бимонад ба ҷаҳон,
Мир хоҳам, ки бимонад ба ҷаҳон дар асаро.

ва баъд гуфтааст:

«Ва ба наздики ман он аст, агар шоир ин тариқ наспарад, беҳтар бошад, зеро ки чун ӯ- (яъне мамдӯҳ-Ш.М.) истидрок (яъне дарк- Ш.М.) кунад айши мамдӯҳ ба фоли бад нохуш карда бошад ва лаззати сухан бибурда» (85, 700).

Аммо баҳои Шамси Қайс дар хусуси навъи дуюми тазмин мусбат аст ва гуфтан мумкин аст, ки он ба уюби шеър маҳсуб нест, балки то андозае сифоти муҳассаноти шеър аст. Ин навъ тазмин ҳамон навъи анъанавист, ки аз қадим боз дар адабиёти тоҷик вуҷуд дорад. Ва ин гуна тазмин чунон бошад, ки шоире як мисраъ ё як байт аз шеъри шоири дигаре дар шеъри худ дарорад. «Ва ин навъ агар дар мавзеи хеш мутаммакин бошад, дари узубат ва равнақи мо қабл бифизояд, онро писандида доранд. Ва баъд як байти Рашидаддини Ватвотро овардааст, ки дар он як мисраъ аз шеъри Унсурӣ тазмин шудааст:

Намуд теғи ту осори фатҳу гуфт фалак,
«Чунин» намояд шамшери хусравон осор» (112, 695).

Шамси Қайс ишорат кардааст, ки баъзан, шоири тазминкунанда номи шоири тазмин мекардаашро номбар мекунад ва низ ишора мекунад, ки шеъри вайро тазмин кардааст. Инчунин шеърҳо, ки дар онҳо аз тазмини шеъри дигарон ёдовар мешаванд, хеле зиёд аст. Ва дар бораи дигар нозукиҳои тазмин дар китоби адабиётшинос Т.Зеҳнӣ «Санъати сухан» ба тафсил баҳс карда мешавад (29,225).

Ва боз ноқид таъкид кардааст, ки агар шоир дар шеъри хеш масале ба кор бурда бошад, онро «Ирсоли масал» меноманд. Бояд гуфт, ки Шамси Қайс боз як уюбро ном бурдааст, ки он «Тахлиъ» аст. Азбаски ин уюб дар буҳури мустақил ва авзони нохуш шеър гуфтан аст ва мо онро дар кисмати арӯз дахл карда будем, дар қисмати қофия дигар ба он кордор намешавем.

4. УДУЛ ВА АНВОИ ОН ДАР ШЕЪР

Маънои удул даст кашидан аст ва чизе Шамси Қайс ин истилоҳро дар қисмати қофия»-и «Алмӯъҷам...» ба маънои даст кашидан аз ноҷоизиҳо дар шеър кор фармудааст. Бо ибораи дигар удул-ғалат дар лафз ё маънои шеър аст, ки шоир барои зарурияте дониста ба онҳо роҳ додааст. Дар ин маънӣ удул навъе аз уюби шеър аст. Чунин ғалатҳо аз ҳузуф, зиёдат ё табдили ҳарфҳо, тағйири садонокҳо иборат мебошад, ки аз ваҷҳе чунин табдилро ҷоиз донистаанд. Аммо шоир дар ин кор бояд аз зарурат берун наравад ва назми ӯ аз қонуни наҳвии забон берун набошад. Ин интиқодоти дар заминаи ноҷоизиҳои «удул» нишон дода шударо ҳам ба гурӯҳи «нақди алфоз» ва ҳам ба гурӯҳи «нақди маъно» дохил кардан мумкин аст.

Муаллиф дар аввал ишора мекунад, ки «удул аз ҷодаи савоб чанд навъ аст»(112, 297) ва баъд ба шарҳи навъи якум мепардозад.

Муаллиф ин навъро чунон шарҳ медиҳад, ки шоир барои дурустии вазн ва қофияро риоя кардан дар шеъри худ андаке тағйирот медарорад , ки он боиси хатои лафзӣ ё маънавӣ мегардад. Шамси Қайс дар ин маврид формулаи машҳури «Яҷузу лил- шоир мо ло яҷузу ли ғайриҳӣ», ки маъноаш

ҳарчи ба шоирон мумкин аст, ба дигарон мумкин нест»-ро меоварад ва илова мекунад, ки гуфтаҳои боло ба шеър ва шоирони араб махсус аст. Зеро, ... мақойиси луғати эшонро фурӯъ бисёр аст ва тасарруфоти наҳв ва сарфи онро шуаби фаровон(111, 297). Аз ин ҷиҳат агар баъзе аз ин гуна хатоҳо содир бошад, онро хато нашморанд. Ҳарчанд Шамси Қайс дар «Алмӯъҷам...» на ҳар бор аз кӣ будани иқтибосашро номбар мекунад, вале дар ин ҷо гуфтаҳои Себувайҳро бо номаш овардааст, гуфтаҳои Себувайҳ низ дар хато шумурда шудани инчунин нуқсонҳо «аз ҷинси «ҳузуф» ва зиёдат ва табдили ҳаракот ва тағйири ҳаракот» (112, 297) дар ашъори шоирони араб аст. Вале дар мавриди луғати арабӣ «...луғати дарӣ, ки мӯъҷаз аст аз луғоти порсӣ ва мунтахабе аз ратонати Аҷам вагарна беарсагии майдони балоғат ва тангии маҷоли фасоҳати ин луғат будӣ, мутамайизони Аҷам дар сарди сухан даст дар домани арабият назадандӣ ва ороиши назм ва насри хеш аз алфози тозӣ пасохтандӣ»(112, 298).

Инчунин соҳибназарона ва дақиқ муайян кардани имконияти забони арабӣ ва тоҷикӣ фақат ба касе муяссар мешавад, ки нозукиҳои ин ду забонро ба хубӣ донад ва дар мавриди зарурӣ мувофиқи талаботи илм қазоват барад. Инчунин мулоҳизарониҳо ва дақоиқи табъ Шамси Қайсро бегуфтугӯ ба ин гурӯҳ мутааллиқ мегардонад.

Ин ҷост, ки Шамси Қайс маҳдудияти луғавии забони порсии дарӣ ва дар ин маврид эҳтиёҷи онро нисбат ба забони арабӣ, махсусан қайд кардааст. Гузашта аз ин, Шамси Қайс шоири порсигӯро маслиҳат додааст, ки аз калимоти арабиву форсӣ ба ҷуз он чизе, ки дар забони аҳли адаб ва фазл мустаъмал аст, дар шеъри худ ба кор набарад. Ва шеъри ӯ бояд аз лиҳози балоғат комил бошад ва агар касе хоҳад, «... ки назми ӯро аз ҳам фурӯ кушояд насре маснӯъ бошад ва агар насри ӯро назм кунанд, шеъре матбӯъ гардад» (112, 298).

Маълум мешавад, ки Шамси Қайс ҳамчун адабиётшиноси замони худ вазифаи адибро хеле хуб муайян кардааст. Аз ин рӯ, вай таъкид мекунад, ки шоири мумтоз набояд аз паи қудамо кӯр-кӯрона равад, балки ба ҳама

нодурустӣ ва ғаронии шеъри онҳо бо дидаи таҳқиқ назар кунад, вагарна он ҳама «аз маоиби шеър аст».

Аз тарафи Шамси Қайс инчунин бо нафосат дарк ёфтани адабиёт ва таҳассуси шеър, дар худуди имконияти эстетикии он баҳои зерини адабиётшиноси маъруфи рус В.Г. Белинскийро ба хотир меоварад, ки дар ҳаққи ноқид гуфтааст:

«Агар барои фаҳмидани асарҳои бадеӣ таҳассусӣ эстетикӣ ҳатмӣ бошад, пас ноқид шахси дорандаи баландтарини дараҷаи эҳсосоти эстетикӣ аст, ки бо он таассуроти нафис дарк мегардад. Истеъдоди ноқид ноёб аст». Эстетика алгебра нест, вай ба ғайр аз бо ақлу маърифат будан, боз ана ҳамин гуна мақбулияти нафисро талаб мекунад, ки он як навъ истеъдод аст ва ба ҳар кас муяссар намегардад (11,124,13,356).

Истеъдоди ғайриоддии Шамси Қайс дар фаҳм кардан ва соҳибназарона баҳо додани осори шоирон қариб дар ҳар як фасл махсус аст. Дар ин фасл бошад, дар ин бора махсус истодааст ва бахсҳо кардааст.

Аввалин масъалае, ки пас аз шарҳи навъи якуми «Удул» мунаққид диққат додааст, «зиёдот» аст. Шамси Қайс сараввал як байти шоир Баҳромиро мисол меоварад ва нуқсони шеърро на фақат аз лиҳози «зиёдот», балки боз аз чанд ҷиҳати дигар номбар карда мегузарад.. .шеър ин аст:

Чи гӯӣ, ки ҳама ҳаррон чун ӯ будааст кас низо,
На ҳаст акнун ва на бошад ва набудааст ҳаргизо.
Ба гоҳи хашми ӯ гавҳар шавад ҳамранги шавнизо,
Чун ӯ хушнуд бошад ман кунам з-анқос қирмизо.

Шеъри мазкурро интиқод карда истода Шамси Қайс онро риоя мекунад, ки дар фасли мазкур сухан асосан бояд дар перомуни қофия гуфта шавад. Аз ин ҷиҳат, вай интиқоди дигар ҷиҳатҳои шеъри номбурдаро ба плани дуюм гузошта, нуқсони қавофиро қайд кардааст. Чунончи вай мегӯяд «дар ин шеър берун аз ташбеҳи борид ва истиороти ракик ва таркиби номуҳаззаб ду айб аст, яке «зиёдот»-и «ﻳﺎ» ё-и ҳаргиз (هرگیز) ва қирмиз (قرمیز) ва дуввум зиёдоти алифи ашбоъ «ا» (112, 28).

Мунаққид пас аз нишон додани ғалати шеър дар қофия – аз лиҳози зиёдот ба шарҳу тафсири маънои он мепардозад. Албатта, ба мо маълум аст, ки шарҳ яке аз ҷузъҳои тавъами интиқоди адабӣ аст ва мунаққид дар протсеси баҳодиҳӣ ба осори интиқодшаванда, онро метавонад комилан ба ҷо оварад (20, 26).

Тафсири Шамси Қайс ҳам аз ин лиҳоз ҷолиби диққат аст. Чунончи:

«Ва маънии байт он аст, ки чун мамдӯҳ дар хашм бошад, гавҳари шаффоф аз ҳайбати ӯ чун шавниз сиёҳ ва бенур шавад ва чун хушнуд бошад, ман аз шодӣ рӯи торики хеш барафрӯзам ва сурх гардонам ва қирмиз ранге сурх аст, ки абрешим бад-он ранг кунанд ва мегӯянд асли он кирме аст, ки дар навоҳии Аррон ё Озорбойҷон мебошад» (112, 299).

Ҳарчанд Шамси Қайс ин байт ва ин порчаро дар шарҳи зиёдот овардааст, вале қайдҳои дигари интиқодиаш нақди ӯро боз ҳам васеъ ва ҷоннок кардаанд. Чунонки дар аввали фасли «Удул» гуфтем, шояд инчунин «зиёдот» дар шеъри араб ғалат ҳисобида нашавад ва аз хондан ва шунидани он кас вайрон шудани салосатро ҳис накунад, вале дар шеъри тоҷикӣ камтарин нуқсон боиси ноҳамворӣ ва кароҳати шеър мегардад, ки мисолаш ана ҳамин шеъри дар боло овардаи Баҳромӣ аст. Чунонки дар қисмати арӯз гуфта гузаштем, Айнӣ низ дар мактуби ба унвони Турсунзода фиристодааш ин масъаларо дахл карда, аз ҷиҳати салосату хушоҳангӣ аз ҳамдигар тафовути калон доштани шеъри арабӣ ва тоҷикиро таъкид кардааст» (4,107).

Ба ғайр аз ин норасоиҳо, боз Шамси Қайс ба «ташбеҳи борид», яъне ташбеҳи дилночасп ва нописанд ва истиороти ракик (суст) ва тартиби номуҳаззаб (нохуш) доштани ин шеър низ ишора кардааст. Дар ин ҷо «ташбеҳи борид» «ҳамчу шавниз» аст. Шавниз гуфта, кунҷити сиёҳдонаро мегӯянд. Истиороти ракик, калима «анқос» аст ва «анқос» маънои сиёҳӣ ва торикиро дорад. Ва калимаҳои «ҳаррон» «анқос», «низо», «ҳаргизо», «шавнизо», «қирмизо» таркиботи нохуш ё номуҳаззабро ташкил медиҳад, ки Шамси Қайс дар ин порча ба онҳо ишора кардааст.

Мунаққид пас аз интиқоди шеъри боло дар хусуси зиёдати алиф «ا», вов «و» ва ё «ي» аз шоирон Фирӯзи Машриқӣ, Рӯдакӣ, Саноӣ, Бӯшакур, Унсурӣ, Ҳоқонӣ, Муиззӣ ва чанд байти дигарро бо номбаркардани номи муаллиф хотиррасон намудааст.

Дар мавриди зиёдот «бо» «بـ»-ро қайд карда гуфтааст:

«...Ба ҳамчунин алифи абар «بَـا» ва або «بـا» ва «гӯиё», «пиндориё» ва «гуфто» ҳама зиёдоти бемаънӣ аст. Шуарои покизасухан бояд, ки аз истеъмоли он иҳтироз кунанд, на чунон-к Рӯдакӣ гуфтааст:

Або барқу бо ҷастани соиқа,
Або ғалғали раъд дар кӯҳсор»

Ва Унсурӣ гуфтааст:

Абар зеру бами шеъри Аъшии Қайс,
Ҳамезад зананда ба уннобҳо» (112, 300-301).

Бояд гуфт, калимаҳои «або», «аби» ва «абар» калимаҳои қадими тоҷикӣ буда, дар он аср дар оғози шеъри тоҷикӣ фаровон истеъмол мешуданд. Бо гузашти айём ва то ба андозае муайян шудани нормаи забони адабӣ, баъзе ин калимаҳо аз истеъмол дур шудаанд. Аз ин ҷиҳат, як гурӯҳ калимаҳое, ки дар замони Рӯдакӣ истеъмол мешуданд, дар замони Шамси Қайс аз навоқисоти шеър ба ҳисоб мерафтанд. Ин аст, ки Шамси Қайс ин ҳолатро аз уюби шеър ҳисоб кардааст. Ин бесабаб нест, чунки замони Шамси Қайс замони тараққиёти илми шеър ба ҳисоб меравад ва худи ӯ ҳамчун адиби нуктасанҷ риояи қонунҳои дурусти ин илмро талаб кардааст. Аз тарафи дигар ӯ ҳамчун адиб намехоҳад, ки инчунин вайронкорӣ дар шеър аз номи шоирони номӣ - Рӯдакӣ ва Унсурӣ умумӣ гардад, вале бояд таъкид кард, ки Шамси Қайс шеъри равон, дилкаш ва шӯхрати Рӯдакиро низ хуб дарк карда буд. Вале бисёр вақт пай дар пай мисол овардани ашъори ноқиси Рӯдакӣ ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати хатоҳои услубӣ касро гумонбар мекунад, ки Шамси Қайс ин корро қасдан мекарда

бошад, вале ин тавр нест, зеро Шамси Қайс дар баробари интиқоди ашъори Рӯдакӣ ашъори дигар шоирони номвари Хуросону Мовароуннаҳр-ба мисли Бӯшакур, Унсурӣ, Ҳоқонӣ ва Саноиро интиқод карда ва камомади шеъри онҳоро аз ҷиҳоти дар боло номбаршуда хотиррасон кардааст. Аммо ҳис карда мешавад, ки Шамси Қайс аз Рӯдакӣ дида, нисбат ба Анварӣ таваҷҷӯҳи хосае дорад. Вале шеъри нуқсондори ӯро низ дар чанд ҷое нишон дода ва коҳиш кардааст (112, 536). Аммо дар ин маврид як чизи дигарро фаромӯш кардан лозим нест, ки Анварӣ нисбат ба Рӯдакӣ ду аср дертар зистааст ва айёми зиндагии ӯ ба давраи камолоти шеъри тоҷикӣ рост меояд. Аз дигар ҷиҳат Анварӣ шоири хеле босавод буд ва улуми зиёдеро берун аз улуми адабӣ аз худ карда буд, ки ин дар ашъори ӯ бетаъсир намондааст(26, 6).

Шамси Қайс дар боби якуми Удул муғайиротро дар шеър бо усули ҳазв маҳкум кардааст ва инчунин ба ҷои калимаҳои «хомӯш» истифода бурдани калимаҳои «хамш» ё «хамаш» ва ба ҷои «фаромӯш»-«фармӯш», ба ҷои «ҷаҳон»-«ҷаҳан», «ниҳон»-«ниҳан», «шунид»-«шунд» низ написандидааст ва гуфта, ки «...шоири маҷид бояд, ки аз ин ҷумла муҳтариз бошад ва тақайили қудамо дар ин боб ҷоиз нашмарад» (112, 307).

Вале дар муқоиса ба ин баъзе калимаҳои дигарро аз «мунҳиҷи савоб» гуфта, истифода бурдани онҳоро дуруст ҳисобидааст. Масалан, дар ин шеъри Маъруфӣ:

«Бори Худо Бӯабдалиро чӣ буд,
К-аз бас пиронасар девона шуд.
Абӯабдуллоҳро Бӯабдалӣ кардааст» (112, 307).

Ноқид аз тарафи Анварӣ истеъмол шудани калимаи шевагии «агар»-ро ба маънои «ё ки» ғалат дониста, дар ин нисбат шаш калимаеро, ки аксар шоирон дар шеваи маҳаллии худашон гуфтаанд, нишон медиҳад ва дар муқобили он шакли дурусти ин калимаҳоро номбар мекунад. Шамси Қайс таъкид мекунад, ки ин гуна калимаҳо бисёранд ва «шоири даригӯй бояд, ки дар абвоб тақлики қудамо накунад»(112,308).

Шамси Қайс дар баробари интиқод кардани шеъри шоирон аз лиҳози «зиёдот», «тахфиф» ва «ихтисороти борид», ки онҳоро ба гурӯҳи хатоҳои лафзӣ даровардан мумкин аст, боз нақди маъноро низ дахл кардааст.

Ин ҷо як чизро бори дигар қайд кардан меарзад, ки Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ адабиёти дар илми адаб навишташудаи арабро хеле хуб аз бар карда буд. Вай дар чанд ҷои «Алмӯъҷам...» аз китобҳои Ибни Мӯътаз ва осори Ибни Қутайба, Халил Себувайҳ ёдоварӣ кардааст. Бисёр вомехӯрад, ки худи Шамси Қайс ин ва ё он шеърро аз лиҳози луғат интиқод карда, дар хусуси ҳусну қубҳ ва тобишҳои маъноии он арзи ақида мекунад. Ин принсипи тадқиқ ва таҳлил усули тадқиқи адабиётшиносони адабиёти асри X арабро ба хотир меоварад. Муҳаққиқи машҳури адабиёти араб академик Игнатий Юлианович Крачковский, ки дар таҳқиқи афкори адабӣ- эстетикии он хизмати босазое кардааст, ин масъаларо дахл карда гуфтааст:«Таҳлили мисолҳои Ибни Мӯътаз ва Алҷоҳиз бо камоли боварӣ шаҳодат медиҳанд, ки поэтикаи араб бо принсипи лингвистӣ таъсис ёфта буд»(31, 269). Принсипи номбурдаро ба адабиётшиносии форсу тоҷик низ нисбат додан мумкин аст. Мо баъзе нишонаҳои инчунин интиқодро аз ҳайси камомади алфоз-агарчи адади онҳо фаровон набошад ҳам –дар «Тарҷимоулбалоға»-и Родуёнӣ ва «Ҳадоиқуссеҳр»-и Рашидаддини Ватвот ва баъдтар намунаҳои нисбатан мукаммали онро дар «Алмӯъҷам..» -и Шамси Қайси Розӣ дучор меоем. Чуноне ки дар боби дуюми ҳамин китоб ёд кардем, инчунин нақдро нақди луғавӣ ҳам меноманд.

Азбаски Шамси Қайси Розӣ ҳангоми таълифи асараш аз китоби «Нақдушшеър»-и Қудома ибни Ҷаъфар васеъ истифода бурдааст, хоҳу нохоҳ услуб ва усули таълифи китоби «Нақдушшеър» ба асари вай бетаъсир намондааст. Инак, боз як интиқоди Шамси Қайс аз лиҳози маъно. Шоир Рафеъӣ гуфтааст:

Мӯътӣ нашавад мардуми мумсик ба таъотӣ,
Аҳвар нашавад дидаи азрақ ба такаҳҳул (112, 309).

Дар ин байт диққати Шамси Қайс, асосан, ба калимаи «таъотӣ» равона карда шудааст, ки шоир дар қолиби тафоил истифода бурдааст ва чунин пиндоштааст, ки ин калима аз «аъто» муштақ аст ва маъноро ин тавр тафсил додааст:«....мардум ба раоити аъто ва такаллуфи бахшандагӣ, бахшанда нашавад, чунончи худованди дидаи азрақ ба такаллуфи сурма сияҳчашм нагардад ва таотӣ дар луғати араб ҷуръат ва иқдом аст ва аз аъто мушақ нест ва бад-он тааллуқе надорад ва агар гуфтӣ, ки «Мӯътӣ нашавад мардуми мумсик ба тасаххо» рост будӣ, валекин ӯ хостааст, маҷонисати «мӯътӣ» ва «таотӣ» ба ҷой биёрад» (112, 309).

Аз ин таҳлил ва тафсир маълум мешавад, ки Шамси Қайс аввал калимаро аз лиҳози луғат ва маъно санҷида ва исбот кардааст, ки калима он муроди шоир нест, ки ӯ хостааст ба воситаи калимасозӣ онро пайдо кунад.

Аз ин мисол маълум мегардад, ки Шамси Қайс на танҳо хатоҳои маънавиро ёфта, дар бораи нодуруст истифода шудани ин ва ё он калима мулоҳизаронӣ кардааст, балки сабаби рух додани инчунин камбудиҳоро низ дарк кардааст ва дар хусуси натиҷаи он низ арзи ақида кардааст. Вай бо вуҷуди кушода додани моҳияти масъала аз лиҳози назария, боз ба ҷанбаи амалии он низ даст зада, роҳи бартараф кардани норасоиҳои шеъриро нишон додааст. Дар шеъри мазкур мо ин гуна нуқсонро дар калимаи «таотӣ» во мехӯрем, ки муаллиф ба маънои «бахшанда» истифода бурдааст, гофил аз он ки калимаи номбаршуда, маънои «иқдом» ва «ҷуръат»-ро дорад. Шамси Қайс байти дуюми шеърро таҳрир карда, ба ҷои калимаи «таотӣ» калимаи тасаххо»-ро дароварда ба ин васила хатои маънавиро ислоҳ кардааст.

Шамси Қайс боз як байти дигарро аз Рофеъӣ оварда, онро низ аз лиҳози маънӣ дар нодуруст истифода бурдани калима интиқод мекунад. Дар айни ҳол гуфтан лозим аст, ки Шамси Қайс дар бисёр ҷои «Алмӯъҷам» ва алалхусус дар ин фасл услубшиноси забардаст будани худро исбот кардааст. Чунончи вай дар поёни ин баҳс аз ҷинси «зиёдот» ва «ҳазв» баъзе калимаҳоеро истифода бурдааст, ки онҳо ду шакл доранд, ба мисли «гар» ва «агар» «кунун» ва «акнун» ва

ғайра, ки маъмул ва мустаъмаланд. Вале, дар ин миёна баъзе дигар калимаҳо ҳастанд, ки талаффузи сабуктари онҳо боиси фасеҳтар талаффуз шуданашон мегардад, масалан, калимаи «доман» аз даман фасеҳҳтар ва «пираҳан» аз калимаи пироҳан хуштар аст» (104, 311). Шоир бояд дар эҷоди шеър аз ин гуна нозукиҳо огаҳ бошад ва дар иқтизои авзони шеър онро ба кор барад.

Навъи дуюми «удул», ки онро Шамси Қайс дар поёни навъи аввал овардааст, низ ҳамчунин ҷолиби диққат аст. Ин навъ ба қавли муаллиф чунон бувад, ки дар шеър «Таркиботи нохуш» ва «истиороти борид» ва «тақдим ва таъхироти нодислписанд» ва «маонии воҳӣ» ба кор баранд. (112,314)

Агар дар навъи аввал диққати сосӣ ба уюби «зиёдот» ва «ҳазв» «ташдиди мухаффаф» ва «ихтисороти борид» дода шуда, иттифоқан хатоҳои маънавӣ эрод гирифта шуда бошанд. Пас дар навъи дуюм диққати асосии Шамси Қайс ба уюби маънии шеър равона карда шудааст ва ҳама гуна баҳсҳо дар атрофи ҳамин масъала сурат мегиранд.

Масалан, Шамси Қайс дар аввал чунин шеърро овардааст:

Бисоз маҷлису пеши ман ор ҷоми набид,
Ҳало ки дӯст баногоҳиён фароз расид.

Дар ин байт калимаи «ҳоло» бинобар иқтизои вазни шеър дар шакли «ҳало» оварда шудааст, ки ин муғайирот дар назм ва насри форсӣ ҷоиз шумурда шудааст.

Ин байтро Шамси Қайс чунин тасхеҳ кардааст:

«Ва агар гуфтӣ «ҳало чу дӯст» беҳтар будӣ аз он-к истеъмоли кофи сила баъд аз «ҳало» ба «ҳалокати дӯст» монад» (112, 314).

Чунон ки дидем, хондани байти мазкур бо пайвандаки «ки» маънои шеърро тағйир дода, хонандаро ба ғалат мебарад. Ва иваз кардани пайвандак ба адоти «чу» маънои байтро зудрас ва сареҳ кардааст.

Эроди Шамси Қайс дар байти зерин боз ҳам возеҳтар ва аҷибтар аст:

«Ҳаво чу дарё, моҳӣ чу мурғ, кишти пар,
Шиноваронаш сияҳзоғакони ғарқануфус» (112, 315)

Ногуфта намонад, ки Шамси Қайс ҳам дар эроди ин шеър ва ҳам дар дигар мавридҳо бисёр бомулоҳиза рафтор мекунад. Вай баъзан, кӯшиш мекунад, ки аз сабаби эҳтимол рӯй додани ин ва ё он хаторо ба эътибор бигирад, то дар тарозӯи сухансанҷӣ кафие роҳ наёбад. Аз ин ҷост, ки мегӯяд: Чун гуфт «Ҳаво чу дарё» боистӣ, ки гуфтӣ «мурғ чу моҳӣ», на «моҳӣ чу мурғ» ва агар гирем, ки ғалат аз нассох афтода бошад ва ӯ чунин гуфтааст, ки «Ҳаво чу дарё, Моҳиш мурғ, киштӣ пар» дуруст бошад, аммо лафзу маънии «сияҳзоғакони ғарқа нуфус: жожест, ки ҳеҷ хар нахояд»(112,315).

Чӣ тавре ки ин ҷо маълум мешавад, ноқид ҳатто варианти аз нассох рӯй додани чунин хаторо пешбинӣ карда, боз бо далели дигар маҳз аз шоир сар задании онро исбот кардааст. Худи Шамси Қайс ин гуна хаторо «таркиби зишт» гуфтааст:

Шамси Қайс дар ин навъи удул ба таносуби калом ҳамчун, яке аз авомили балоғати шеър махсус диққат додааст. Чунончи вай як шеъри Булфарачро ин тавр эрод гирифтааст:

Ҳиммат баланд бояд кардан, ки ту ҳанӯз,
Бар пояи нахустин аз нардбониё.

Мамдӯҳро ба пояи нахустин ва пояи баландтарин гуфтан шояд, аммо зикри «нардбон» ва мамдӯҳро ба нардбон гуфтан зишт аст» (112, 315).

Муаллиф дар «тақдим ва таъхироти нохуш»-яъне тартиби калима дар таркиби мисраъ «табийини нодуруст»-ро шарҳ медиҳад. Табиийин дар луғат маънои тафсири чизе аст ва Шамси Қайс дар маънои аслиаш, дар нисбати ҳолате, ки дар мисраи аввал чизе гуфта шавад ва дар мисраи дуввум таркиботи мисраи аввал шарҳ дода шавад истифода бурдааст.Ин уюб,ки дар таркиби навъи дуюми «удул» омадааст, дар илми бадеъ ҳам бо номи «Табиийин ва

тафсир» вомехӯрад, вале он чо уюб набуда, саноати сухан ҳисоб меёбад. Ва инак он шеър, ки зимни он Шамси Қайс табиийини нодурустро эрод гирифтааст.

«Тиийнати об асту хок зоти шарифи ту лек,
Хоки насим инҳирок боди асир илтиҳоб» (112, 315).

Шамси Қайс чунин ақида дорад, ки модоме, ки шоир гинатро «обу хок» гуфт, мебоист, ки дар табиийини он аз хусуси обу хок сухан мерафт, на ин ки сифати хоку бодро мегуфт. Шамси Қайс дар шарҳи ин эрод ҳам, эҳтимолияти аз нассох рӯй додани ғалатро қайд кардааст ва боз илова кардааст, ки «... обро ба илтиҳоб сифат накунанд» (112, 316).

Аз он ки Шамси Қайс борҳо бар ғалати нассох ишора мекунад, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки вай то андозае матншинос ҳам будааст ва тафовути матни нусхаҳои мухталифи як асарро борҳо аз назари мушоҳида гузаронида будааст.

Охирин уюбе ки Шамси Қайс дар поёни навъи дуюм овардааст, «маънии нодуруст» аст. Вай аз ин нуқсон шаш байт мисол овардааст, ки ин абёт аз Анварӣ, Саноӣ ва Манучеҳрӣ иқтибос шудааст. Ноқид аз ин мисолҳо фақат аз ҷиҳати маъно ихтилоф доштани фикри гӯянда–шоирро эрод гирифтааст. Бо вуҷуди он ки Шамси Қайс ду байти Анвариро алоҳида- алоҳида интиқоди нисбатан тӯлонӣ кардааст, мо бо сабаби маънои печ дар печ ва шарҳи тӯлонӣ доштанашон байти зерини Саноиро мисол меоварем, ки шарҳи мухтасаре дорад. Шеър ин аст:

Зӯҳра андар ҳазиз нопайдо,
Гашта аз нури хеш ҷумла ҷудо.

Дар интиқоди ин байт Шамси Қайс гуфтааст, ки «Зӯҳра аз нури хеш ҷудо нашавад» (112, 317)

Навъи саввуми «удул» низ ба ноҷоизиҳои маъно бахшида шудааст. Шамси Қайс дар саршавии ин навъ инчунин уюбро авсофи мадҳу ҳиҷо махсус дониста ва мегӯяд, ки дар «... он чандон ғулувв кунад, ки ба ҳадди истиҳолати ақлӣ расад, ё тарки адаби шаръиро мусталзам бувад» (112, 317).

Як намунаи инчунин шеър ин аст: Шоири номаълум:

«Ба тир аз чашми нобино сапеда пок бардорад,
Ки на дида биёзорад, на нобино хабар дорад »(112, 318).

«Сапеда»- гули болои чашмро мегӯянд, ки бар болои мардумаки дида дамида ва дидаро нобино кардааст. Ин ҷо шоир дар маҳорати тирандозии мамдӯҳ ғулувв кардааст ва маънояш ин аст, ки вай дар ин ҳунар чунон маҳорат дорад, ки бо тир аз дида сапедаро рабуда метавонистааст,ки на дида озор меёфтааст ва на нобино хабардор мешудааст.

Вобаста ба таъиноте, ки Шамси Қайс дар оғози ин навъ овардааст, вай чанд мисол аз шоироне иқтибос овардааст, ки онҳо дар баъзе масоили динӣ дар ғулувв он қадар аз ҳад гузаштаанд, ки ноқид пас аз овардани он мисолҳо борҳо аз Худо бахшиш пурсидааст.

Ин навъро Шамси Қайс чунин овардааст:

Навъи чаҳорум «... Он аст, ки ибтидо ва *матолеъи қасида* лафзе мустакраҳ ва сухане нохушоянда орад ва дар суол ва истиътоф тариқи адаб маръӣ надорад ва аз насиб ва ташбиб бо он-ч максуд аст бар вачҳе чамил ва шевае муносиб накл накунад»(112, 323).

Он чузъиётеро, ки Шамси Қайс оид ба ин навъ нақл мекунад, ҳама марбут ба қасида аст. Азбаски таваҷҷӯҳи бештари шоирон ба эҷоди қасоиди мадҳӣ моил буд, ноқид қисми зиёди эродҳои худро ҳам дар хусуси ана ҳамин навъи жанри шеърӣ изҳор кардааст. Чунончи вай дар матлаи нописандида, байти зеринро оварда:

«Нест туро дар замона ҳеҷ назир,
Ҳаст ба рӯи ту чашми халқ қарир» (112, 323).

ва гуфтааст:

«Ва калимаи «нест» ва «набошад» ва «намонад» ва амсоли он ибтидои қасоидро нашояд» (112, 322).

Вай ин гуна нафйро дар хитоб ба худи шоир низ ваҳоҳат медонад. Мисрае аз матлаи «Савганднома»-и Камол Исмоил чунин оварда,

«Умеди лаззати айш аз мадори чарх мадор» (112,322) ва гуфтааст:

«Агарчи хитоб бо хештан мекунад сахт нописандида бошад» (112, 322). Ва дар хусуси мисраи якум мегӯяд, ки модом шоир гуфтааст, ки «Умеди лаззати айш мадор» пас чӣ тавр метавонад, дар мисраи дуввум гӯяд:

«Ки дар диёри карам нест з-одами диёр» (112, 322).

Шамси Қайс таъкид мекунад, ки ин гуна тафовут дар байти аввал аз кароҳати шеър аст ва агар шоир инчунин карданӣ бошад. Ин ҳолро метавонад дар тахаллуси қасида, яъне дар гурезгоҳҳо бо латофати хос баён кунад. Чунонки ин гуна латофати тахаллус дар қасоиди Саид Ҳасани Ғазнавӣ ва Анварӣ вомехӯрад. Вале шикояти латиф ин аст, ки Заҳир гуфтааст:

Дар аҳди чун ту шоҳе к-аз фазлаш сахош ,
Ҳар рӯз чарх ротибаи дарёву кон диҳад.
Шояд, ки баъди хидмати як сола дар Ироқ,
Нонам ҳанӯз Хусрави Мозандарон диҳад» (112, 327).

Чунон ки дар оғози ин навъ гуфтем, Шамси Қайс дар ин қисмат истифодаи лафзу маънои нописандро, ки дар қасоиди мадҳӣ бештар вомехӯранд, дахл карда, онҳоро ҳамчун навъе аз уюби шеър қайд кардааст. Ин навъи Удул охирин навъест, ки онро Шамси Қайс дар охири қисмати «қофия» овардааст.

Дар охир ҳаминро гуфтан лозим аст, ки Шамси Қайс қофияро аз муҳимоти шеъри форсӣ медонад ва дар ин нисбат талаб мекунад, ки ҳама нозукҳои ин илм дар таълифи шеър риоя карда шавад. Ин аст, ки вай фаслеро дар интиқоди уюби қофия бахшида, бисёр ҷиҳатҳои зарурии ин илмро мавриди муҳокимаҳои интиқодӣ қарор медиҳад. Қисмати удул, ки дар охири фасл ҷойгир аст ва дар хусуси интиқоди қофия қисмати басе муҳим ба ҳисоб меравад. Шамси Қайс дар ин қисмат на танҳо, «удул»-ро аз ҷодаи савоб мавриди баррасӣ қарор додааст, балки дар нисбати уюби қофия боз камомади маънои шеър ва алфози нописандро низ дахолат кардааст. Ноқид дар осори адабиётшиносии ба мо дастраси тоҷикӣ аввалин касест, ки

дар китобаш «удул»-ро ба чаҳор навъ тақсим карда, бисёр масъалаҳои шеъри тоҷикиро аз ҷиҳати алфоз ва маъно мавриди муҳокимаҳои пуразиши интиқодӣ қарор додааст. Дар ин қисмат вай ҳам ба уюби қавофӣ аз лиҳози «зиёдот», «ҳузуф» ва тағйири калимот ва ҳуруф дахл кардааст ва ҳам аз ҷиҳати «таркиботи нохуш», «истиороти нописанд» ва «маонии воҳӣ –яъне пуч шеърро мавриди муҳокима қарор додааст. Чуноне ки мушоҳида мешавад, ин ҳурдагириҳои Шамси Қайс барабас нарафтаанд ва дар ашъори шоирон, ки баъд аз замони вай зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ин гуна камомадҳо хеле кам ба назар мерасанд» (68, 126).

5 .НАҚДИ САНООТИ БАДЕӢ

Қисмати ба илми бадеъ бахшидашудаи «Алмӯъҷам...» дар боби шашуми қисмати қофия ҷой дода шудааст ва «Дар зикри маҳосини шеър ва тарфе аз санооти мустаҳсан, ки дар назм ва наср ба кор доранд» ном дорад. Муаллиф бо сабабҳои ба мо номаълум ин қисматро, ки дар улуми адабӣ илме мустақил ҳисоб мешавад, алоҳида наоварда, дар таркиби илми қофия овардааст. Ҳарчанд худаш дар бораи ҷо ба ҷо кардани қисматҳои китобаш чизе намегӯяд, вале гумон бурдан лозим аст, ки вай ин корро аз он ҷиҳат кардааст, ки қабл аз оғози ин қисмат дар охири қисмати қофия баъзе масъалаҳои ихтилофнокро оид ба интиқоди лафзу маънӣ дар атрофи истиороти борид, танақиз, тазмин, истидрок ирсолулмасал, иғроқ ва ғулувро дахл кардааст. Азбаски баъзе аз ин уюбро (ҳарчанд баъзе аз онҳо аз тариқи савоб нишон дода шудаанд) салафи онҳо родӯёнӣ ва Ватвот дар илми бадеъ овардаанд, гумон бурдан мумкин аст, ки Шамси Қайс ин қисмати муштаракро –(агар хамин хел гуфтан мумкин бошад,) ҳамчун «гузаргоҳ» истифода бурдааст ва азбаски як фасли мутааллиқ дар боби пешин оварда шуда буд, қисмати баъдинаро ҳам яке аз бобҳои қисмати аввала қарор додааст. Вале мо дар хусуси он ҳамчун қисмати алоҳида сухан мекунем.

Муаллиф дар огози ин қисмат, таъкид кардааст, ки «Агарчи дар ин боб низ мутакаллифони шуаро итноб

кардаанд....мо бар он-ч фуҳули шуаро ва суханварони моҳир онро эътибор кардаанд, иқтисор мекунем» (112, 328). Ва чиҳилу як санъатро номбар карда, илова мекунад, ки дар бораи «... баъзе аз аҷноси шеър ва анвои назм», «.. ки дар ин шева ба маърифати он эҳтиёҷ афтад...» (112, 328) низ фасле бахшиданӣ аст. Ва дар аҷноси шеър понздаҳ навъи шеърро номбар карда гузаштааст.

Аввалин санъате, Шамси Қайс дар ин боб овардааст, «тафвиф» аст. Тафвиф мисли санъатҳои дигар санъати ифодакунандаи ягон хусусияти алоҳидаи шеър набуда, баръакс талаботи умумиест, оид ба шеъри салис, фасеҳ ва болиғ. Бояд гуфт, ки пешгузаштагони Шамси Қайс, Родуёнӣ ва Ватвот инчунин санъат ё талаботро дар китобҳояшон ҷой надодаанд. Аммо Шамси Қайс, ҳанӯз то қисмати бадеъ ин масоили эстетикиро пурра набошад ҳам, қисм-қисм дар қисматҳои арӯз ва қофияи асараш таъкид карда гузаштааст.

Азбаски муаллиф дар ду қисмати пешин масоили авзони шеър ва зарурати қавофиро махсусан қайд карда буд ва вобаста ба тақозои ин ду фурӯи илми шеър афкори адабӣ – танқидиашро изҳор карда буд, лозим донистааст, ки зимни ин санъат боз зарурати риояи дурусти ин ду муҳимоти шеърро боз як бори дигар таъкид кунад . Аз ин рӯ мегӯяд: «Тафвиф аст, ки бинои шеър бар вазне хуш ва лафзи ширин ва ибороти матин ва қавофии дуруст ва таркибе саҳл ва маонии латиф ниҳанд. Чунонки ба ифҳом наздик бошад ва дар идрок ва истихроҷи он ба андешаи бисёр ва имъони фикр эҳтиёҷ нафтад» (112, 329).

Шамси Қайс дар эҷоди шеър ба таносуби лафзу маънӣ эътибори махсус медиҳад. Аз ин ҷост, ки бо номбар кардани компонентҳои шаклии шеър ба мисли вазн, қофия, ибороти матин ва таркиби саҳл, «маонии латифе»-ро, ки бе имъони фикр дарк шавад , низ ҷузъи зарурӣ ва муҳим меҳисобад. Масъалаи шаклу мазмун ва баҳс дар ин хусус таърихи хеле қадима дорад ва аввалин муҳокимаронихо дар ин мавзӯъ ба донишманд ва файласуфи дунёи қадим Филодем (28, 242) мансуб аст. Вале баёни сода, ки онро Шамси Қайс дар «Алмӯъҷам..» борҳо такрор кардааст, дар адабиёти форсу тоҷик махсуси афкори интиқодии ӯст. Баъдтар муҳим будани

ин ҷабҳаи эҷоди бадеиро адабиётшиноси машҳури рус В.Г. Белинсий ҳам таъкид карда гуфтааст:

«Баёни сода ва фаҳмо дар шеър, яке аз нишонаҳои мӯътамади шеъри ҳақиқӣ ва камолоти истеъдоди ҳақиқӣ аст» (11, 290).

Шамси Қайс бошад, дар нисбати фикрҳои зарурии боло, ки риояи онҳоро ҳатмӣ ҳисоб мекунад, якчанд санъатро бо сифоти манфиашон номбар мекунад ва дар шеър истифода бурдани онҳоро маслиҳат намедиҳад. Шамси Қайс ба ин гурӯҳ «истиороти баид», «маҷозоти шозз», «ташбеҳоти козиб ва таҷнисоти мутакаррар»-ро дохил кардааст.

Ноқид зимни «Тафвиф», яке аз масъалаҳои муҳими адабиёт-истиқлолияти байтро низ такроран ба миён гузоштааст. «Шамси Қайси Розӣ, халал дар истиқлоли байтро аз уюби шеър мешуморад, чунки аз рӯи талаботи шеъри классикӣ як маъно бояд дар як байт ҷой дода шавад ва ҳаргиз ба мисраъ, ё байти дуюм бояд убур накунад» (90, 211). Ҳодисаи гузаштани як маъно аз як байт ба байти дигар дар шеъри классикӣ бисёр кам ба назар мерасад.

Вай якдаста ва ҳамвор назм шудани шеърро аз шартҳои муҳими иншои шеър ва алалхусус қасида медонад. Дар охир бошад, ончунон , ки дар оғози навъи якуми удул таъкид карда буд, шоирро талқин мекунад, ки аз «маҳҷуроти луғати фурс» дар эҷоди шеър истифода набаранд, баръакс калимаҳои машҳури дарӣ ва алфози арабии дар забони порсигӯён маъмулу машҳурро дар назми худ ба кор барад (112, 329).

«Тафвиф»-ро ҷамъбасти афкори муҳтасари интиқодии Шамси Қайс оид ба шеъри хуб гуфтан мумкин аст. Ноқид дар ин порча талаботи умумиро дар зимни истилоҳи «Тафвиф» овардааст. Ин истилоҳ муайянкунандаи ягон хусусияти барҷастаи шеър ё адавот набуда, балки муқаддамоти шоир аст, ки онро Шамси Қайс дар хотимаи китоб шарҳи васеъ гуфтааст. Ва ба фикри мо, мунаққид онро аз ин ҷиҳат дар оғози қисмати бадеъ овардааст, ки хонандаи китобро огоҳ кунад, ки то ин қисмат чиро омӯхтааст ва баъд аз он чиро омӯхтанаш лозим аст.

Маънои луғавии ин санъатро Шамси Қайс аз ибораи ҷомаи муфаввафе, (яъне беқасаб), ки аввалу охири он яксон бошад, гирифтааст.

Шамси Қайс зимни «Тафвиф» ду қасида аз Анварӣ ва як қасида аз Заҳир ва як қасида аз Разиаддини Нишопурӣ истишҳод овардааст.

Санъати дигаре, ки Шамси Қайс зимни тафсири он афкори танқидиашро нисбатан васеъ баён кардааст, санъати Ташбеҳ аст. муаллиф то ин санъат боз санъатҳои Тарсеъ, Мувозина, Таҷнис ва Мутобақаро низ бо амсоли зиёд шарҳ додааст. Зимни ташреҳи санъати «Таҷнис» Шамси Қайс ҳафт намуди ин санъатро ном мебарад ва таъкид мекунад, ки «онро далели фасоҳат ва гувоҳи иқтидори мард шуморанд» (112, 337). Вай дар истифодаи ин санъат ҳадди эътидолро дар ду ё чаҳор лафзи аз ҳам дур афтода медонад.

Шамси Қайс дар дохили санъати таҷнис вобаста ба баъзе хосиятҳои муштарак боз чанд санъати дигарро низ ном бурдааст.

Вале дар зикри санъати ташбеҳ афкори интиқодии Шамси Қайс фарогиртар аст, вай ин санъати серистеъмолро, ки дар офаридани образҳои шеърӣ роли муҳим мебозад (20, 261) тафсир ва баҳои аҷиб додааст. Аз тарафи дигар, санъати ташбеҳ дар илми баён рукни фаъолтарин ба ҳисоб аст ва ҳама гуна баёни хуш дар иқтизои ҳол тавассути ана ҳамин санъат муяссар мегардад.

Таъиноти Шамси Қайс дар муайян кардани хосияти ин санъат, зоҳиран фарқ намекунад. Ин санъат дар назари ҳар сеи ин ададбиётшиносон чизеро ба чизе монанд кардан аст. Ва монандии байни мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳӣ ҳатмӣ дониста мешавад. Аз назари Родуёнӣ ташбеҳи росттарин ва некӯтарин он аст, ки чун божгуна кунияш табоҳ нагардад» ва аз назари Ватвот «... дар санъати ташбеҳ нектар ва писандидатар он бошад, ки агар акс карда шавад ва мушаббаҳ биҳӣ бо мушаббаҳ монанд карда ояд, сухан дуруст бувад ва маънӣ рост» (85, 42). Аммо формулаи ин тезис аз назари Шамси Қайс чуни наст: «.... Беҳтарин ташбеҳ он бувад, ки маъкӯс тавон кард, яъне мушаббаҳ ва мушаббаҳ-биҳиро ба якдигар ташбеҳ тавон кард»(112, 345).

Чунонки дида мешавад, ҳам то ин ҷо ва ҳам дар давоми таъиноти ташбеҳ ҳар се муаллиф фақат бо истисно дар як мавзеъ, як чизро такрор кардаанд. Ин ҳам бошад, эроди Рашиди Ватвот аст, бар шоироне, ки дар шеърашон ташбеҳҳоеро ба кор бурдаанд, ки маънои абстракт ва хаёлиро дошта, дар ҳаёти реалӣ во намехӯранд, ё ба қавли Зарринкӯб дар хоричӣ зеҳн вуҷуд надоранд (74, 410). Ин эроди Ватвотро Шамси Қайс айнан дар фасли ташбеҳ овардааст ва ҳамчунон, ки пешгузашти арабаш Қудома ибни Ҷаъфар дар овардани манбаи иктибос хасис буд, (32, 157) ӯ низ ҳамин тавр карда, аз китоби «Ҳадоиқуссеҳр...» ёд накардааст. Ва аз он ҷиҳат, ки эроди Ватвот бо рӯҳияи эҷодӣ ва сабки нигориш, алалхусус афкори танқидии ӯ мусоидат мекард, онро дар асараш истифода бурдааст. Эроди Ватвот, ки бар як ташбеҳи Азрақӣ кардааст ин аст: «Ва албатта неку ва писандида нест, ин ки ҷамоате аз шуаро кардаанд ва мекунанд: чизеро ташбеҳ кардан ба чизе, ки дар хаёл ва ваҳм мавҷуд набошад ва на дар аён, чунон ки ангишти афрӯхтаро ба дарёи мушкин, ки мавҷи ӯ заррин бошад, ташбеҳ кунанд ва ҳаргиз дар аён, на дарёи мушкин мавҷуд аст ва на мавҷи зарин»(107, 42).

Аҳамияти ин нуктаро қайд карда А.Сатторов гуфтааст, ки ӯ (яъне Рашиди Ватвот Ш.М.) ҳамагуна воситаҳои тасвири бадеӣ, образҳои адабӣ ва шеър будани ҳаётро дарк кардааст (53, 130).

Шамси Қайс дар боби фасли «Ташбеҳи сареҳ» як ташбеҳи Булфарачро низ нодуруст шуморидааст, ки он ҳам такрори фикри Рашиди Ватвот аст. Албатта, ин монандиҳо касро ба хулосае меоранд, ки Шамси Қайс дар таълифи «Алмӯъҷам» аз афкори адабӣ-эстетикии форсу тоҷик низ васеъ истифода кардааст.

Дар зикри навъҳои ташбеҳ оид ба нақд ба ҷуз чанд шарҳ дигар чизи тозае надорад.

Аммо Шамси Қайс дар қиёси ҳар ду пешгузашти худ Родуёнӣ ва Ватвот фасли тозае дар «илғо» овардааст ва дар давоми он фасли «такмил»-ро низ даровардааст. Ин ҷо ҷоиз аст бигӯем, ки Шамси Қайс ҳамчун донандаи латофат ва камтарин нозукиҳои шеъри дарӣ дар замони худ мавқеи

қасида ва алалхусус, қасидаи мадҳиро хуб ҳис кардааст. Аз ин ҷост, ки дар «Алмӯъҷам» ҳар ҷо, ки дар ҳаққи қасида ва муҳимоти он сухан ронад, дар ин бора бештар таваққуф карда, камтарин ҷузъиёти ин ва ё он ҷиҳати қасидаро мавриди муҳокима ё таҳлилу тафсир қарор додааст. Вай дар ин пайвастагӣ фасли иғроқро низ дахл карда «... дар авсофи мадҳ ва ҳиҷо ва ғайри он ғулувв кунанд»(112, 358) гуфтааст.Муаллиф дар ин санъат таъкид кардааст, ки маддоҳон мамдӯҳро бо сифати ба худашон муносиб васф кунанд,вагарна яке аз уюби мадҳ он аст,ки шоир дар мадҳи мамдӯҳ аз ҳад зиёд ғулувв кунад(112, 358). Ва Шамси Қайс дар чанд саҳифа бо амсалаи зиёде ҳусну қубҳи ин навъи мадҳро аз назари адабиётшиносии замонааш шарҳ гуфтааст.

Шамси Қайс мавзӯи қасида ва алалхусус, қасоиди мадҳиро дар «Алмӯъҷам..» борҳо мавриди таҳлил ва интиқод қарор додааст. Ба мо маълум аст, ки жанри қасида ва қасидасароӣ аз асри X то XIII хеле ривоҷ ёфта буд. Дар ин жанр шоирони машҳури адабиёти классикии форсу тоҷик Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ , Манучеҳрӣ, Саноӣ ва Анварӣ, Хоқонӣ, Муиззӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Рашиди Ватвот ва дигарон шеър эҷод кардаанд, ки шеъри порсии дарӣ ба шарофати камолоти истеъдоди онҳо ранг ва равиши тозае гирифт. Ва дар ин раванд қасидаи мадҳӣ вобаста ба эътиборе, ки дар назди аҳли дин ва дарбор дошт, хеле ривоҷ ёфт. Аз ин рӯ, адабиётшиносе чун Шамси Қайсро, ки худ муддатҳо дар дарбори Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ ва Атобак Саъд бинни Зангӣ умр ба сар бурдааст ва назар ба қавли худаш подшоҳро ба тариқи шифоҳӣ мадҳ мегуфтааст ва нозукии адоро дар ҳузури подшоҳ борҳо андеша намудааст (112, 410),дар нисбати интиқоди ин ҷинси адабӣ хомӯш буда наметавонист. Вай ин жанр, мавзӯи он ва саноати шеъриеро, ки дар он бештар мустаъмал буд, на як бору ду бор мавриди интиқод ва баҳс қарор дода, дар перомуни ҳусну кубҳи он андешаронӣ кардааст. Чунончӣ вай ҳангоми зикри фасли «Ҳусни матлаъ, мақтаъ, лутфи тахаллус ва одоби талаб» (112,407), «Насибу ташбиб» (112, 413) ва «Мусарраъ» (112, 419) ин мавзӯъро бо иқтизои ҳол» гаштаю баргашта даст мезанад ва интиқод мекунад.

Масалан, дар мавриди овардани фасли «Ҳусни матлаъ», «Мақтаъ», «Лутфи тахаллус» ва «Одоби талаб», «зимни мақтаи нописанд» ин шеъри Азрақиро овардааст:

Ҳамеша то набувад, сад фузунтар аз сесад,
Ҳамеша то набувад, панҷ бартар аз панҷоҳ.
Бо дасту табъи ту то зинда бод ҷому адаб,
Ба фарру номи ту поянда бод афсару гоҳ.
Мабод гӯши ту бе бонги рӯд, сол ба сол.
Мабод дасти ту бе ҷоми бода, моҳ ба моҳ (112, 409)

Шамси Қайс дар поёни ин шеър қайд кардааст, ки «... дар ин дуо ду айб аст, яке маънавӣ, яке лафзӣ» (112, 409).

Хатои маънавиро Шамси Қайс дар он медонад, ки шоир шоҳро ба беҳудакорӣ даъват кардааст ва ҳол он ки ӯро бояд ба «фазоили нафсонӣ» даъват кард, на ба батолат. Аммо хатои лафзии ин шеърро ноқид дар он дидааст, ки шоир дар байти охир «мабод дасти ту» ва «мабод гӯши ту» гуфтааст. Калимаи «мабод»-ро дар нисбати шахси шоҳ ҳамчуноне, ки дар навъи чаҳоруми «удул»(112, 413) низ таъкид карда буд, истифода бурдан «сахт нописандида аст», гуфтааст вай.

Шамси Қайс дар қисмати ачноси шеър-вақте ки «Насиб ва ташбиб»-ро зикр мекунад, бо иқтизои ин фасл нисбат ба *хосияти насиб ва ташбиб ва мақоми он* дар қасидасарой, калимаи ғазал, маънои лугавии он, нисбати он бо ҷинси шеър-ғазал низ сухан мекунад.

Муаллиф насибро «ғазале бошад» мегӯяд, ки шоир муқаддимаи шеъри худ карда, дар он аҳволи ошиқ ва маъшуқро зикр мекунад. То ин ки мамдӯҳ ба он рағбат намояд ва хотири худро аз дигар кор боз дорад ва ӯро гӯш кунад, то ӯ мақсуди худро ба мамдӯҳ расонад.

Яъне, ин як приёми шеъриест, ки барои тайёр кардани мамдӯҳ истифода бурда мешудааст. Шамси Қайс ғазал ва насибро як чиз медонад, аз ин рӯ гуфтааст: «Дар истилоҳ ҷуз ағзолро насиб нахонанд». Ва таъкид кардааст, ки дар васфи маъшуқа «... риояти адаб дар ҷумлаи абвоб лозим бошад ва насиби ҳар мадҳ ояд лоиқи он уфтад»(112, 414).

Дар поён насиберо аз Разии Нишопурӣ овардааст, ки матлааш ин аст:

Шароб ҳозиру дилбар надиму ман махмур,
Чаро нишастаам аз ишрату параб маҳҷур» (112, 414).

Дар поёни ин қасида овардааст:

Худойгони шариати бузург Сайфаддин,
Ки ҷаҳл гашт ба сайфи забони ӯ мақҳур.
Паноҳи миллат Абдулазиз он ки шудааст,
Зи иззи боргаҳаш ҳаззи ҳар ҳунар мавфур» (112, 415).

Шамси Қайс дар ихтилофи маънавии насиб таъкид кардааст, ки касеро, ки худойгону садри шариат аст, ҳеҷ гоҳ набояд насиби мадҳаш бо шароб ... ва мастӣ оғоз ёбад (112, 415).

Муаллиф дар қисмати бадеъ дар фусули ба санъати сухан бахшидашудаи «истиора», «тамсил», «ардоф», «эйҷоз» «ҳашв» ва «тавшеҳ» усули шарҳро васеъ кор фармудааст. Ҳангоми мутолиаи ин фаслҳо хонанда ба ҳусни адо ва «баёни бисёр шевои Шамси Қайс дучор меояд, ки боиси зудтар дарк шудани мазмуни ин фаслҳо мегардад. Муаллифи китоби «Сабкшиносӣ» Маликушшуаро Баҳор, дар ин хусус ишора карда гуфтааст, ки «боре ман бар он ақидаам, ки насри дарӣ пас аз Шамси Қайс ва Саъдӣ ба хок рафтааст» (96,35).

Қайдҳои интиқодии Шамси Қайс дар ин бахш кам ба назар мерасад. Аммо, дар фусули ба ачноси шеър бахшидашуда, вақте ки шеъри «Мутакаллиф ва матбӯъ»-ро зикр мекунад ва шеъри мутакаллиф, ки сохтмони он дар назари мардум «... аз вазни мушкил ва азоҳифи гарон» ва «калимоти он базур барҳам баста бошанд» (112, 431-432) аст, афкори интиқодии ӯро бештар дучор меоем. Чунончи вай «...ин фикри мардум хатост» мегӯяд. «... аз баҳри он ки ҷумлаи маснуоти шеър...,ки дар фусули мутаққадам баршумурдем ва онро аз мустаҳсаноти санъат ниҳод , аз қабили мутаккалифоти ашъор аст» ва илова мекунад, ки он ҷуз ба «имъони назар», ягон андешаи чуқур ва «идмони фикр», яъне пайваста фикркуниҳо ба даст намеояд.

Ноқид ҳамчунон ки дар фасли «Удул»-и фасли қофия қайд карда буд, ин ҷо ҳам дар фасли шеъри мутакаллиф шеъреро, ки дар калимоти тозӣ, ки дар гуфтугӯи форсӣ бегона аст ва калимаҳоеро, ки дар фаҳлавӣ-шеваи ягон маҳалла вуҷуд доранд, аммо дар забони дарӣ мустаъмал нест, аз мутаккалифоти шеър» номидааст.

Ва аз истеъмоли фаҳлавӣ ин байтро мисол овардааст:

«Дорад ҳар кас бутo ба андозам хеш,
Дар хонаи худ бандаву озодаву ҳадеш».

«Ҳадеш, менависад Шамси Қайс, кадбонуи хона бошад ва дар луғати дарӣ ғариб аст» (112, 483).

Дар ҳамин ҷо вай доираи назари худро оид ба шеъри матбӯъ кушода додааст. Аз назари вай шеъри матбӯъ он аст, ки «насри балеғ ва назми бадеъ дорад»(112, 483) ва дар он маънии дилкаш, лафзи ширин ва қофияи дуруст мавҷуд бошад. Ин гуна шеър бояд аз таҷнисоти ба такрор ва саноати мутакаллиф холӣ бошад. Ва бинои ин гуна шеър аз луғати саҳеҳӣ дарӣ бояд асос ёбад ва тағйироти лафзӣ, ки мутаққадимон» дар шеърашон истифода бурдаанд. Дар ин гуна шеър ҷой надошта бошад. Ин гуна шеър бояд «ба шунидан осон ва ба гуфтор душвор бошад» (112, 439).

Бо ҳамин афкори адабӣ танқидии Шамси Қайси Розӣ дар ин қисмат ба охир мерасад. Вале бояд хотиррасон намуд, ки вай дар қисмати «Адавот...» фаслеро дар сирқоти шеър бахшида буд. Азбаски ин уюб дар вайрон кардани нафосат ва покизагии ахлоқи шоир ва ба ин восита аз худ кардани маъно ва шеъри дигарон аст, мо фақат дар охири кор ба ин масъала диққат доданро зарур донистем.

Бояд гуфт, ки Сирқот - шеърдуздӣ аст-яъне ғорат кардани шеъри дигарон, ё истифода бурдани маънои шеъреро бо тағйир додани вазн ва таркиби алфоз сирқот меномидаанд. Шамси Қайс дар ин хусус гуфтааст, ки «Сухани дигарон бар хештан бастан далолат бар фазл накунад» (112, 464). Шамси Қайс сирқотро чаҳор навъ номбар кардааст, ки инҳо: Интиҳол,2. Салх, 3. Илмом ва 4. Нақл мебошанд.

Интиҳол сирқотест, ки шоире шеъри дигар шоирро бе ягон тағйирот аз моли худ мепиндорад. Шамси Қайс як қасидаро аз номи Саноӣ ва баъд қасидаи дигарро бо иловаи чанд байт аз номи Имодӣ оварда таъкид кардааст, ки «... маълум нест, ки собиқ кадом аст» (112, 468).

«Салх» бошад, навъи дуюми сирқот аст ва маъноаш пӯст кандан аст. ин навъи сирқот чуни наст, ки шоир маънои шеъри дигаррро бо тағйири лафз истифода мебарад.

Навъи сеюми сирқот «Илмом» буда, маъноаш «Қасд кардан ва наздик шудан аст ба чизе» (112, 469). Ин навъи сирқот чунон аст, ки маънои шеъре бо иборат ва тарзи дигар баён карда мешавад.

Дар хусуси навъи чаҳоруми сирқот Шамси Қайс гуфтааст, «Он аст, ки дар ин боб шоир маънии шоири дигар бигирад ва аз бобе ба боби дигар барад ва дар он парда берун орад» (112, 473).

Ва ин байтро аз Мухторӣ мисол овардааст:

«Кучо шуд, он зи қабой дарида, дӯхта чатр,
Кунун бибояд чатраш дариду дӯхт қабо.

Равии Нишопурӣ ин маъниро ба боби мадҳ бурдааст ва гуфтааст:

Ба азми хидмати даргоҳи ту ба ҳар тарафе,
Басо мулук, ки аз тоҷ мениҳанд камар» (112, 473).

Дар ин чо як чизи дигарро ба хотир овардан зарур аст, ки муаллифи «Насиҳатнома» Унсурулмаолии Кайковус ин навъи сирқотро писандидааст ва нақли маъноро аз як мавзӯъ ба мавзӯи дигар раво донистааст.

Шамси Қайс дар боби «Нақд» як нуктаи пурқиматеро, аз номи «арбоби маъонӣ » овардааст, ки агар шоире маъниеро дарёбад, ки бо «алфози ракик адо» ёфта бошад, онро бигирад» ва бо алфози хуш ва ибороти писандида берун орад» он шеър аз моли вай ҳисобида мешавад. Ва агар баръакси ҳол аз ӯҳдаи чунин амал баромада натавонад, вай маънидузд ҳисоб меёбад» (112, 475).

Ба ин тариқ, гуфтан лозим аст, ки Шамси Қайс ин қисмати китобашро ба яке аз фурӯъоти илми адаб бахшида, ин қисматро ба ду бахш ҷудо кардааст. Дар бахши аввал саноати сухан ва дар бахши дуввум аҷноси шеърро зикр карда, вобаста ба хусусиятҳои фарқкунандаи саноат ва аҷноси шеър афкори адабӣ-бадеии худро баён кардааст. Вай дар нисбати бартарии ин ва ё он санъат, нуқсони онро аз лиҳози он ки нигоранда дар кадом маврид ба хато роҳ додааст, интиқод мекунад. Беш вақт онро ба тариқи таҳрир ислоҳ ҳам мекунад ва ҳатто бо чӣ сабаб рӯй додани онро бефараз ва соҳибназарона нишон ҳам медиҳад.

Агар мутаққаддимон Муҳаммад бинни Умар Арродуёнӣ ва Рашидаддин Ватвот ба фарқияти ҷинси адабӣ ва санъат диққат надода, онҳоро дар як пайвастагӣ оварда бошанд, пас Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ онҳоро ба ду қисм ҷудо карда, ба як системаи муайян даровардааст.

Аз ин ҷост, ки олими англис Арберри хусусияти китоби «Алмӯъҷам...»-ро махсусан, таъкид карда гуфтааст: «Дар «Алмӯъҷам...» нисбат ба китоби Родуёнӣ ва Ватвот мо баҳси комилтареро дар илми шеър дучор меоем» (117, 243). Бояд гуфт, ки Шамси Қайс афкори интиқодии худро оид ба ҷинси шеърӣ ё саноати сухан зимни ҳар фасл, ки дар он зарур донистааст, эрод кардааст. Вай афкори адабӣ-танқидиашро дар заминаи таҷрибаҳои шахсӣ баён карда, баъзан, чуноне ки дар фасли ташбеҳ дучор омадем, афкори дигаронро низ истифода бурдааст.

ХУЛОСА

1. Асри X давраи такомули шеъри форсӣ-тоҷикӣ ба ҳисоб меравад ва қадимтарин намунаҳои афкори интиқодӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар ҳамин замон пайдо шудаанд. Пайдоиш ва инкишофи нақди шеър ба инкишофи адабӣ ва пайвастагии он бо тасаввури бадеӣ вобастааст. Доираи баҳси накд дар он замон аз як тараф ба масъалаҳои маънои сухан тааллуқ доштаанд ва аз ин ҷиҳат ба ифода ҳамчун воситаи баёни бадеӣ ва таркиби маъноии он дахолат мекарданд. Чунин муҳокимаҳо –яъне дахолат ба маънои сухани бадеӣ ногузир шакли муҳокимаро дар бораи сухани образнок гирифтаанд. Аз тарафи дигар, таркиби ифода аз ҷиҳати маънои луғавӣ ва шакли овозии он таҳлил мешуд. Бинобар ин, интиқоди сухан асоси ҳунари наққодӣ буд ва ба сабаби заминаи нормативӣ доштанаш бештар ба хатогиҳои шеър эътибор медод ва ин ғалатҳо бар ҳасби мулоҳизаи боло ё лафзӣ буданд ё маънавӣ. Лекин танқиди лафз дар навбати аввал аз ду ҷиҳат иборат аст, ки моҳиятан ба муҳокимаи услуб дахл доранд. Якум, саҳеҳии лафз, ки аз ҷиҳати маънои луғавӣ дуруст истифода кардани калимаро дар назар дорад. Дуюм, аз ҷиҳати услуб дар ҷои мувофиқ овардани калима.

2.Накд агарчӣ хусусиятҳои бадеъии асарро дар бар мегирифт, таҳлили он моҳияти идеявӣ-эстетикии асарро намекушод. Ноқид дар баҳои маънои асар бо арзи чанд сухани умумӣ. Аз ҷумла «маънии латиф» ё «нописанд» гуфтан кифоят мекард. Дар лафз бошад аз тавоной ё нотавоноии соҳиби асар сухан мерафт. Ин навъ накдҳо барои ба вуҷуд омадани тазкираҳо заминае муҳайё менамуд.

3.Интиқоду муҳокимаҳо дар атрофи сухани бадеӣ рафта-рафта ба як соҳаи илм табдил ёфтаанд ва онҳо, асосан ҳангоми омӯхтани адабиёт аз ҷиҳати балоғат ва бадеъ инчунин дар таҳлили наср зоҳир мешуданд. Ба ҳамин тариқ, то асри XIII таълиф шудани китобҳо дар илми арӯз, қофия, илми бадеъ, тазкираҳо ва инчунин дигар китобҳои серсоҳа

барои ба вуҷуд омадани комилтарин асар дар адабиётшиносӣ «Алмӯъҷам фӣ маоири ашъор ил Аҷам» заминаи илмӣ ва адабӣ шуд. Ин китоби пурфайз, ки дар он се навъӣ илм аз улуми адабӣ гирд оварда шудааст, асари ҷамъбасткунандаи ҳамаи падидаҳои нақди адабии гузашта мебошад.

4.Усули интиқод ва дахолати Шамси Қайс ба шеър хоси филологҳо буда, вай дар ҳар се қисмати асараш камомади алфоз ва маъниро мавриди интиқод қарор додааст. Нақди Шамси Қайс бо тараққиёт ва пешрафти услуби адабии шеър воқеъ мешуд.

5.Назари интиқодии Шамси Қайс дар қисмати «Адавоти шеър ва муқаддамоти шоир» махсусан ҷолиби диққат буда, вай дар ин қисмат масъалаи дониши назарии шоирро кор карда баромад ва онро ба марҳилаҳо ҷудо карда ба як тартиби муайян дарорад.

Вай ноқидиро мисли шоирӣ истеъдод меҳисобад ва ин ду истеъдод на ҳамеша дар як кас дучор меоянд. Шамси Қайс шоирро ба «нассоҷ»-бофанда ва ноқидро ба «далол» монанд мекунад ва баҳои ноқиди донишманд ва бетарафро барои шеър ва шоир судбахш меҳисобад

6.Вай дар шеър риояи арӯз ва қофияро зарур дониста, маърифати онро барои ҳар соҳибзавқ ҳатмӣ медонад.

Муаллиф қисмати «бадеъ»-ро дар асараш нисбат ба Родӯёнӣ ва Ватвот мухтасар оварда бошад ҳам, тавсифи якчанд «саноати мустаҳсан»-ро бори аввал зикр карда,муҳим будани онҳоро дар эҷоди бадеӣ таъкид мекунад. Қисмати «бадеъ»-и «Алмӯъҷам...» боз як тозакории дигар ҳам дорад, чунонки маълум мешавад, Шамси Қайс яке аз аввалинҳо шуда дар ин қисмат аз хусуси якчанд ҷинси адабӣ маълумот додааст.

7.Нақди алфоз ва маъно, ки дар гузашта вучуд дошт асрҳо ҳамчун меъёри санҷиши каломи бадеъ ба кор бурда мешавад. Шояд аз ҳамин ҷиҳат аст, ки нуқсонҳои аз лиҳози камомади алфозу маъно нишон додаи Шамси Қайс дар эҷодиёти шоирони баъд аз Шамси Қайс зиндагӣ ва эҷод карда хеле кам вомехӯрад. Ӯ дар асараш, нишон додани ҳолати калимаҳои шеърӣ аз ҷиҳати шоистагӣ ва ношоистагӣ

ва риояи истеъмоли дурусти алфоз ва адои маънӣ дастурхои судбахш додааст, ки ҳанӯз аҳамияти худро гум накардаанд.

8.Ба ҳамин тариқ, нақди адабии гузаштаи мо барои фанни дақики адабӣ заминае пайдо карда, доманаи нақди адабии имрӯзаро хеле комилтар ва хеле васеътар мекунад ва барои тарбияи фикр ва завқи нависанда ва хонанда кӯмак мерасонад.

Азбаски адабиёти классики мо сарчашмаи асосии инкишофи шеъру адабиёти имрӯза аст, омӯхтани афкори танқидии гузашта барои адабиёти имрӯза аз ҷиҳати сухани бадеъ ва саҳеҳии лафз аҳамияти калон дорад. Аз тарафи дигар, омӯзиши осори интиқодии гузашта барои адабиёти тоҷик на фақат аҳамияти таърихии адабӣ, балки пеш аз ҳама арзиши адабии амалӣ дорад.

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри Х1.Душанбе 1979.
2. Абдулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома, Душанбе, Ирфон,1966, ҷ.6.
3. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои 12-14(Очеркҳо қисми якум), Дониш, Душанбе-1976.
4. Айнӣ С. Аз мактубҳои С.Айнӣ ба адибони тоҷик, мактуб ба М.Турсунзода, «Шарқи Сурх», 1956, №4.
5. Алишер Навоий. Асарлар, Тошкент, 14т., 1967.
6. Аристотель. Поэтика, Москва, Гихл. 1957.
7. Афсаҳзод Аълохон, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Газетаи муаллимон,15.11.1083.
8. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ.Сталинобод,1958.
9. Баранов Х.К. Арабско-русский словарь, Москва,1962.
10. Бартольд В.В Туркистан в эпоху Монгольского нашествия, М., 1963.
11. Белинский В.Г. Собр.соч. в 9 т.Москва, 1976,т.1.
12. Белинский В.Г. Собр.соч. в 9 т.Москва, 1976,т.11.
13. Бертельс Е.Э. Носири Хисроу и его взгляды на поэзию, Известия АН Тадж. ССР. отд. общ.наук.выпуск № 4, 1953.
14. Бертельс Е.Э. Избранные труды. История литературы и культуры Ирана.-Москва.Наука,1988.
15. Бертельс Е.Э.История персидско-таджикской литературы. Москва, 1960.
16. Брагинский И.С. Очерки из истории таджикской литературы, Сталинабад, 1956.
17. Брагинский И.С. Из истории таджикско-персидской литературы.Москва,1970.
18. Брагинский И.С. От Авесты до Айнӣ, Душанбе,1981.
19. Брагинский И.С. Изучение вклада народов востока в мировую эстетическую мысль:-Дар китоби Проблемы теории литературы и эстетики в странах востока,Москва, 1964.
20. Введение в литературоведение. Под ред. Г.Н.Поспелова, Москва,1976.

21. Буниятов З.М. Государство Хорезмшахов-Ануштегинидов. Москва,1986.
22. Воҳидов С. Шеър аз назари Муҳаммад Авфӣ.Маориф ва маданият, 5.08.1973.
23. Ғафуров Б.Г.Таджики. Древнейшая, деревня и средневековая история.-М.:Наука,1972.
24. Гегель Г.В. Ф.Эстетика М.,Искусство,1960.
25. Ҷаъфар Акрам. Особенности азербайджанской метрики арӯза Москва, ИВА,1960.
26. Девони Анварӣ. Муқаддимаи Р. Ҳодизода, Душанбе, 1971.
27. Добролюбов Н. А. Собр. соч., В з-х томах-М.:Худож.лит.1952.Г.3.
28. Древнегреческая литературная критика.-М.:Наука,1975.
29. Зеҳнӣ Т.Н. Санъати сухан, Душанбе,1979.
30. Краткая литературная энциклопедия. -М.: Совет эциклопед.,1967.т.4.
30.[а] Карокатуллоева Н. Мавқеи дубайтӣ дар адабиёти тоҷик. Душанбе, 1972.
31. Крачковский И.Ю.Избр.соч. М.-Л..1956,т.2.
32. Крачковский И.Ю.Избр.соч. М.-Л..1960,т.6.
33. Куделин А.Б.Средневековая арабская поэтика.-М:Наука,1983.
34. Лосев А.Ф. История античной эстетики, (Ранный эллинизм).М.:Искусство.1979
35. Мануҷеҳрӣ, Мунтахабот,Душанбе, Дониш.1974.
36. Мақсуд Шайхзода, Устоднинг санъатхонасида, Шарқ Юлдузи,1965№10.
37. Мунтахаботи «Тарҷимонулбалоға» ва «Ҳадоикуссеҳр».Душанбе 1987.Таҳияи профессор Худой Шарифов.
38. Мусульманкулов Раҳим. Атауллах-и Маҳмуди Ҳусайнӣ и вопросы таджикско персидской классической поэтики, Дисс. На соискание уч.степ.докт.филологических наук. Душанбе-Ленинград.1980.
39. Мусулмонқулов Раҳим. Асрори Сухан, Душанбе:Ирфон.1980.

40. Мусулмонқулов Раҳим. Атаулахи Махмуди Ҳусайнӣ, Душанбе.: Дониш. 1983.
41. Мусульманкулов Раҳим. Атауллах-и Махмуд-и Ҳусайнӣ и вопросы таджикско-персидской классической поэтики: Автореф.дис....д-ра филол. Наук.-Душанбе,1981.
42. Мушкилоти Ибни Сино.Душанбе,1980.
43. Низоми Арӯзи Самарқандӣ. Сборник редкостей или четыри беседы, М., 1963.
44. Пушкин А.С. Полн. собр. соч._В 10-ти т., Л.:Наука, Ленинград. отделение,1978т.7.
44.[а] Персидско-русский словарь. Под.ред. Ю.А. Рубинчика:-Москва,-1970. том.2.
45. Рашидаддин Ватвот. Сады волшебства в тонкостях поэзии.Москва,1985.
46. Рӯдакӣ, Душанбе,Ирфон.1974.
47. Сатторов А. Аз таърихи афкори адабӣ ва эстетикии форсу тоҷик (асрҳои X-XV). Дис. канд.филол.наук,Душанбе,1972.
48. Сатторов А. Саҳифае аз таърихи нақд.-Садои Шарқ 1968,№9
49. Сатторов А. Зинаҳои камолот.-Маориф ва маданият.16 феврали 1974.
50. Сатторов А. Зинаи нав.- Маориф ва маданият.20 май 1975.
51. Сатторов А.Таснифи ҷомеъ ва муфид. Маориф ва маданият. 25 октябр 1975.
52. Сатторов А. Вазифаи таъхирнопазир.-Маориф ва маданият 1977.19 январ.
53. Сатторов А. Нуқтаи пайванд.-Душанбе; Ирфон, 1982.
54. Сирус Б.И. Қофия дар назми тоҷик. Сталинобод; 1955.
55. Сирус Б.И. Арӯзи тоҷикӣ.-Душанбе;Нашр.дав.тоҷик 1963.
56. Сирус Б.И. Назарияи нави қофиябандӣ дар шеъри тоҷик.- Душанбе, Ирфон.1972.
57. Чалисова Н.Ю.Трактат «Ҳадаик ассихр фи дакоик ашшеър» Рашидаддина Ватвата. Автореф. дис.канд.филол.наук.-М.,1980.

58. Шарифов М. «Нақди маънӣ дар «Алмӯъҷам...»-и Шамси Қайси Розӣ».-Материалы научно-теоретической конференции молодых учёных Таджикской ССР (общ.науки).Душанбе,1983.
59. Шарифов М. Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ дар бораи авзони фахлавиёт.Ахб.акад.фанҳои РСС Тоҷикистон, шӯъбаи фанҳои ҷамъиятӣ-№1-1984.
60. Шарифов М. Шамси Қайси Розӣ ва асари ӯ «Алмӯъҷам...» журн.Уфуққои илм,1984 №4.
61. Шарифов Х. Ташаккули афкори адабии тоҷик дар асрҳои Х-Х1:-Дис.канд. филол.наук.-Душанбе,1970.
62. Шарифов Х. Рисолаи қадимтарин роҷеъ ба илми шеър. Садои Шарқ,1971.№6.
63. Шарифов Х.Принсипҳои инъикос ва тарзи эҷод. Садои Шарқ. 1977, №9.
64. Шарифов Х.Баъзе масъалаҳои эҷоди бадеӣ дар «Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ»-дар китоби:Образ ва маҳорат.-Душанбе 1980.
65. Шарифов Х.Шоир ва шеър.-Маданияти Тоҷикистон 1982,7декабр.
66. Шукруллоев К. Рӯдакӣ аз назари Шамси Қайс.-Маориф ва маданият.1981,13 май.
67. Шукруллоев К. Ноқид ва шоир аз назари Шамси Қайс.-Газетаи муаллимон,1982,-2 август.
68. Шукруллоев К. Мизони сухан ва нақди шеър.-Садои Шарқ.1983, №5.
69. Ҳусейнзода Ш.-Моҳияти шеър дар ёдгориҳои адабии асри Х.-Садои Шарқ.1979, №9.

АДАБИЁТИ БО ХАТТИ АРАБӢ ВА БО ЗАБОНҲОИ ФОРСИВУ АРАБӢ НАШРШУДА

70. Абулқосими Козарунӣ. Суллам-ассамовот, таълифаш 1014 мутобиқи 1605-1606, нусхаи қаламӣ аз фонди дастхатҳои шӯъбаи Петербургии Институти Шарқшиносии Федератсияи Руссия, таҳти рақами 684а.
71. Абдучаббор Алмуталлибӣ. Мувофиқу филададби ваннақд. Бағдод.1980.

72. Аббос Иқбол. Таърихи муфассали Эрон. Теҳрон.1312.
73. Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ. Арӯзи Ҳумоюн. Теҳрон.1335.ч.1.
74. Абдулҳусейн Зарринкӯб. Нақди адабӣ. Теҳрон.1338.
75. Абдулҳусейн Зарринкӯб. Нақди адабӣ. Теҳрон.1354.ч.2.
76. Абдулҳусейн Зарринкӯб. Шеъри бедурӯғ шеъри бениқоб. Теҳрон.1344.
77. Абдулҳусейн Зарринкӯб. На шарқӣ, на ғарбӣ, инсонӣ. Теҳрон.1353.
78. Абдулҳусейн Зарринкӯб. Ёддоштҳо ва андешаҳо. Теҳрон.1350.
79. Абӯабдулло Муҳаммад бинни Аҳмад бинни Юсуф Котиби Ҳоразмӣ. Мафотехулулум. Теҳрон,1341.
80. Абӯалӣ ибни Сино. Фанни шеър аз қисмати «Мантик»-и «Китобушшифо»-тарҷумаи Муҳаммад Донишпажӯҳ. Маҷаллаи «Сухан», 1325 №6-7.
81. Абӯнаср Муҳаммад бинни Муҳаммад Форобӣ, тарҷумаи «Эҳсоулулум». Теҳрон, 1348.
82. Амир Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Теҳрон,1344.
83. Воҷидалӣ Муҳмалӣ. Матлаъулулум ва маҷмаъулфунун. Навалкишур,1908.
84. Давлатшоҳи Самаркандӣ. Тазкиратушшуаро. Лейден,1900.
85. Девони Рашидаддини Ватвот бо «Ҳадоикуссеҳр фӣ дақоиқушшеър». Теҳрон.1338.
86. Девони Унсурии Балхӣ, бо кӯшиши Дабир Саёкӣ. Теҳрон.1342.
87. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Теҳрон,1339,ч.1.
88. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Теҳрон,1354,ч.2.
89. Камолиддин Ҳусейн Воизи Кошифӣ. Бадоеъулафкор фӣ саноеъулашъор. Москав. 1977.
90. Маҳмуди Каёнуш. Қудамо ва нақди адабӣ. Теҳрон,1354.
91. Муфти Муҳаммад Саъдуллоҳи Муродободӣ. Мизонулафкор фи шарҳи меъёрулашъор. Лакҳнав,1300.

92. Муҳаммад Авфии Бухорӣ. Лубобулалбоб. Теҳрон,1335.
93. Муҳаммад бинни Умар Арродуёнӣ. Тарҷумонулбалоға. Теҳрон, 1339.
94. Муҳаммад бинни Маҳмуди Омӯлӣ. Нафоисулфунун фӣ ароисулуюн. Чопи сангӣ, бидуни таърих.
95. Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд. Равзатуссафо. Лакҳнав.1914.
96. Муҳаммад Тақӣ Баҳор. Маликушшуаро. Сабкшиносӣ. Теҳрон,1335.
97. Муҳаммад Қазвинӣ. Бист мақола. Теҳрон,1332.
98. Муҳаммад Қазвинӣ. Муқаддимаи мусаҳҳеҳ дар китоби «Алмӯъҷам», Теҳрон.1338.
99. Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб. Сабки Хуросонӣ дар шеъри форсӣ. Теҳрон, 1338.
100. Мударрис Ризавӣ. Муқаддимаи мусаҳҳеҳ дар «Алмӯъҷам». Теҳрон,1338.
101. Насираддини Тӯсӣ. Асосулиқтибос. Теҳрон1326.
102. Насираддини Тӯсӣ. Меъёрулашъор. Теҳрон,1334.
103. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Теҳрон,1334.
104. Номаҳои Рашидаддини Ватвот. Бо қалами Қосими Тавсирконӣ. Теҳрон,1338.
105. Оқои Оқо Мирзо Ҷалоладдини Ҳумой. Таърихи адабиёти Эрон. Исфаҳон, 1308.
106. Парвиз Нотили Хонларӣ. Вазни шеъри форсӣ. Теҳрон,1345.
107. Рашидаддини Ватвот. Ҳадоиқуссеҳр фӣ дақоиқ ишшеъри. Теҳрон,1308.
108. Саид Нафисӣ. Таърихи назм ва наср дар забони форсӣ. Теҳрон, 1344.
109. Сухан ва суханварон. Таълифи Бадеъуззамон Фурӯзонфар. Теҳрон,1317.ч.1.
110. Фаррухии Сиистонӣ. Девон. Теҳрон,1311.
111. Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ. Алмӯъҷам фӣ маойири ашъорил Аҷам. Бейрут,1909.
112. Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ. Алмӯъҷам фӣ маойири ашъорил Аҷам.Теҳрон,1338.

113. Шамси Қайси Розӣ. Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ. Исфаҳон,1342.
114. Шафеъии Кадканӣ. Дар бораи қофия. Дар мачаллаи Сухан, давраи шонздаҳум,1342.
115. Ғиёсуддин Муҳаммад. Ғиёсуллуғот.Навалкишур,1899.
116. Қудома ибни Ҷаъфар. Нақдушшеър. Истамбул,1302.

ЗАМИМА

Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ

Бидон, ки шеърро адавотест (асбоб, олот) ва шоирро муқаддамоте, ки бе он ҳеҷ касро лақаби шоирӣ назебад ва бар ҳеҷ шеър номи нек дуруст наояд. Аммо адавоти шеър-калимоти саҳеҳ ва алфози азб ва ибороти балеғ ва маонии латиф аст, ки чун дар қолиби авзони мақбул резанд ва дар силки абёти матбӯъ кашанд, онро шеъри нек хонанд ва тамоми санъат чуз ба истикмоли олот ва адавоти он даст надиҳад ва камоли шахс бе саломати аъзо ва абъози он сурат набандад.

Ва аммо муқаддамоти шоирӣ он аст, ки мард бар муфрадоти лугате, ки бар он шеър хоҳад гуфт, вуқуф ёбад ва ақсоми таркиби саҳеҳ ва фосиди онро мустаҳзар шавад ва мазоҳиби шуарои муфлақ (шоире, ки сухани шигифт ва аҷиб оварад) ва умарои калом дар таъсиси мабонии шеър ба сулуки маноҳичи (роҳҳои) назм бишносад ва суннат ва тариқати эшон дар нуут ва сифот ва дараҷоти мухотабот ва фунуни таъризот ва тасриҳот ва ва қавонини ташреҳот ва тачнисот ва қавоиди мутобақот ва муғолатот ва вуҷуҳи маҷозот ва истиорот ва соири маснуоти каломӣ бидонад ва бар тарфе аз ҳикам ва амсол ва шатре аз таворих аз ақволи мулуки мутақаддам ва ҳукамои солиф воқиф гардад ва маонии латиф аз заъиф фарқ кунад ва бар ҳусни матлаъ ва лутфи мақтаи ҳар шеър муталлеъ шавад, то ҳар маъниро дар кисвати иборате лоиқ бар минассаи (ҳичлаи арӯзӣ) назм нишонад ва дар сарди сухан дар маонии сард ва ташбеҳоти козиб ва ишороти маҷҳул ва иймооти мушкил, ийҳомоти нохуш ва тачнисоти мутакаррар ва авсофи ғариб ва истиороти баъид ва маҷозоти нодуруст ва такаллуфоти сақил ва тақдими таъхироти нодилписанд, муҷтаниб бошад ва дар хама абвоб аз қадри хоҷат ба тарфи ифроту тафрит берун наравад ва аз мо лобудд (ночор) накоҳад ва дар мо лояънӣ (бемаънӣ) наяфзояд ва пеш аз он-к дар назми шеър шурӯъ кунад ва ба даъвии шоирӣ миён дарбандад, аввал мухтасаре дар илми арӯз ва қавофӣ бархонад, то бар буҳури қадим ва ҳадис (нав) воқиф шавад ва авзони хуш ва нохуш

фарқ кунад ва яҷуз ва ло яҷузи (лозиму нолозим) азоҳиф бидонад ва саҳеҳи абёт аз сақим бишносад ва қавофии аслӣ тамиз кунад ва он гаҳ сармояе нек аз гуфтаҳои матбӯъ ва масмуи устодони ин санъат ва покизагӯёни ин фан ба даст орад ва аз қасоид ва муқаттаоти дурусттаркиб, азбалфоз, латифмаонӣ некуматлаъ, писандимақтаъ, ширинмухлас аз даъвоини машҳури маъруф ва ашъори мустаъзаби мустаҳсан дар фунуни мухталиф ва анвои мутафарриқ тарфе тамоман ёд гардад ва ҷавомеи ҳиммат бар мутолиа ва музокираи он гуморад ва ба баҳс истиқро бар дақоиқи ҳақоиқи маснуоти он воқиф гардад, то он маонӣ дар дили ӯ русух (устувор) ёбад ва он алфоз дар зеҳни ӯ қарор гирад ва он иборат малакаи забони ӯ шавад ва маҷмӯи он моддаи табъ ва мояи хотири ӯ гардад, пас чун қареҳати ӯ дар кор ояд ва сикри (банди) табъи ӯ кушода шавад, фавоиди он ашъор рӯй намояд ва натоиҷи он маҳфузот падид ояд, он гоҳ шеъри ӯ чун чашмаи зулол бошад, ки мадад аз рӯдҳои бузург ва ҷӯйҳои амиқ дорад. Ва чун маъҷуне (хамира) хушбӯй ояд, ки равоихи машоми арвоҳро муаттар гардонад ва кас бар ахлоти он воқиф нашавад ва бояд чун ибтидои шеъре кунад ва оғози назм мениҳад, нахуст насри онро пеши хотир орад ва маонии он бар сафҳаи дил нигаронад ва алфози лоиқи он маонӣ тартиб диҳад ва вазни мувофиқи он шеър ихтиёр кунад ва аз қавофӣ он-ч мумкин гардад, ба хотир бад-он мусомиҳат (осон намудан) кунад, бар вараке нависад ва ҳар чӣ аз он саҳл ва дуруст бошад ва дар он вазн ҷойгир ва мутамаккин ояд, интихоб кунад ва шойгон (қофияи арзон) ва маъмулро бад-он роҳ надиҳад ва дар назми абёт ба саёқати сухан ва тартиби маонӣ илтифот нанамояд, то ҷумлаи қасидаро бар сабили мусаввада таълиқ занад ва кайфа моиттфақ (чӣ тарзе, ки иттифоқ афтад) бигӯяд ва бинависад ва агар иттифоқ уфтад, ки қофияте дар маъние ба кор бурда бошад ва ба байте машғул карда, баъд аз он маънии беҳтар рӯй намояд ва байте аз он азбтар даст диҳад, он қолиб дар он байт мутамаккинтар ояд, нақл кунад, пас агар ба байти аввал ҳоҷат бошад, он қофияти дигар талабад ва агар на, тарки он орад ва чун абёт бисёр шуд ва маонӣ тамом гашт, ҷумларо марратан баъда ухро аз сари иттифоқ боз хонад ва

дар нақду танқеҳи он муболиғат намояд ва миёни абёт талфиқ кунад ва ҳар якеро ба мавзеи хеш боз барад ва тақдими таъхир (препозиция постпозиция) аз он зоил гардонад, то маонӣ аз якдигар гусаста нашавад ва абёт аз якдигар бегона нанамояд ва ба ҳама вуҷӯҳ тавофиқи абёт ва масореъ (мисраҳо) ва татобиқи алфоз ва маонӣ лозим дорад. Чӣ бисёр бошад, ки ду мисраъ ё ду байт бо якдигар аз роҳи маънӣ мутаносиб наояд ва бад-он сабаб равнақи шеър ботил гардад, чунон-к шоир гуфтааст:

Дар ҷоми ӯст чашмаи ҳайвон аз он к-аз ӯ,
Дин барқарору қоидаи мулк маҳкам аст.

Ва мисраи аввал лоиқи дуввум нест ва ин маънӣ дар рубоиёт бештар афтад, ки шоирро маънии хуш дар хотир ояд ва бештар чунон бувад, ки онро байти охир созад, пас аввалӣ бад-он илҳоқ кунад ва дар он аз таносуби лафз ва таҷоруби маънӣ ғофил бошад, чунон-к Разии Нишопурӣ гуфтааст:

Ҳар дам зи ту дил бо дами сарде будааст,
В-аз ҷоми ту ҷуръаеву мардӣ будааст.
Маъзурам агар дарди саре додам аз он-к,
Он дарди сарам аз сари дарде будааст.

Ки нахуст байти охирин гуфтааст ва онгах байти аввалро бад-он илҳоқ карда ва мисроъи дуввум аз байти аввал лоиқи маънии байт наяфтодааст ва атфи (пайванди) он бар мисроъи аввал неку наёмада ва чунон-к вазир Бӯнасри Кандарӣ гуфтааст:

Шеър
Бе он-к ба кас расид зӯре аз мо,
Ё гашт парешон дили мӯре аз мо,
Ногаҳ баровард бад-ин расвой,
Шӯрида сари зулфи ту шӯре аз мо.

Ки мақсуд байти дуввум будааст ва байти аввал тамоми шеърро, бад-он илҳоқ кардааст, лоҷарам таносуби мухтал (халал) дорад, ба ҷиҳати он ки шӯре, ки аз сари зулфи ёр хезад, натиҷаи зулме ва озори диле бошад, илло он ки магар андешидааст, ки бе он ки ман дилеро пароканда кардам, сари зулфи ту маро пароканда кард ва ин маънӣ дар мағозилат ва ишқбозӣ иллате ракик (бемаънӣ) аст ва дар қавофӣ авло чунон бошад, ки таъини он бар маънӣ муқаддам дорад, пас маъниро бад-он илҳоқ кунад ва бар он бандад, то мутаммакин ояд ва ҳеҷ касро тағйири он мумкин нагардад, чунон-к Анварӣ гуфтааст:

Душ бо осмон ҳаме гуфтам,
Бар сабили суоли маплаб, «Ай»,
Ки мадори ҳаёти олам кист?
Рӯй сӯй ту карду гуфто: Вай!
Гуфтам инро далел бояд, гуфт:
Ҳеҷ донӣ, ки мечигӯйӣ,ҳай.
Мир об ҳасту ҳақ ҳамегӯяд.
«Ва мин ал мои куллу шайин ҳай» (арабӣ)
(Ҳама чиз бо об зиндааст).

Ва ҳеҷ шоир ягон қофияро аз ин шеър ба дигаре муносиб табдил натавонад кард ва агар назм ибтидо кунад ва он гоҳ қофияро бар он бандад раво бувад, ки чунон мутаммакин наёяд ва тағйир ва табдили он мумкин бувад, чунон-к дигаре гуфтааст:

ШЕЪР

Савдои ту то дар сари ман сохт мақар,
Ғамҳои ту аз танам бинагзошт асар.
В-акнун дар дил орзуи ҳеҷам нест,
Ҷуз орзуи рӯи ту эй зебо х(в)ар.

Ва агар касе хоҳад, ки ин қавофиро ба дигаре хуштар аз он табдил кунад, тавонад, чунон-к гӯяд:

ШЕЪР

Савдои ту то дар сари ман сохт қарор,
Ғамҳои ту аз танам баровард димор.

В-акнун дар дил орзуи ҳеҷам нест,
Ҷуз орзуи рӯи ту эй зебо ёр.

Ва ҳамчунин бояд, ки дар алфоз ва маонии ҳар байт дақоиқи танаввуқ, (некбинӣ) ба ҷой орад то агар лафзе ракик афтад, азбе ба ҷои он биниҳад ва агар маъние қосир ёбад, тамом кунад ва дар ин боб чун наққоши чирадаст бошад, ки дар тақосими нукуш ва тадовири шох ва баргҳо ҳар гуле бар тарфе нишонад ва ҳар шох ба сӯе берун барад ва дар рангомезӣ ҳар сабғ ҷое харҷ кунад ва ҳар ранг ба гуле диҳад, он ҷо ки ранги сер лоиқ ояд, нимсер сарф накунад ва он ҷо, ки сабғи равшан бояд, торик ба кор набарад ва чун ҷавҳарӣ устод бошад, ки ба ҳусни таълиф ва таносуби таркиб равнақи иқди хеш бияфзояд ва ба тафовути талфиқ ва бетартибе назми оби марвориди хеш набарад ва бояд ки дар афонини суҳан ва асолиби шеър чун насиб ва ташбиб ва мадҳ ва замм ва офарину нафрин ва шукру шикоят ва қиссаву ҳикоят ва суолу ҷавоб ва итобу истиътоб ва таманнуъу тавозеъ ва таабиву тасомиҳ ва зикри диёру русум ва васфи осмону нуҷум ва сифат ва ҳору анҳор ва шарҳи риёҳу амтор ва ташбеҳи лайҳу наҳор ва наъти асбу силоҳ ва шикояти ҷангу масоф ва фанни таҳонӣ ва таозӣ аз тариқи афозили шуаро ва ашоири фузало удул (дониста ба ғалат роҳ додан) нанамояд ва дар нақл аз маъние ва таҳвил аз фанне ба фанне ҳуруҷе латиф ва шурӯе мустаҳсан воҷиб донад ва дар риояти дараҷоти мухотабот ва вуҷӯҳи мадоеҳ ба ақсо ал-амкон бикӯшад, мулук ва салотинро ҷуз ба авсофи подшоҳона, чунон-к дар фасли иғроқ баён карда омадааст, наситояд ва умароро бо авобиди (авоиди) теғу қалам ва таблу алам мадҳ кунад, содот ва уламоро ба шарафи ҳасб ва таҳорати насб ва вуффури фазл ва ғазорати илм ва назоҳати арзу набоҳати қадр ситояд, зуҳҳод ва уббодро ба табаттал (дунёбезор) ва анобит ва таваҷҷӯҳи ҳазрати иззат сифат кунад, авсот-унносро ба маротиби нозили авом фурӯъ наёрад, авомро аз пояи хеш бисёр барнагзаронад, хитоби ҳар як фарохӯрӣ мансаб ва лоиқи мартабаи ӯ кунад ва ҳар маъниро дар зийи лафзе мутобиқ ва либоси иборате мувофиқ берун орад, чӣ кисвати иборот мутааддад аст ва

сувари маонӣ мухталиф ва ҳамчунон-к зани соҳибҷамол дар баъзе малобис хубтар намояд ва канизаки бешбаҳо дар баъзе маориз харидоргиртар ояд, ҳар маъниро алфозе бувад, ки дар он мақбултар афтад ва иборат бошад, ки бад-ин латифтар намояд ва дар ин боб назму наср яксон аст ва сухани мавзуну номавзун баробар; чунон-к гӯянд яке аз хулафои қоҳир омилеро ба шаҳре фиристод ва ӯро дар тиймор доштӣ, шахсе аз маорифи он вилоят васият фармуд ва дар он муболиғати тамом намуд. Омил бар муҷиби фармони девон азизи он шахсро эҳтиром воҷиб дошт ва ба илтимоси ӯ баъзе аз зиёъи он мамлакат бар сабили амал бар вай навишт ва таҳсили тарфе аз амволи хизона бар вай бозгузошт, пас ба саоити шаррирон ва намимаи (суханчинии) бадгӯён хотири омил аз вай озурда гашт ва ваҳшате аз ҷонибайн падид омад ва он шахс ба қуввати истизҳоре (пушту паноҳе) ба иноятӣ девон дошт, баъд-он илтифоте нанамуд ва онро вазне нанҳод, то ба мурури айём он озор кинае тамом шуд ва адовате бузург гашт. Омил он шуғл аз вай фурӯ кушуд ва дар муҳосибати ӯ манокишат пеш овард. Рӯзе он маъруф бо омил дар муҳокот овоз баланд кард ва сухани сахт гуфт, омил ба таъдиби ӯ ишорат кард. Аз атроф бад-ӯ дастҳо дароз шуд ва мушту чӯб равон гашт ва аз он заработи мухталиф яке бар мақтали ӯ омад, дарҳол ҷон таслим кард, омил аз карда пушаймон гашт ва аз хашми девон андешаманд шуд, зарҳо дар харҷ андохт ва ба қаробини халифа илтиҷо сохт ва дасти тазаррӯъ дар домани муқаррибони ҳазрат зад ва ба хар ҷо як аз эшон чизе навишт то бошад, ки яке аз эшон ба вачҳе ҷамил он ҳол ба мақоми арз расонад ва узри ӯ дар он иқдом тақдим кунад ва ғаромати он ҷариматро бар мол қарор дихад ва ба уқубати ғазаби девони азиз маъхуз нагардад. Ҳеҷ офаридаро ёрои он надид, ки дар ин боб қадам пеш ниҳад ва он илтимосро даст бар сина занад ва ҳамгинон мутаффиқ буданд, ки агар ин ҳол ба масомеъи муборак расад, бешак ба қатли омил фармон диҳад ва ҳеҷ касро маҷоли шафоат набошад.

Омил дабире фозил ва соҳибсухане комил дошт, чун қалақ (нооромӣ) ва изтироби ӯ бидид ва ачзу изтироби ӯ мушоҳида кард гуфт; махдумро чандин андеша ба хотир роҳ

набояд дод ва ин ҳодисаро чандин изм набояд ниҳод, ки ман дар аснои хидмате, ки ба ҳазрат фиристам, ин ҳолро қисвати иборате пӯшонам ва арзи ин воқеа ба вачҳе дар қалам орам, ки бар ту ҳеҷ товон набошад ва дар истирзои (хушнуд кардан) халифа ба чандин такаллуф ва тазаррӯъ эҳтиёҷ наяфтад. Он гах қалам бардошт ва мисолҳое, ки буд боз намуд, чун сиёкати сухан бад-ин ҳикоят расид гуфт: «...ҳоли фалон маъруф чунон бувад, ки ӯро амини баъзе аз амволи девон сохтам ва хоин ёфтам, адабаш кардам, таъдиби ман бо ачали ӯ мувофиқ афтод». Чун он мактуб ба ҳазрат расид ва он ҳол маҳали ариз ёфт, лаззати балоғати ин иборат ва лутфи мавқеи ин узр нагзошт, ки ба ҳеҷ вачҳ ноираи ғазабе дар ботини халифа иштиғол гирад, ё тағйироти хотире ба замири ӯ роҳ ёбад. Омил сарозод аз он варта берун омад ва ройгон аз он хатар халос ёфт.

Ва дар шеър аз ин чинс бисёр будааст, ки ба як байт азоими умур сохта шуда аст ва риқоби (гардани) уқул дар рибқаи (ҳалқаи таноб) тасхир омада ва зағоинӣ (кинаӣ) маврус ба муваддат ва муҳаббат бадал шуда ва баръакс басе будааст, ки як байт мавчиби асорати фитнаҳои бузург шудааст ва сабаби ироқати (рехтани) хунҳои хатир гашта, чунон-к шоир гуфтааст:

ШЕЪР

Ба байте шавад марди бокина нарм,
Биҷӯшад ба байте дигар хун зи тан,
Басо дил, ки гашт аз паи шеър ром,
Басо сар, ки бибрид назми сухан.

ФАСЛ

Ва набояд, ки хеҷ оқили соҳибмурувват модеҳи хешро, ки ба тамаъе шеър ба вай оварда бошад, аз ҷоизае маҳрум гузорад ва ба андаку бисёр дар муқобилаи мадҳ ба вай эҳсоне накунад, ки аз Ҳусейн бинни Алӣ ...нақлест, ки рӯзи шоиреро атое ҷазил (фаровон) дод, яке аз ҳозирони маҷлис гуфт:... Беҳтарин базла, ки аз моли хеш кунӣ он бошад, ки арзи хешро бад-он аз бадгуфти халқ нигоҳдошт ориву аз ҷумлаи х(в)ост ва талаб беҳафтоди хеш яке он аст, ки аз шурур бипарҳезӣ ва худро дар маърази он наёрӣ ва андар ин боб Муайядии шоир қитъае гуфтааст:

На ҳар касе сухани наср назм донад кард,
Ки назми шеър атоест аз маҳелани фард.
Агар бипозад шоир бад-он шигифт мадор,
Ки пойгоҳи ҷинонаш Худой рӯзӣ кард.
Мадеҳи ӯ бирасонад сари яке ба сӯҳо
Ҳиҷои ӯ зи сари дигаре барорад гард,
Агарчи наср бувад хуб хубтар гардад,
Ҷу шоире ба иборати хеш ба назм овард.
Ба шеър шод шавад марди лаҳв рӯзи нишот,
Ба шеър фахр кунад марди ҷанг рӯзи набард.
Касе ки шоир хате фурӯ кашад бар вай,
Зи хеш натавонад ба ҳеҷ ҳила ситард.
Биҷӯй то бипавонӣ ризои шоиру ҳеҷ,
Дар ӯ мапеч агар бихрадиву зиракманд.

Ва дигаре гуфтааст:

Ба шеър гардад ҷовид номи мардуми нек,
Ба шеър дарбинакӯҳанд ҳарзакоронро.
Ки то ба некӣ рағбатнамой гардад мард,
Зи бад бурида шавад майл ҳушёронро.

Ва ҳам аз ин ҷиҳат набояд, ки хеҷ олими хештандор бар радду айби ҳар шоир далерӣ кунад ва дар ракокати лафзу сухофати (бемаъноии) маънии он бо ӯ дам занад, илло ки

восиқ (эътимобахш) бошад, бо он ки он шоир сухани ӯро маҳзи шавқат ва айни беҳомӯзӣ хоҳанд шинохт ва аз он мустафид ва мустаршид хоҳад буд. Чи дар ин аҳд ҳеҷ санъат мустахифтар (хордоррандатар) ва ҳеҷ ҳирфат мубтазалтар аз шеъру шоирӣ нест, барои он ки ҳар пеша, ки аз он беҳтар набошад ба ҳар саноат, ки аз он пиромӯзтар набувад, то мард муддате бар мазовалати он мудовамат наменамояд ва дар он маҳорате, ки устодони он санъат биписандад ҳосил намекунад, ба даъвии он берун намеояд ва карда ва сохтаи хеш ба ман язиди арз намебарад. Илло шеър, ки ҳар кас, ки сухани мавзун аз номавзун бишинохт ва қасидае чанд кажмаж ёд гирифт ва аз ду-се девон чанд қасида дар мутолиа овард, ба шоирӣ сар бар меорад ва худро ба муҷарради назми орӣ аз тахзиби алфоз ва такриби маонӣ шоир мепиндорад ва чун ҷоҳиле шефтаи хеш ва муътақиди шеъри хеш шуда, ба ҳеҷ вачҳ ӯро аз он эътқод боз натавон овард ва айби шеъри ӯ бо ӯ такрир натавон кард ва хосили иршод ва насиҳати ӯ ҷуз он набошад, ки аз гӯянда биранҷад ва сухани ӯро баҳонаи бухл ва нишони ҳасади ӯ шуморад ва раво бошад, ки аз ғусса ба беҳуда гуфтан дарояд ва ҳачв низ огоз ниҳад, чунон-к маро бо фақеҳе афтод, ки ба Бухоро дар санаи иҳдо ва ситтамоия (601-/1204-1205) ба хидмати ман рағбат намуд ва 5-6 сол ӯро некӯ бидоштам ва ӯ пайваста шеъри бад гуфтӣ ва мардум бар вай хандидандӣ то баъд аз чанд сол чун бар азми Ирок ба Марв расидам, рӯзе бар девори сарое, ки он чо нузул карда будем, навишта дидам:

БАЙТ

Дунё ба мурод ронда гир ахраҷаҳу,
Сад номаи умр хонда гир ахраҷаҳу.

Бар сабили тайибат ӯро гуфтам, ин байт чӣ маънӣ дорад ва «ҳо»-и ахраҷаҳу оиди кист ва фоили ахраҷ кист? Гуфт нағз гуфтааст ва ҳақиқат баён кардааст, яъне ҳар мурод, ки дорӣ ёфта гир ва дер солҳо зиста гир ҳам оқибатуламр аҷал даррасад ва мардро аз дунё берун барад. Фоили-ахраҷа-аҷал аст ва замир оид ба мард аст, ки ба такрир дар ин байт лозим аст ва такрири байт чунон аст, ки эй мард дунё ба

мурод ронда гир, он гоҳ мегӯяд, «ахрачаҳу»-яъне ачал биёяд ва ӯро берун барад. Ҷамъе, ки ҳозир буданд, бар тафсири байт ва такрири наҳви ӯ бихандиданд. Пас гуфт: шак нест, ки ахрачаҳу нек наншонидааст, мебоист, ки фоили он зоҳиртар аз ин будӣ, ман байте бигӯям беҳтар аз ин ва дигар рӯз биёмад ва гуфт: «байте сахт неку гуфтам» ва байт ин буд:

ШЕЪР

Шодӣ ба дилам ба ройгон ахрачаҳу
Чун суде нест бар забон ахрачаҳу
Чун лашкари ғам вилояти дил бигирифт,
Ӯ султон аст ба як замон ахрачаҳу.

Бар ин шеър низ замоне бихандидам ва «таҳсине» чанд кардам, баъд аз он иттифоқ афтод, ки рӯзи панҷшанбе рӯза медоштам ва наздики фурӯ шудани офтоб бар сари саҷҷода ба зикре машғул будам, биёмаду гуфт: «ду байте беҳтар аз он дар «адхалаҳу» ва «ахрачаҳу» гуфтам», бишнав ва байт ин буд:

ШЕЪР

Айшу тарабу нишот чун адхалаҳу,
Дар дил чу набуд худ кунун адхалаҳу,
Саҳрои дилам чу лашкари ишқ гирифт,
Ғам ахрачаҳу шодӣ фузун адхалаҳу.

Ман аз сари риққате, ки дар он вақт доштам гуфтам: эй Хоҷа Имом ту марди салимулқалбӣ ва бар ман ҳуқуқи хизмат собит кардаӣ, намеписандам, ки ту илми шеър надониста шеър мегӯӣ, он чӣ мегӯӣ нек нест ва мову дигарон ба ту механдем ва худро вубол ҳосил мекунем. Насиҳати ман бишнав ва дигар шеър магӯ. Бархост ва гуфт: Ҳоло нек омад, дигар нагӯям. Ва пас аз он дар хачви ман омад ва бо мардумоне, ки донистӣ бо ман нагӯяд, мегуфт. Илло он ки он ҷамоат пайваста мегуфтанд, ки эй Хоҷа Имом гуро мусаллам аст, ки хасмони худро чун ругӯ кардан. Ман рӯзе пурсидам, ки ин чӣ истиллоҳ аст, магар шеъре гуфтааст ва якеро ругӯ карда, гуфтанд, на аммо мегӯяд, ман бо ҳар ки

мунозира кунам, аз ман кам ояд ва ба далел ва ба ҳуҷҷати қотеъ ӯро хору залил гардонам, чун ругӯи ҳайз. То дар санаи сабъа ашарата (ин ҷо ғараз аз санаи 17-соли 617/1220-1221 аст), ки ба Рай расидам, ӯро он ҷо ба кӯдаке назар афтод ва пайваста ба вай чизе додӣ ва аз ман ба чиҳати вай чизе ситадӣ, магар ашъори хеш бар сафинае (девоне), ки ба чиҳати ӯ карда буд, менавишт ва баъд аз панҷ шаш моҳ дар Рай вафот кард. Он кӯдак ба талаби мурооте, ки пайваста ба чиҳати Хоҷа Имом аз ман ёфта буд, пеши ман меомад. Рӯзе гуфт: Хоҷа Имом ҳаққи неъмати ту нашинохта буд ва туро бад бисёр гуфтааст ва ҳачвҳо карда ва бар сафинаи ман навишта. Гуфтам, сафина биёр то бингарам. Гуфт, бародаре бузург дорам он сафина бо вай аст ва ба Ҳамадон рафтааст, аммо хаттаке аз они ӯ дорам, биёрам ва он камтарин ҳачве аст, ки гуфтааст: Коғоз бисутудам, дидам дар он навишта:

ШЕЪР

Шамси Қайс аз ҳасад маро дӣ гуфт,
Шеъри ту нек нест беш магӯй.
Хостам гуфтанаш, ки эй хартабъ,
Кас чу ту нест айби мардумгӯй.
Даъвии шеър мекуниву арӯз,
Беҳтар аз шеъри ман ду байт бигӯй.
Варна бас кун зи айби шеъри касе,
К-ӯ ба ҳаҷват чунон кунад чу ругӯй.

Ва дар зери ругӯй навишта, ки яъне ругӯй-ҳайзи мустаҳозикон ва беҳтар аз ин чаҳор кофияи «гӯй» ҳар як ба маъние чун тавон оварда, лаънат бар он ҳосидон ва ҷоҳилон бод.

Ман чун ин хат бидидам бидонистам, ки он чӣ дар Марв он чамоат мегуфтанд: «Эй Хоҷа Имом туро мусаллам аст хасмонро чу ругӯ кардан» ин калимот будааст, ки бар эшон хонда аст ва он сухан истилоҳ карда, ки бар ҳар вақт пеши ман мегуфтанд ва фоидаи насихате, ки аз рӯи шафқат бо ӯ гуфтаам ин буд, ки ҳачву дашноми ман дар Ироқу Хуросон бар гӯшаи сафинаҳо мусбат мондааст ва маа залика аз рӯи инсоф чун анвои суханони мардум ҳамчун асноф ва табақоти

халқ мухталиф ва мутафовут аст, баъзе неку баъзе зишт, баъзе нек, баъзе бад, баъзе малех, баъзе борид ва ҳама дар тадовили хулқ меояд ва дар истеъмоли мардум бар кор мешавад, чунон ки бисёр базлае нохуш ва мазҳакае сард бошад, ки дар мачлиси бузурге чунон баркор нишинад ва қоили он аз он манфиате ёбад, ки бисёр базлҳои хуш ва мазоҳики ширин даҳяки он ба худ набинад ва чунон-ки ҳарорҳо(дастаи) муханнасон, ки бо риккати лафз ва ҳиссати (хасисии) маъно дар баъзе мачолис чандон тараб дар мардум падид меорад, ки бисёр қавлҳои бадеъ ва таронаҳои латиф падид наорад ва чун ҳол ба ин чумлат аст. Сухани касеро рад кардан ва ӯро дар рӯи ӯ бар он сухани сард гуфтан аз ҳазм (дурандешӣ) ва ақл дур аст ва дар шаръи мақорими ахлоқ маҳзур. Аммо агар касе хоҳад, ки дар фанни шеър ба дарачаи камол расад ва сухан чунон ороят, ки писанди арбоби табъ бошад, бояд чаҳд кунад то назму насри ӯ ба алфози покиза ва маонии латиф ороста ояд ва чунон ки бо сувари маонии бадеъ дар кисвати алфози ракик сар фурӯ наёрад ба нуқуши иборати балеғ бар рӯи маонии вохӣ фирефта нашавад, чи маънии бе иборат хеч тароват надорад ва иборате бе маънӣ ба хеч нашояд ва Абдулҳазил Аллоф чун сухане шунидӣ бе маънии латиф гуфтӣ. «Ҳазо калому фориғу». Пас аз вай пурсиданд, ки чӣ маънӣ дорад каломи фориғ? Гуфт, алфоз авъияти (зарфҳои) маонӣ аст ва маонӣ амтиъаи (матои) ӯ, пас ҳар сухан, ки дар ӯ маъние латиф набошад, ки табоъи аҳли тамийзро бад-он майл бувад, ҳамчунон бошад, ки ваъои (зарфи) холӣ ва фориғ, дар вай хеч матоъ набувад ва бояд, ки ба хеч ҳол дар аввали вахлат (навбат) бар гуфта ва пардохтаи хеш эътимод накунад ва то онро марратан баъда ӯхро бар ноқидони сухан ва дӯстони фозили мушфиқ арз надорад ва хато ва савоби он аз эшон ба тариқи истиршод нашнавад ва эшон ба сиҳати назм ва қабули вазну дурстии қофият ва узубати алфоз ва латофати маонии он хукм накунанд, онро бар минассаи арзи омма нанишонад ва дар маърази писанд ва нописанди ҳар кас наёрад, ва чун соҳибҳунаре ба маърифати шеър - шӯҳрат ёфт ва ба наздики нахорири (донишмандӣ) суханварон ба накди

шеър маҳкум алайҳ шуд ва мушорилайҳ гашт, сухани ӯро дар радду қабули ҳар лафз ва маъние, ки гӯянд нассӣ (чизи муайян) сареҳ шиносад ва ӯро дар он муҷтаҳидӣ мусаяйб донад ва ба ҳар чӣ гӯяд аз вай ҳуҷҷате қотеъ ва иллате возеҳ наталабад, ки бисёр чизҳо бувад, ки ба завқ, дарғавон ёфт ва аз он иборат натавон кард, чунон ки аз он иборат наметавонистам кард, чунон ки Иброҳим Мавсилӣ мегӯяд: рӯзе Муҳаммад Амин маро аз ду шеър бипурсид, ки кадом беҳтар аст ва ҳарду ҳам наздик буд, илло он ки дар яке лутфе ба завқе дармеёфтам, ки аз он иборат наметавонистам кард, гуфтам ин шеър беҳтар аст. Амин гуфт, ваҷҳи тарҷеҳи ин бар он чист? Гуфтам, ин як ба лутфе махсус аст, ки табъ бар он гувоҳӣ медиҳад ва забон аз он таъбир наметавонад. Гуфт, рост мегӯӣ, ки гоҳ-гоҳ ду асп меафтад, ки ҳар чӣ нишони фароҳат (хубӣ) аст, дар ҳар ду меёбему ва канизак меоранд, ки ҳар чӣ авсофи ҳусну ҷамол аст, дар ҳар ду мушоҳида мекунем ва чун ба наҳҳоси ҳозиқ менамоем, аспро бар дигаре тарҷеҳ мениҳад ва канизакеро бар дигаре мазият медиҳад ва чун аз вай ваҷҳи ручҳон (ба маънои хубӣ) ва мазийяти ин бар он металабем, он чӣ ба касрати дурбат ва тӯли мумориса (таҷриба) ва мазовилати (кӯшиши) байъ ва широи давобб (хариду фурӯши маркаб) ва арриқоъ (банда) ба завқ ёфтааст, дар иборат наметавонад оварад.

Ва бояд донист, ки нақди шеър ва маърифати ракик ва расийи ва ғасс ва самийни он ба шеъри нек гуфтан тааллуқ надорад ва бисёр шоир бошад, ки шеъри накӯ гӯяд ва нақди шеър чунон-ки бояд натавонад ва бисёр нокиди шеър бошад, ки шеъри нек натавонад гуфт. Ва яке аз фузало ва умарои каломро пурсиданд, чаро шеър намегӯй? Гуфт аз баҳри он-к чунон-к мехоҳам, ки ояд намеояд ва он-чӣ фароз меояд, намехоҳам ва бештари шуаро бар он бошанд, ки нақди шеър шоирони мучийд тавонад кард ва чуз эшонро нарасад, ки дар раду айби он сухан гӯяд ва ин ғалат аст, аз баҳри он ки мисли шоир дар назми сухан ҳамчун устоди нассоҷ (бофанда) аст, ки ҷомахои мутаққаввим бофад ва нуқуши мухталиф ва шохбаргҳои латифу гузоришҳои дақиқ ва давволҳои (нақшҳо) ширин дар он падид орад, аммо қимати он чуз самсорон (даллолон) ва баззазон, (порчафурӯшон), ки

ҷомаҳои бешбаҳо аз ҳар навъу матои ҳар вилоят ба дасти эшон бисёр гузашта бошад, натавонад кард ба ҷуз эшон надонанд, ки лоиқи хизонаи подшоҳу шоистаи кисвати ҳар навъ аз табақоти бузургон кадом бошад ва ҳеҷ кас ҷулоҳро (бофандаро), нагӯяд, ки баҳои ин ҷома бикун ва ҷулоҳ агар баҳои ҷомаи хеш кунад аз ҳисоби ремон ва абрешим ва зарришта ва рӯзгори амали хеш дар натавонад гузашт ва лутфи ҷома ва ширинӣ аз зебоии он натавонад донист, илло ки базозӣ карда бошад ва ҷомашинос шуда. Пас қавли ӯ агар бишнавад ба чиҳати базозӣ ва самсорӣ шунаванд, на аз рӯи ҷулоҳгӣ ва ҷомабофӣ чи ҳар кас, ки чизеро ба ҳайати иҷтимоӣ бинад ва мустаъмали он бар он ҳайат буда бошад, ҷавдат ва радоати он беҳтар аз бардорандаи он донад, ки ба таркиби муфрадоти он онро аз қувват ба феъл оварда бошад ва низ шоир назми сухан ба шаҳвати табъи хеш кунад ва шеър бар вуқуфи ҳочат ва лоиқи сурати воқеа гӯяд, ки ихтиёрӣ он барои некӯии лафз ва маънӣ кунад ва фарқ бисёр аст, миёни он чи ба шаҳват ва хушомад талабанд ва он чи барои некӯӣ ва сутудагӣ хоҳанд ва шеър фарзанди шоир аст, чун байте чанд гуфт, ҳар чӣ гуна, ки омад, агар чи донад, ки камтар аз абёти дигар афтода аз хештан наёбад, ки гуфтаю пардохтаи хешро ботил кунад ва бузургон гуфтаанд: «Алмаръа мафтуну биалқлиҳи ва шеърихи ва ибниҳи» - яъне мард фитна ва магрури ақли хеш, шеъри хеш ва писари хеш бошад ва ба писанди ақл ва шеър ва фарзанди хеш мубтало бувад, аммо нокидро дил насӯзад бар шеъри дигарон. ки на ӯ хотир сӯзонидааст, дар назм ва тартиби алфоз ва маонии он. Пас ҳар чӣ некӯ бошад ихтиёр кунад ва ҳар чӣ ракик бошад, бигузорад, чӣ шоир дар назми хеш толиби хушомад бошад ва нокид ҷӯяндаи беҳомат бувад.

ФАСЛ

Ва набояд, ки шоир бо худ тасаввур кунад, ки шеър мавзеи изтирор (ночорӣ) аст ва муқаддамон барои зарурати шеър хатоҳо иртикоб кардаанд ва лахнҳо дар шеъри хеш ба кор доштанд, чи иктидо бо некӯгӯён некӯ ояд, на ба бадгӯён ва низ бояд, ки шеъри шуарроро ғорат накунад ва маонии эшон ба тағири авзон ва ихтилофи алфоз дар шеъри хеш ба кор набарад, ки мулки мардум ба тасарруфи фосид тамаллук напазирад ва сухани дигарон бар хештан бастан далолат ба фазл накунад.

Ва бибояд донист, ки сиркоти шеър чаҳор навъ аст: **интиҳол ва салх ва илмом ва нақл.**

АММО ИНТИҲОЛ

Сухани дигаре бар хештан бастан аст ва он чунон бошад, ки касе шеъри дигареро мукобира бигирад ва шеъри хеш созад, бе тағйире ва тасарруфе дар лафз ва маънии он ё ба тасарруфе андак чунон-к байте бегона ба миёни он дарорад, ё тахаллус бигардонад, чунон ки Саноӣ гуфтааст.

ШЕЪР

Гирди рухат саф задаст лашкари деву парӣ,
Мулки Сулаймон туруст гум макун ангуштарӣ.
Пардаи хубӣ бисоз имшабу берун хиром,
Заҳраи Зӯҳра бисӯз з-он рухи чун Муштарӣ.
Куфр мумаккин шудӣ бо мадади ғазъи ту,
Гар назади лаъли ту мавкаби пайгамбарӣ.
Ишқи ту овард хӯй –хастани бемарҳамӣ,
Ҳичри ту овард расм- куштани бедоварӣ.
Ҳичри ту монанди васл ҳаст равон баҳри он-к
Ба сари бозори тез кӯр бувад муштарӣ.
Ақл дари дил бикӯфт ишқи ту гуфт, андар ой,
Садри сарой они туст гар ба ҳарам нангарӣ.
Чун зи ту дил бар нахӯрд боре бари оби кор
Хидмати Хусрав гузин, то ту зи худ бархӯрӣ.
Хусрави Хусравнасаб Султони Баҳромшоҳ,
Он, ки чун Баҳром ҳаст хоки дараш Муштарӣ.

Гашт Саной ба ишқ бандаи даргоҳи ӯ,
З-он ки мар ӯрост бас хӯи сапопарварӣ.

Ва ҳамчунин Имодӣ гуфтааст ва байте чанд бар он зиёдат оварда ва тахаллус ба шоҳи Мозандарон кардааст:

ШЕЪР

Гирди рухат саф задаст лашкари деву парӣ,
Мулки Сулаймон турост гум макун ангуштарӣ.
Пардаи хубӣ бисоз имшабу берун хиром,
Заҳраи Зӯҳра бисӯз з-он рухи чун Муштарӣ.
Сулҳ ҷудо кун зи ҷанг з – он ки на некӯ бувад,
Дастгаҳи шишагар пойгаҳи козарӣ.
Ишқи ту ҳамчун фалак хирманш шодӣ бидод,
Сад касеро як гарӣ як касеро сад гарӣ.
Куфр мумаккин шудӣ бо мадади ҷазъи ту,
Гар назади лаъли ту мавкаби пайгамбарӣ.
Ишқи ту овард роҳ – хастани бемарҳамӣ
Ҳаҷри ту овард расм - куштани бедоварӣ.
Ҳаҷри ту монанди васл ҳаст равон баҳри он-к
Ба сари бозори тез кӯр бувад муштарӣ.
Ақл дари дил бикӯфт ишқи ту гуфт, андар ой,
Садри сарой они туст гар ба ҳарам нангарӣ.
Зулфи ту бар души ту гуфт ба гӯши дилам
Ҳам бихӯрӣ эй фузул, ҳам дигаронро барӣ,
Гуфт дили ман бад-ӯ рав-рав ёва магӯй,
Мард ба дӯзах равад, бар тамъаи меҳтарӣ.
Гарчи зи ҳам даргузашт дар чамани боги ишқ,
Сабр маро фарбеҳӣ, раҳм туро логарӣ.
Бошаме густохвор бо ту ки лошай купад,
Сад гунаҳи ин сарӣ як назари он сарӣ.
Ҳусни ту ҷовид бод, то ки зи савдои ту,
Табъи Имодӣ ба сеҳр хатм кунад шоарӣ.
Чун зи ту кас барнахӯрд, боре бари оби кор,
Хидмати Хусрав гузин то ту зи худ бархурӣ.
Шоҳи Фаромарзи род давлату динро Имод
Хусрави Мозандарон моҳи некахтарӣ.

Ва ҳар ду дар як аср буданд, маълум нест, ки собиқ кадом аст ва ғосиб кадом, чунон-к Муъиззӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Гарчи ба ҷафо даст баровардастӣ,
Бардарам даст то фуруд орӣ даст.

Ва Рофеъӣ аз ӯ бурдааст ва гуфта:

ШЕЪР

З-ин пас ба Худо эй санами ишвапараст,
Бардорам даст то фуруд орӣ даст.

Ва ҳамчунин Муъиззӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Тавонтири ҳаракоташ ба дидаи душман,
Ҳамон кунад, ки зумуррад ба дидаи афъӣ.

Адиб Собир аз ӯ бурдааст ва гуфта:

ШЕЪР

Ба сабри ман санамо он лабу чу буссади ту,
Ҳамон кунад, ки зумуррад ба дидаи афъӣ.

Ва Булфараҷи Рунӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Гуфта боз-о бар он сарири дараш,
Мараҳабо- марҳабо, дарой-дарой.

Ва Анварӣ аз ӯ бурдааст ва гуфта:

ШЕЪР

Гуфта бо ҷумлаи заввор сарир дари ту
Марҳабо барнагузар хоҷа-фуруд ою дарой.

Ва Фаррухӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Аз ниҳеби ханҷари хунхори ту рӯзи набард,
Хун ба рӯй ояд ба ҷои хай адуро аз масом.

Ва Заҳир аз ӯ бурдааст ва гуфта:

ШЕЪР

Бадандешро аз тафи қаҳри ту,
Ба ҷои арақ хун чакад аз масом.

Ва Муъиззӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Мардум ба шаҳри хеш надорад басе хатар.
Гавҳар ба кони хеш наёрад басе баҳо.

Ва Анварӣ аз вай ғорат кардааст ва гуфта:

ШЕЪР

Ба шаҳри хеш дарун бехатар бувад мардум,
Ба кони хеш дарун бе баҳо бувад гавҳар.

Ва Булфараҷ гуфтааст:

ШЕЪР

Аз хоби гарон фитна сабук бар наканад сар,
То дидаи ҳазми ту бувад равшану бедор.

Ва Заҳир аз ӯ бурдааст ва гуфта:

ШЕЪР

Ҷовидон фитна сар аз хоби фано барнорад,
То дар офоқ, чу ҳазми ту бувад бедорӣ.

ВА АММО САЛХ

Пӯст боз кардан ва дар шеър ин навъ сирқа чунон бошад, ки маъниву лафз фаро гирад ва таркиби алфози он бигардонад ва бар вачҳе адо кунад, чуноне ки Рӯдакӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Бӯшакур аз ӯ бурдааст ва гуфта:

ШЕЪР

Магар пеш биншонандад рӯзгор,
Ки беҳ з-ӯ наёби ту омӯзгор.

Ва Рӯдакӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Ришу сиблат ҳаме хизоб кунӣ,
Хештанро ҳаме азоб кунӣ.

Абӯтоҳири Хусравонӣ аз ӯ бурдааст ва гуфта:

ШЕЪР

Аҷаб ояд маро зи мардуми пир,
Ки ҳаме ришро хизоб кунад,
Ба ҳизоб аз аҷал ҳаме парҳад,
Хештанро ҳаме азоб кунанд.

Ва Мӯъиззӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Пуштам дуто на аз паи он шуд, ки ишқи ту,
Боре бар ӯ ниҳад зи андешаву ано.
Гум шуд дилам зи дасту ба хок андар уфтод,
Кардам зи баҳри ҷустани ӯ пушпро дуто.

Ва дигаре аз ӯ бурдааст ва гуфта:

ШЕЪР

Гуфтӣ, ки дуто чаро шавад қомати мард,
Зеро, ки зи гавҳари ҷавонӣ шуд фард.
В-онро, ки биуфитод чизе аз даст,
Пушт аз паи ҷустанаш дуто бояд кард.

Ва Масъуди Саъди Салмон гуфтааст:

ШЕЪР

Гумонам аз гами он тирвор қомати ту,
В-аз ӯ маро ҳама дарду ғамаст қисмату тир.
Маро нишонаи тири фироқ карду ҳаргиз,
Касе шунид, ки бошад камон нишонаи тир.

Ва Таъйидии Розӣ аз ӯ бурдааст ва гуфта:

ШЕЪР

Карди тани ман ба бозӣ-бозӣ,
Азбаски дар ӯ ту тири мижгон созӣ.
Туркон ҳама тир аз камон андозанд,
Пас чун, ки ту тир дар камон андозӣ.

ВА АММО ИЛМОМ

Қасад кардан ва наздик шудан аст ба чизе ва дар сирқоти шеър он аст, ки маъние фаро гирад ва ба иборате дигар ва вачҳе дигар ба кор орад, чунон-к Азракӣ гуфта аст:

БАЙТ

Садаф зи бими ялон шавад ба коми наҳанг.
Зи хун ба ранги явоқит ранг карда лаол.

Яъне лаолӣ «ё» аз барои зарурати шеър андохта аст ва Анварӣ аз ӯ бурдааст ва некӯтар аз ӯ гуфта,

БАЙТ

Қаҳри ту гар талоя ба дарё кашад, шавад,
Дур дар самими ҳалқи садаф донаи анор.

Ва Шиҳоб Муайиди Насафӣ гуфтааст:

БАЙТ

Ҳаме полид хун аз ҳалқаи танги зарра берун,
Бар он гуна, ки оби норполое ба парвезан.

Заҳир аз ӯ бурдааст ва беҳ аз ӯ гуфтааст:

БАЙТ

Ту ки бар таш хасми ту диръи Довудӣ,
Зи захми теги ту парвезане бувад хунбез.

Ва Муиззӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Чу бинвишт бар лавҳ номи туро,
Фурӯ истод аз навиштан қалам,
Ҳаме гуфт з-ин пас чӣ донам навишт,
Чу ҷузвеву кулле навиштам ба ҳам.

Анварӣ ин маъниро аз ӯ бурдааст ва некӯ гуфта:

ШЕЪР

Чун заминро шарафи мавлиди ту ҳосил шуд,
Осмон роҳи назират бизад андар таҳсил.
Худ вуҷуди чу туе бори дигар мумтанеъ аст,
В-арна не файз гусастасту на файёз бахил.

ВА АММО НАҚЛ

Он аст, ки дар ин боб шоир маънии шоири дигар бигирад ва аз бобе ба боби дигар барад ва дар парда берун орад, чунон-к Мухторӣ гуфтааст:

БАЙТ

Кучо шуд он зи қабои дарида дӯхта чатр,
Кунун бибояд чатраш дараду дӯхт қабо.

Разии Нишопурӣ ба боби мадҳ бурдааст ва гуфта:

БАЙТ

Ба азми хидмати даргоҳи ту бар ҳар тарафе,
Басо мулук, ки аз тоҷ мениҳанд камар.

Ва чунон-к дигаре гуфтааст, дар боби шикоят аз рӯзгор:

ШЕЪР

Бар тахти зар онро ниҳад имрӯз фалак,
К-ӯ ҳамчу нигин сода бувад ё ганда.

Разии Нишопурӣ ба боби мадҳ накл кардааст ва гуфта:

ШЕЪР

Ҳар он-к хотами мадҳи ту кард дар ангушт,
Сар аз даричаи заррин бурун кунад чун нигин.

Ва Ғазоирӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Савоб кард, ки пайдо накард ҳар ду ҷаҳон,
Ягона эйзиди додори беназиру ҳамол.
В-арна ҳарду бибахшидаӣ ба гоҳи ато,
Умеди банда намондӣ ба эйзиди мутаол.

Разии Нишопурӣ онро накли неку кардааст ва тарки адаби ӯ аз он бияндохта ва гуфта:

ШЕЪР

Ба мавҷи баҳру ба файзи саҳобу тобиши моҳ,
Макун нигоҳу маҷунбон сахотро заҷир.
Ки дастрас ба-ду кавн асту ӯ чу даршӯяд,
Ба ҳеҷ вачҳ пасаш н-ояд ин матои ҳақир.

Ва чунон-к шоире гуфтааст:

ШЕЪР

Дар ишқи ту ҳамвоқеъаи Маҷнунам
Яъне зи шумори оқилон берунам.
Зин гусса, ки бо ман чу алиф рост най,
Пайваста чу вов дар миёни хунам.

Ва дигаре ин амал ба лафзи чон накл кардааст ва гуфта:

ШЕЪР

Аз хатти ту дидаро гуҳарсой кунам,
В-аз лафзи ту нуткро шакархой кунам.

Ҳар ҳарферо зи номаи маймунат,
Монанди алиф миёни ҷон ҷой кунам.

Ва аз нақлҳои нодир он аст, ки Рӯдакӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Агар гул орад бор он рухони ӯ нашигифт,
Ҳароина чун ҳима мехӯрад гул орад бор.

Дақикӣ онро ба ҳамон вазн ва қофия нақле лоиқ кардааст ва гуфта:

ШЕЪР

Агар сар орад бар он синони ӯ нашигрифт,
Ҳароина чу ҳама хун хӯрад сар орад бор.

Ва арбоби маонӣ гуфтааст, чун шоиреро маъние даст диҳад ва онро кисвати иборате нохуш пӯшонад ва ба лафзе ракик адо кунад ва дигаре ҳамон маъно фаро гирад ва ба лафзе хуш ва иборате писандида берун орад. Ӯ бад-он авло гардад ва маъно мулки ӯ гардад «ва лил-аввал фазл ас-сабқ»-чунон-к Рӯдакӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Бо сад ҳазор мардум танҳой,
Бе сад ҳазор мардум танҳой.

Яъне бо сад ҳазор мардум ту фардӣ баҳунар ва дониш дар миёни эшон ва бо сад ҳазор мардум ту бисёрӣ ва гӯй ба ҷои сад ҳазор мардумӣ ва агарчи маънӣ некуст иборате ракик аст ва Унсурӣ аз вай бурдааст ва гуфта:

ШЕЪР

Агарчи танҳо бошад ҳама ҷаҳон бо ӯст,
В-агарчи бо ӯ бошад ҳама ҷаҳон танҳост.

Ва байти Унсурӣ агарчи дар он басте кардааст, некутар ва азбтар аз байти Рӯдакӣ аст. Пас ин маъно мулки Унсурӣ шуд ва Рӯдакиро фазли сабқ монд ва ҳамчунон-к дар байти Муъиззӣ ва нақли Анварӣ гуфтаем:

Чун заминро шараф мавлиди ту ҳосил шуд.

В-агар шоири дуввум маънии шоири аввалро татимае наёрад, ки бад-он равнаки маъно бифизояд ва кисвати иборате балеғтар ва азбтар аз он напӯшонад, ӯ дузди маъно бошад ва эҳсон аввалинро бувад, чунон-к дар байти Булфараҷ ва Анварӣ гуфтем:

Гуфта бо ҷумлаи заввори сарири дари ту.

Ва дар байти Мӯъиззӣ ва байти Анварӣ гуфтаем:

Ба шаҳри хеш дарун, бехатар бувад мардум.
Ки ин сирқаи маҳз аст ва мулк аввалини опрост.

ФАСЛ

Ва бибояд донист, ки шоир дар ҷавдати (накӯии) шеъри хеш ба бештари улум ва одоб мӯҳтоҷ бошад ва бад-ин ҷиҳат бояд ки мустатраф (аз наву тоза огоҳ) бувад ва аз ҳар боб чизе, ки донад то агар ба эроди маъние, ки фанни ӯ набошад мӯҳтоҷ шавад, овардани он бар вай душвор нашавад ва чизе нагӯяд, ки мардум истидлол кунанд бад-он, ки ӯ он маъно надонистааст, чунон-к Мӯъиззӣ гуфтааст:

Сазад гар бишнавад тавҳиди Яздон,
Ҳар он мӯъмин, ки бошад ӯ мусулмон.
Ки чун бошад мусулмон марди мӯъмин,
Дилаш бикшояд аз тавҳиди Яздон.

Ва мӯъмин набошад, ки мусулмон набувад, аммо мусулмон бошад, ки мӯъмин набувад, ки агар фарқе ниҳанд миёни иймон ва ислом нахуст иймон бошад он гоҳ ислом чи иймон тасдиқ ва бовар доштани Худо ва расул аст ва чунон-к Анварӣ гуфтааст:

ШЕЪР

Кайвон мувофиқони туро гар ҷигар хӯрад.
Насрини чархро ҷигар ҷадӣ мустаҳ бод.

Ва мустаҳ иборат аст аз тӯъмаи мурғони шикорӣ, ки ба вақти ҳоҷат бад-эшон диҳанд ва каргас на аз ҷумлаи шикараи мустаҳҳ(в)ор аст ва аз ин ҷиҳат ин байт бар вай гирифтаанд.

Ин аст маоние, ки дар фанни шоирӣ лозим бошад донистан ва умед аст, ки агар соҳибтабъе ин ҷамъро дар мутолиа дорад ва ҳар боб, ки расад надониста аз сари он дар нагзарад, ба муддате андак дар суханварӣ насран ва назман тахриче тамом ёбад ва бар истеъмоли алфоз ва маонии балеғи латиф қодир гардад.

ЛУҒОТ

А

Абъоз-ҷамъи баъзе-баъзеҳо
Адонӣ-1.наздиктарин, 2.паст, фурӯмоя
Азб-ширин, оби хуш
Азроб-монандҳо ва ҳамто
Айима-ёва, ҳарза, беҳуда
Акфо-ҳамсарон
Ароҷиф-ҷамъи гумон
Арқо-бандагон
Атф-1.баргаштан ва моил шудан ба чизе, 2.пайвандак
Ахлот-чизҳои дарҳам омехта
Ақосӣ-ҷамъи ақсо
Ақрон-наздикон
Аҷзо-ҷузъҳо

Б

Баид-дур
Бизоат-тӯша, мол, коло

В

Вафқ-мувофиқат
Восик-эътимодбахш

Ғ

Ғавомиз-ҷамъи «торик», нофаҳмо
Ғавр-амиқии фикр
Ғазорат-бисёр шудан

Д

Даввоб-маркаб
Даввол-нақшхо
Дар силки итрод мунтазам-ба мурод расанда
Долла-далолат, раҳнамоӣ
Дурбат-хӯ кардан

З

Зоиҷа-сарнавишти кӯдак аз рӯйи пешгӯии муначҷим

И

Иймоот-ишора кардан, киноя ва рамз
Изм-бузургӣ
Изтирор-бечорагӣ
Имъон-диққат ва дурандешӣ
Иртизо-писандидан ва хушнуд шудан
Истизҳор -пушту паноҳ талабидан
Истикмол-камол ёфтан
Истихроҷ-берун овардан
Итноб-дароз кардан (суханро)
Итрод-рост ва мустақим будан
Ифрот-аз ҳад гузаштан
Ифҳом-фахмидан
Ихтибор-озмоиш, огоҳӣ ба чизе
Иқтидо-касб кардан, варзидан
Иқтизо-талаб
Иқтироҳ-ба ҳукм аз касе чизе хостан
Иқтисор-кӯтоҳ кардан

К

Кайфа мо иттафақ-чи тарзе, ки иттифоқ афтод
Кеҳтар-хурдтар
Кисват-либос
Козиб-дурӯғгӯ

Қ

Қалақ-ноороми
Қареҳат-истеъдод, ташаббус

Л

Лосийямо-бахусус
Лоячуз-ноҷоиз

М

Мабонӣ-сохтмон
Мазийят- афзунӣ, бартарӣ
Мазоҳиб-мазҳабҳо, роҳҳо
Мактуб-навишташуда

Малфуз-талаффузшуда
Маноҳиҷ-роҳҳои рост
Маншур-нашршуда, фармон
Марратан баъда ухро-чанд бор паи ҳам
Машъуф-шефта ва дилбохта
Маъдуд-шумурдашуда
Маъҷун-хамира
Маҳзур-харом, норавон
Маҳфузот-ҳифзшуда, нигохдоршуда
Маҷмаҷа-хабардор накардан, ногахонӣ
Маҷҳул-номаълум
Мизмор-майдон
Минасса-ҳичлаи арӯс (чизе баланд)
Мо лобудд-ноилоҷ, ночор
Музовилат-кӯшиш дар коре
Мултаим-пайвастагидиҳанда
Муморасат-дар коре кӯшиш кардан
Муомара-бо касе машварат кардан
Мураббаъ-чаҳоргӯша
Муросалот-мактубнависӣ
Муртафеъ-баланд
Мусомаҳот-осон кардан, саҳл ангоштан
Муставдаот-бовар кардан, чизеро ба амонат гузоштан
Мустатриф-наву тоза
Мустаҳифтар-хордорандатар
Мусташҳид биҳи-истишҳод овардан аз он
Мутааххир-баъдинаҳо
Мутадовил-маълум, ба расмият даромада
Мутакаллиф-шахсе, ки дар коре аз ҳад зиёд кӯшиш мекунад
Мутакассир-шикаста
Муттолиъ-доно ва огоҳ
Муфлиқ-шоире, ки сухани шигифта ва аҷиб оварад
Муҳосаба-ҳисоб кардан
Муҳаббир-сиёҳкунанда, хушнавис
Муҷтаниб-каноргиранда
Мӯъзалот- амри душвор
Мӯъҷам-харфи нуқтадор, ба маънои китоби луғот ҳам омадааст

Н

Намима-суханчинӣ
Нассоҷ-бофанда
Наск-тарз
Наххос-бардафурӯш, чорпофурӯш
Нуут-наътҳо

О

Отил-холӣ ва бекор

Р

Ракик-сустӣ, марди беақл
Руҷҳон-моил гардидан
Рибоъ-чамъи рубъ саро ва маҳалла
Рибқа- халқаи таноб
Рикоб-гардан
Русух-устуворӣ

С

Самсор-даллол
Сахофат-тангӣ ва камхирадӣ намудан
Сақим-нодуруст
Сикр-маҳкам, банд, баст
Соиб-дуруст
Солиф-пешгузашта
Сулук-роххо
Суннат-қонун, қоида, одат

Т

Тааллум-таълимот
Табвиб-боб-боб чудо кардан
Талфиқ-бо ҳам овардан
Тансиқ-интизом ва тартиб додан
Таотӣ-икдом, чуръат
Тасриҳот-шарххо
Тафассӣ-аз душворӣ халосӣ ёфтан
Тафрит- кӯтоҳӣ дар коре кардан
Таъризот-ба киноя чизе гуфтан

Тақдим ва таъхирот-пешу қафо кардан
Тақайюд-банд кардан, муқайяд сохтан
Тобааллоҳу алайҳи-тавфиқ диҳад Худо ӯро

Ф

Факк-ҷудо шудан
Фасеҳ-хушбаён
Фаҳво-маъно
Фитнат-ошӯб, сахтӣ, расвой
Фуҳул-мардон

Х

Хизб-айши зиёд
Хиссат-хасисӣ, фурӯмоягӣ

Ҳ

Ҳадар-ботил, зоеъ
Ҳадис-нав
Ҳадс-дарёфтан
Ҳазм-устувор ва маҳкам кардани коре
Ҳима-гармии оташ, сӯхтан
Ҳирфа-пеша, касбу кор
Ҳуллият-бахшиш

Ҷ

Ҷибиллат-хислат ва табиият

Ш

Шаъв-пешгирӣ
Широ-харид
Шозз-ғайри оддӣ

Я

Яҷуз-ҷоиз аст

ШАРИФОВ МАҲМАДЁР

ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ – НОҚИДИ ШЕЪР

Ба чопаш 18.02.2010 имзо шуд. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$.
Қоғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопӣ 9,75. Теъдоди нашр 100.
Супориши № 33.

ҶДММ "ЭР-граф".
734036, Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218
тел: (37) 881-15-16